Замимаи 1

Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар соли 2020 вобаста ба ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал

## 1. Санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он барои таъмини нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ** 1.1. **Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо арзёбӣ гардиданд**.

### 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Дар соли 2020 ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят 49 Фармон ва 2 амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 86 қарор, 6 фармоиш ва 10 амри Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 адад Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 фармоиши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гаридааст.

Ҳамзамон, дар давраи ҳисоботӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд 2189 адад супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст, ки мувофиқи муҳлатҳои муқарраргардида оид ба рафти иҷрои ин санадҳо ба мақомотҳои дахлдор ахбор пешниҳод карда шудааст.

Дар ин замина, аз ҷониби раиси вилоят дар давраи ҳисоботӣ дар заминаи Амру Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои дахлдор ба тавсиб расида, ҷиҳати корбарӣ ва иҷрои саривақтӣ ба воҳидҳои сохтории дахлдори вилоятӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ирсол гардидааст.

## 2. Маълумот оид ба ҷараёни иҷрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмин волоияти қонун

**Нишондоди пешакии самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ барои таъмини нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ** 2.1. **Иҷрои ваколатҳои мақомоти намояндагии маҳалллии ҳокимияти давлатӣ тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ"**, 2.1.1. **Дараҷаи амалигардонӣ ва азхудкунии маблағҳои Нақша-чорабиниҳои барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо**, 2.1.2. **Фароҳам овардани шароити**

**молиявию иқтисодӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот**, 2.1.3. **Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ"**. 2.2. (2.2.1.) **Рафти ҳалли масъалаҳои номгузории анънавӣ бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ"**, 2.3. (2.3.1.) **Фаъолияти комиссия дар барои риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"**, 2.4. (2.4.1.) **Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"**, 2.5. (2.5.1., 2.5.2.) **Таъмини шафофияти фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худфаъолияти шаҳрак ва деҳот** 2.6. (2.6.1.) **Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ"**

2.1. **Иҷрои ваколатҳои мақомоти намояндагии маҳалллии ҳокимияти давлатӣ тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ"**

Мутобиқи моддаи 14-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" Маҷлиси вакилони халқи вилоят аз 7 комиссияи доимӣ оид ба: 1. Масъалаҳои қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, 2. Оид ба масъалаҳои сиёсати аграрӣ, хӯрокворӣ, меҳнат ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ, 3. Оид ба масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва буҷет, 4. Оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, сиҳатии омма, ҳифзи табиат, масоили оила ва занон, 5. Оид ба масъалаҳои илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, 6. Оид ба масъалаҳои сохтмон, саноат, нақлиёту алоқа, хоҷагиҳои роҳ ва рифоҳӣ 7. Оид ба масъалаҳои сиёсати сармоягузорӣ таъсис дода шудааст.

Комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи вилоят, даъвати шашум тибқи Низомномае, ки бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилоят, даъвати шашум аз 13 марти соли 2020, №6 тасдиқ шудааст ва дар асоси нақшаи корӣ барои соли 2020 фаъолият мебаранд.

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2020 иҷлосияҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми Маҷлиси вакилони халқи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо даъвати шашум бо баррасии масъалаҳои гуногун баргузор карда, қарорҳои дахлдор қабул гардидаанд.

2.1.1. **Дараҷаи амалигардонии ва азхудкунии маблағҳои Нақша-чорабиниҳои барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо**

"Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016-2020" дар соли 2020 ба итмом расид. Барои татбиқи самтҳои афзалиятноки Барнома амалӣ намудани 192 лоиҳа бо маблағи 7865,0 млн. сомонӣ пешбинӣ гардида буд.

Мониторинги рафти иҷрои барнома дар солҳои 2016-2019 нишон дод, ки аз 192 лоиҳаи нақшавӣ, 94 лоиҳа ба итмом расид.

Дар маҷмӯъ, ҳаҷми корҳои иҷрошуда дар доираи лоиҳаҳои пурра амалишуда ва идомадошта дар солҳои 2016-2019 ба 5340,0 млн. сомонӣ расонида, нисбати арзиши умумӣ 67,9 фоиз ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи баланди азхудкунии маблағҳо дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 112%, Хуҷанд 103,0%, Зафаробод 101,1%, Мастчоҳ 101,1%, Айнӣ 101,1%, Спитамен 100,3%, Истиқлол 100,2%, Шаҳристон 94,1%, Истаравшан 91,7%, Исфара 91,3%, Ҷаббор Расулов 90,5%, Панҷакент 78,7%, Ашт 75,8%, таъмин карда шуда, дар сатҳи муайян барои пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич 69,1%, Бӯстон 63,2%, Кӯҳистони Мастчоҳ 62,0%, Гулистон 52,7% ташкил додааст.

Нишондиҳандаи пасти он дар шаҳри Конибодом 31,4% ба назар расида, ҷоннок намудани ҳамкории байни мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷалби соҳибкорон ва фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллиро талаб менамояд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят тибқи тартиби муқарраргардида лоиҳаи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо барои солҳои 2021-2025 таҳия гардида, дар иҷлосияи навбатии Маҷлиси вакилони халқи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо моҳи декабри соли 2020 мавриди баррасӣ қарор дода шуда, қабул гардиданд.

Дар навбати худ Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрҳои Бӯстон ва Гулистон мавриди таҳия карор гирифта шуда, дар иҷлосияҳои навбатӣ, дар семоҳаи аввали соли 2021 тасдиқ карда мешаванд.

Пешниҳод: Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, барои баланд бардоштани дараҷаи амалигардонӣ ва азхудкунии маблағи лоиҳа-чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2018, №615 истифодаи натиҷаи мониторинг ва арзёбии онҳо дар татбиқи сиёсати соҳавии мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ мусоидат намоянд.

### 2.1.2. **Фароҳам овардани шароити молиявию иқтисодӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот**

Дар соли 2020 ҷиҳати риояи талаботи моддаи 6-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” ҷиҳати беҳтар намудани имкониятҳои молиявӣ ва иҷрои функсияҳои ҷамоатҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 1820,5 млн. сомонӣ, Айнӣ 1314,8 млн. сомонӣ, Гулистон 9952 сомонӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ 20,2 ҳазор сомонӣ, Шаҳристон 54951сомонӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағ равона гардидааст. Мутаассифона вобаста ба банди мазкур аз дигар шаҳру ноҳияҳо дар ҳисоботҳо маълумот дарҷ нашудааст.

Пешниҳод : Ба истисноя шаҳру ноҳияҳои болозикр мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии дигар шаҳру ноҳияҳоро мебояд, ҷиҳати дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, расонидани кӯмакҳои молиявӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо чораҳои амалӣ андешида, вобаста ба масъалаи зикргардида маълумотҳои мушаххас ва дақиқ пешниҳод намоянд.

2.1.3. **Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ"**

Дар соли 2020 ба масъалаи қабули шаҳрвандон ва баррасии дархосту мурочиати онҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шуда ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят дар маҷмӯъ 4175 мурочиат ворид гардид, ки нисбати соли 2019 (5132) 957 адад кам мебошад. Аз теъдоди умумии мурочиатҳои воридгардида 74,6% хаттӣ, 20,1% шифоҳӣ, 0,7% мурочиати шахсони ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Аз мурочиатҳои воридгардида 18,7% ба масъалаҳои гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва сертификати ҳуқуқи истифодабарӣ вобаста буда, мурочиатҳои марбут ба гирифтани кӯмаки моддию молиявӣ 6,1%, таъмири роҳ ва сохтмон 7,3%, вобаста ба баҳси манзили зист 0,3%, таъмин шудан ба манзил 8%, муаммои соҳаҳои маориф 2,1%, тандурустӣ 2,0%, таъминот бо оби нӯшокию полезӣ 1,1%, ҳимояи ҳуқуқ 4,9% ва вобаста ба дигар масъалаҳо 8,5% адад ба қайд гирифта шудаанд.

Дар ин давра ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят тавассути Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1151 мурочиати шаҳрвандон ворид шуд, ки нисбат ба нишондодҳои ҳамин давраи соли гузашта 3 адад кам мебошад.

**Ҳолати воқеии таҳлили таркибии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо**

Таҳлил муайян намуд, ки аз шумораи умумии мурочиати шаҳрвандон дар шаҳри Хуҷанд 491 адад вобаста ба масъалаи замин ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта -179 адад кам гардида, дар ноҳияи Ҷаббор Расулов -745 (416 шумораи умумии мурочиат), ноҳияи Спитамен -479 (883), шаҳри Истаравшан -160 (387), дар ноҳияи Айнӣ -46 (362), дар шаҳри Бӯстон -52 (87), ноҳияи Деваштич -34 (281), шаҳри Панҷакент -12 (98), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ -18 (250), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров -8 (594) ва шаҳри Истиқлол -4 (242) ададро ташкил дода, беҳтар гардидани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳоро бо манзили зист шаҳодат медиҳад.

Зиёдшавии шумораи мурочиати шаҳрвандон барои қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияи Зафаробод +490 адад (1374 шумораи умумии шаҳрвандон) зиёд гардида, ноҳияи Шаҳристон +224 адад (733), ноҳияи Мастчоҳ +106 адад (438), шаҳри Конибодом +68 адад ( 769), ноҳияи Ашт +48 адад (178), шаҳри Исфара +43 адад (504) ва шаҳри Гулистон +9 адад (240) ба назар расида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо

манзили зист андешидани чораҳои иловагӣ ба миён омадааст.

Камшавии мурочиати шаҳрвандон ба Дастгоҳи ичроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вилояти Суғд нисбати ҳамин давраи соли гузашта 3 адад, (ҳамагӣ дар соли 2019 1154 адад)-ро ташкил менамояд, ки ин нишондиҳада дар шаҳру ноҳияҳои Ҷаббор Расулов -4 (23) адад, Исфара -1 адад (95), Мастчоҳ -18 адад (73), Спитамен -13 адад (14 адад), Истаравшан -56 адад (35 адад), Шаҳристон -7 адад (4 адад), Айнӣ -7 адад (46 адад), Конибодом -1 адад (32 адад), Истиқлол +-0 (4) адад ва Кӯҳистони Мастчоҳ -2 адад (20)-ро ташкил медиҳад, ки дар сатҳи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо саривақт ҳал намудани мушкилот аз ҷониби масъулини мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо мебошад.

Зиёдшавии мурочиати шаҳрвандон ба Дастгоҳи ичроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои шаҳри Панҷакент +30 адад (шумораи умумии мурочиат 192 адад) зиёд гардида, дар шаҳри Хуҷанд +45 адад (219 адад), шаҳру ноҳияҳои Зафаробод +28 адад (43), Бобоҷон Ғафуров +10 адад (109 адад), шаҳри Гулистон +5 (23 адад), Деваштич +10 адад (48 адад), Ашт +2 адад (66 адад), Бӯстон +1 (22)-ро ташкил додааст, ки ҳалли худро наёфтани масъалаҳоро дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

2.2. (2.2.1.) **Рафти ҳалли масъалаҳои номгузории анъанавӣ бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ"**

Дар вилоят фаъолияти Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар назди мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии вилоят дар соли 2019 мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифта, нақшаи кории он дар соли 2020 тасдиқ карда шуда, гурӯҳи кории он санҷиши қонуни мазкурро ба роҳ мондааст.

Дар соли 2020 ҷаласаҳои Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мунтазам баргузор гардида, раванди фаъолияти Комиссия мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ҳамчунин, дар назди мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии вилоят гурӯҳи кории доимоамал оид ба санҷиши рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз ҳисоби олимону устодони муассисаҳои таҳсилоти олии вилоят таъсис дода шуд, ки фаъолияти он барои амалӣ намудани ҳадафҳои қонуни мазкур равона карда шудааст.

Дар арафаи таҷлили Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои мухталифи адабӣ - фарҳангӣ доир шуда, маҳфили илмиву адабии "Ганҷи сухан" бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Тибқи талабот дар назди ҳамаи мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон” амал намуда, дар ин муддат дар шаҳри Исфара 55 номи кӯча, ҷамоат , деҳа , чарогоҳ, кӯҳ, қулла ва ғайра, дар шаҳри Хуҷанд номи 10 мағоза, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров номи 4 нуқтаи савдо, дар шаҳри Бӯстон номи 81 адад кӯчаҳо, дар шаҳри Истаравшан номи 2 адад кӯча, дар ноҳияи Айнӣ 3 маҳали аҳолинишин, дар шаҳри Истиқлол 34 кӯчаи маҳаллаҳо дар мувофиқа бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз карда шудаанд.

Натиҷаи корҳои анҷомдодашудаи комиссияи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он оид ба татбиқи Қонуни мазкур барои баланд бардоштани рамзи муҳими давлатдории тоҷикон мусоидат намудааст.

Дар ин раванд, ба истиснои шаҳру ноҳияҳои дар боло зикргардида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят маълумотҳои дақиқ ва мушаххас оид ба номгузорӣ пешниҳод накардаанд.

## 2.3. **Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”**

### 2.3. (2.3.1.) **Фаъолияти комиссия барои риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”**

Дар раванди амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар муассисаҳои таълимӣ пайваста байни ҷомеаҳои омӯзгорӣ, хонандагон ва волидайни онҳо аз рӯи нақшаҳои корӣ корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ хуб ба роҳ монда шуда, аз ҳисоби омӯзгорони пуртаҷриба дар байни аҳолӣ доир ба масъулияти падару модар корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда шуданд.

Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят тарғиби мухтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” байни табақаҳои гуногуни ҷомеа ба роҳ монда шуда, мақомоти дахлдори татбиққунандаи он, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ нақшаи корӣ таҳия намуда, онро мавриди амал қарор додаанд.

Ҳайати комиссия оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” фаъолияти худро ба пешгирии қонуншиканӣ, худкушӣ ва дигар ҳодисаҳои номатлуб равона кардааст.

Ҳамчунин, дар давраи ҳисоботӣ байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва падару модарони онҳо бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати риоя ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, бахусус дар самти пешгирии ҷиноятсодиркунию ҳуқуқвайронкунӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротгароӣ ва амсоли инҳо як зумра тадбирҳо амалӣ гардиданд. Дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо “Рӯзҳои падару модар” ташкил карда мешаванд. Дар аксари муассисаҳои таълимӣ ин намуди чорабинӣ ба ҳукми анъана даромада, падару модарон

дар ин рӯзҳо ба дарсҳо ворид мешаванд, дар чорабиниҳо иштирок менамоянд, бо омӯзгорон мулоқот намуда, аз рафти донишазхудкунӣ ва рафтори фарзандони худ бохабар мешаванд.

Тибқи нақшаи чорабиниҳо дар муассисаҳои таълимии вилоят соатҳои тарбиявии кушод, шабнишинии саволу ҷавоб, конференсияҳо, семинарҳо, вохӯрӣ бо олимон ва оилаҳои намунавӣ баргузор гардиданд.

То ин ҷониб дар мавзӯъҳои «Таҳкими худшиносӣ ва ифтихори миллии фарзандон дар муҳити хонаводагӣ», «Саломатии фарзандон саломатии миллат аст», «Меҳнати ҳалол ва касбу ҳунари писандида – калиди бахту саодат», «Фарҳанг ҳастии миллат аст», «Нақши хонавода дар пешгирии қонуншикании фарзандон», «Вазифа ва уҳдадориҳои қонунии падару модар», «Муошират дар хулқи некӯи волидайн дар ташаккули одобу ахлоқи писандидаи фарзандон», «Нақши падару модарон дар пешгирии шомилшавии фарзандон ба ҳизбу ташкилотҳои динии: “Ҳизбуттаҳрир”, “Салафия” ва “Шоҳидони Яҳуво” бо иштироки волидон баргузор гардиданд.

Дар асоси ҷадвали вохӯрии намояндагони мақомоти прокуратура, раёсату шуъбаҳои маориф, бахши ҷавонон ва варзиши шаҳру ноҳияҳои вилоят бо хонандагони синфҳои 9-11-уми муассисаҳои таълимӣ дар мавзӯи “Пешгирии шомилшавии ноболиғону ҷавонон ба гурӯҳҳои ҷиноятпеша, ҳизбу созмонҳои террористию ифротгаро, омилҳои бегонапарастӣ, тақлид ба маданият ва тарзи либоспӯшии ба фарҳангу миллати мо бегона ва ба ин васила тарбияи насли наврас дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ” дар ҳамаи муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят мунтазам сӯҳбату вохӯриҳои судманд гузаронида мешаванд.

Ҷиҳати риоя ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, пешгирии ҷиноятсодиркунию ҳуқуқвайронкунӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию ифротгароӣ ва амсоли инҳо байни хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва падару модарони онҳо бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва комиссияҳои дахлдор дар шаҳри Хуҷанд 420, шаҳри Панҷакент 402, дар шаҳри Истаравшан 100, дар шаҳри Бӯстон 86, дар шаҳри Гулистон 80 ва дар ноҳияи Деваштич 12 маротиба вохӯриҳо гузаронида шудааст, ки фаъолияти комисияҳои ин шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи муайян ба роҳ монда шудааст.

Нишондиҳандаи тамоюли ҷинояткорӣ байни ноболиғон дар сатҳи вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 30 ҳолат коҳиш ёфтааст, ки ҳамагӣ 205 ҳолатро ташкил менамояд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Мастчоҳ +28 ҳолат зиёд гардидааст, ки дар давраи ҳисоботи 31 ҳолатро дар бар гирифта, дар шаҳри Бӯстон+8 (13) дар ноҳияи Зафаробод ва шаҳри Исфара +2 ҳолатӣ, дар ноҳияҳои Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ 1 ҳолатӣ зиёд гардида, андешидани чораҳои зарурирo барои иҷрои функсияҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо мутобиқи қонунгузории амалкунандаро талаб менамояд.

Тамоюли ҷинояткорӣ байни ноболиғон дар шаҳри Хуҷанд 43 ҳолат буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -36 ҳолат кам гардидааст, ки ин нишондишанда дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров -17 (14) ҳолат, Ҷаббор Расулов -6 (15), Ашт -4 (8) , Ашт -4 (8), Истаравшан -3 (7) , Гулистон -3 (13), Истиқлол -2 (1), Спитамен -1 (3) ҳолатро ташкил намуда, ҳамкорӣ байни мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои қудратӣ, ҷамъиятӣ ва иҷрои функсияҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар сатҳи лозима ташкил карда шудааст.

2.4. (2.4.1) **Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (банди 81 паём)**

Роҷеъ ба татбиқ намудани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" корҳои амалию ташкилӣ, тарғиботию ташвиқотӣ ва назоратию санҷишӣ ба иҷро расиданд.

Дар соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, дар маҷмӯъ, 17369 маъракаю маросим, аз ҷумла 13662 тӯйи домодию арӯсӣ, 2520 маъракаи "чил" ва 1187 маъракаи "сол" баргузор гардиданд, ки нисбат ба соли сипаригардида миқдори тӯйи домодию арӯсӣ 6703 адад ва маросими "сол" 414 адад кам шуда, маросими "чил" 55 адад зиёд шудааст. Маблағи харҷи умумӣ барои баргузории ин чорабиниҳо 76,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 48,5 млн. сомонӣ коҳиш ёфтааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 5832 000 сомонӣ (-4115600), Кӯҳистони Мастчоҳ 530496 сомонӣ (-232122 сомонӣ), Бӯстон 131000 сомонӣ (- 420000 сомонӣ), Гулистон 775200 сомонӣ (-1779700 сомонӣ), Исфара 4486710 сомонӣ (-9 648.090 сомонӣ), Зафаробод 2.259.623 сомонӣ (-2458563 сомонӣ), Истаравшан 4704000 сомонӣ (-444500 сомонӣ), Деваштич 5726197 сомонӣ(-1069003 сомонӣ), Конибодом 3196500 сомонӣ (-8746500 сомонӣ), Айнӣ 1367540 сомонӣ (-1159022), Ашт 4853000 (-3408000), Бобоҷон Ғафуров 20605500 сомонӣ (-219453), Панҷакент 9075815 сомонӣ (- 7219273), Ҷаббор Расулов 3821632 сомонӣ (-3091588), Мастчоҳ 2424900 сомонӣ (-400), Спитамен 3811800 сомонӣ (-3178200) назар ба ҳамин давраи соли гузашта кам, дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳристон 2480000 сомонӣ (+757000 сомонӣ), Истиқлол 770200 сомонӣ (+171800 сомонӣ) зиёд шудааст.

Дар арафа ва рӯзҳои таҷлили санаҳои таърихӣ ва ҷашнҳои миллӣ хатнасури хайриявии 36 нафар кӯдакон ва тӯйи домодию арӯсии хайриявии 9 ҷуфт навхонадорон аз оилаҳои эҳтиёҷманду камбизоат бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва сарпарастии корхонаю муассисаҳо, ширкатҳо ва соҳибкорон гузаронида шуданд.

Баҳри пешгирии ҳолатҳои қонуншиканӣ аз ҷониби комиссияҳои муштарак давоми соли ҷорӣ 3640 рейд гузаронида, 151 ҳолати вайрон намудани қонунгузории танзим ошкор ва нисбати шахсони қонунвайроннамуда ҷазои маъмурӣ татбиқ карда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ 7 адад (0 адад), Ашт 6 адад (+4 адад), Бӯстон 2 адад (-4 адад), Бобоҷон Ғафуров 12 адад (-4 адад), Гулистон 3 адад (0 адад), Деваштич 5 адад (-1 адад), Зафаробод 3 адад ( 0 адад), Истиқлол 3 адад (-1 адад), Истаравшан 15 адад (+7 адад), Исфара 29 адад (-9 адад), Конибодом 20 адад (-0 адад), Кӯҳистони Мастчоҳ 4 адад (-4 адад), Мастчоҳ 10 адад (-2 адад), Панҷакент 16 адад (+1 адад), Спитамен 8 адад (-5 адад), Хуҷанд 12 адад (-4 адад), Ҷаббор Расулов 13 адад (-7 адад), Шаҳристон 5 адад (-1 адад) ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар сатҳи вилоят 173 адад коҳиш ёфтааст.

2.5. (2.5.1., 2.5.2.) **Таъмини шафофияти фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худфаъолияти шаҳрак ва деҳот**

Бо мақсади татбиқи "Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар вилоят лоиҳаи "Автоматизатсиякунонии ҳуҷҷатгузорӣ дар сохторҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд" амалӣ шуда истодааст, ки дар доираи он барномаи махсус ва системаи дохилӣ иборат аз 22 нуқта бо ду сервер насб гардид. Ҳамаи нуқтаҳо бо интернети баландсуръат пайваст мебошанд.

Сомонаи расмии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят (www.sugd.tj) ба махзани иттилооти расмӣ табдил ёфта, дар он ҳамарӯза хабару гузориш, фоторепортаж ва дигар маводҳои зарурӣ нашр мегарданд. Дар сомонаи мазкур суроғаи электронии раиси вилоят (info@sugd.tj) ҷой дода шуда, тавассути он шаҳрвандон арзу дархост ва мурожиати худро ирсол менамоянд.

Шумораи сомонаҳо дар вилоят 1 сомонаи вилоятӣ ва 18 сомонаи шаҳру ноҳияҳоро дарбар гирифта, ҳангоми азназаргузаронӣ сомонаҳо дар Шабакаи интернет дар давраи ҳисоботӣ сомонаи вилоят ва шаҳрҳои Хуҷанд, Гулистон, Исфара ва  ноҳияи Ҷаббор Расулов фаъол мебошанд.

Гарчанде, ки сомонаҳои расмии шаҳру ноҳияҳои Истиқлол, Деваштич, Конибодом, Панҷакент фаъол бошанд ҳам, лекин ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 "Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар Шабакаи интернет" ҷавобгӯ намебошанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои  Айнӣ, Ашт, Бӯстон, Бобоҷон Ғафуров, Истаравшан, Панҷакент, Мастчоҳ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Спитамен ва Шаҳристонро зарур аст, ҷиҳати фаъол намудани сомонаҳои расмӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар соли 2020 барои нигоҳдории сомонаи расмии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан аз буҷети маҳаллӣ дар ҳаҷми 50,0 ҳазор сомонӣ маблағҳои  мақсаднок ҷудо карда шуд.

Инчунин дар давраи ҳисоботӣ  барои пурра фаъолият намудани шабакаи интернет дар шуъбаю бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии

ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 19,5 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд.

Дар соли 2020 аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо барои паст намудани дараҷаи корношоямии воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (компютерҳо) чораҳои зарурӣ андешида шуда, нисбат ба аввали соли 2020 дараҷаи корношоями онҳо паст гардидааст, аз ҷумла дар шаҳри Исфара 6,7% (89 адад), ноҳияи Деваштич 8,8% (45 адад), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 9,6% (31 адад), ноҳияи Айнӣ 11,1 % (72 адад), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 11,9% (138 адад), ноҳияи Зафаробод 14,2% (35 адад), ноҳияи Ашт 14,5% (48 адад), шаҳри Гулистон 14,8% (81 адад), шаҳри Конибодом 15,6% (64 адад) ва ноҳияи Мастчоҳ 16% (25 адад)-ро ташкил дода, барои самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти (ҷамоатҳо) шароит фароҳам оварда шудааст.

Илова ба ин, дараҷаи корношоями компютерҳо дар дастгоҳи раиси шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти (ҷамоатҳо) - и онҳо, дар ноҳияи Спитамен 54,5% (44 адад), шаҳри Истиқлол 30,7% (26 адад), шаҳри Хуҷанд 27,2% (121 адад), шаҳри Панҷакент 24,4% (45 адад), ноҳияи Ҷаббор Расулов 23,0% (39 адад) ва шаҳри Истаравшан 20% (70 адад) ташкил медиҳад, ки нисбати аввали сол баланд гардида, барои таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ андешидани чораҳои заруририро талаб менамояд.

Дастрасӣ ба интернет воситаи муҳими муомилот ва муошират ба ҳисоб рафта, соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 52 нуқта/1 сомона, Айнӣ 23/1, Зафаробод 22/1, Кӯҳистони Мастчоҳ 38/1, Гулистон 2/1, Истиқлол 12/1, Спитамен 21/1, Истаравшан 10/1, Панҷакент 10/1, Деваштич 7/1, Конибодом 8/1, Ашт 3/1, Ҷаббор Расулов 4/1, Бӯстон 2/1, Шаҳристон 2/1, Мастчоҳ 5/1, Исфара 1 ва Бобоҷон Ғафуров 23/2 ташкил медиҳад.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, хусусан дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти он дар сатҳи нокифоя буда, пурзӯр намудани корҳо дар ин самт зарур мебошад.

2.6. (2.6.1) **Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ"**

Дар соли 2020 ҷиҳати иҷрои талаботи моддаҳои 17 ва 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва тибқи муқаррароти банди 11-и Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Спитамен, Кӯҳистони Мастчоҳ, Панҷакент 2 маротибагӣ,

Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Истиқлол, Ашт, Исфара, Хуҷанд, Деваштич, Зафаробод 3 маротибагӣ, Шаҳристон, Конибодом, Гулистон 4 маротибагӣ, Бӯстон, Истаравшан 5 маротибагӣ ва Ҷаббор Расулов 7 маротиба гузаронида шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидат намуда, амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таъмин карда шуда, мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатиро ишғол намуда, фаъолияти кории худро пеш бурда истодаанд.

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мастчоҳ доир ба гузаронидани озмун ва аттестатсия маълумоти мушаххас пешниҳод нагардидааст.

Дар асоси ҳисоботҳои пешниҳодгардида дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Ашт, Истиқлол, Бобоҷон Ғафуров, Панҷакент, Айнӣ, Шаҳристон, Зафаробод, Истаравшан, Гулистон, Кӯҳистони Мастчоҳ аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ гузаронида шуда, дар дигар шаҳру ноҳияҳо тибқи тартиби муқарарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ ташкил ва баргузор карда мешавад.

## 3. **Таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ**

**Маълумот оид ба иҷрои даромад ва хароҷоти буҷет**. 3.1. **Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш/коҳиш нисбат ба давраи ҳисоботии соли гузашта**; 3.2. **Чораҷӯӣ ҷиҳати сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ**; 3.3. **Мавҷудияти бақия аз рӯи намуди андозҳои пардохтнашуда ва корҳои анҷомдодашуда дар самти коҳиш додани бақияҳо**; 3.4. **Мавҷудияти қарзи музди меҳнат**; 3.5. **Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат**; 3.6. **Чораҳои андешидашуда ҷиҳати дарёфти манбаҳои нави андозбандӣ**.

### 3.1. **Таҳлили иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, афзоиш/коҳиш нисбат ба нақшаи пешбинишуда**

Дар вилояти Суғд дар соли 2020 нақшаи даромади буҷети давлатӣ (бе назардошти андози иҷтимоӣ) ба андозаи 102,9% таъмин гардида, ба буҷет 2452,2 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақшаи тасдиқгардида 69,3 млн.сомонӣ сомонӣ зиёд мебошад.

Дар зиёд гардидани воридоти маблағ саҳми ноҳияи Мастчоҳ +17963 ҳазор сомонӣ (110,1%), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +23,6 млн.сомонӣ (109,9%), шаҳри Бӯстон +6,5 млн.сомонӣ (107,8%), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ +0,2 млн.сомонӣ (105,9%), шаҳри Гулистон +4,8 млн.сомонӣ (102,9%), шаҳри Истаравшан +11,9 млн.сомонӣ (102,7%), шаҳри Панҷакент +8,7 млн. сомонӣ (102,3%), ноҳияи Деваштич +0,6 млн.сомонӣ (101,9%) назаррас буда, ин нишондиҳанда шаҳри Хуҷанд +3,3 млн.сомонӣ (100,8%), шаҳри Исфара +0,8 млн.сомонӣ (100,7%), шаҳри Истиқлол + 0,04 млн.сомонӣ (100,2%), ноҳияи Ашт +2,4 млн.сомонӣ (100,1%), ноҳияи Зафаробод (100,0%) ташкил дода, барои фароҳам овардани шароит ба рушди иҷтимоию иқтисодии самаранокии

фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо таъмин карда шудааст.

Аз ҳисоби иҷро нагардидани нақшаи қисми даромади буҷет дар ноҳияҳои Ҷаббор Расулов маблағи -9,5 млн.сомонӣ (90,5%), Айнӣ -10,0 млн.сомонӣ (93,7%), Шаҳристон -600 ҳазор сомонӣ (97,8%), Спитамен -0,4 млн.сомонӣ (99,3 %) ва шаҳри Конибодом -1,1 млн.сомонӣ (99%) ба буҷети маҳаллӣ ворид нагардида, ба ташаккули буҷет таъсири манфии худро расонидааст.

### 3.2. **Чораҷӯӣ ҷиҳати сифатнок таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ**

Дар баробари иҷрои буҷет аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои вилоят, пардохти нисбатан сусти намудҳои алоҳидаи андоз, дар шаҳри Хуҷанд андоз аз арзиши иловашуда 85,7%, андоз аз фоида 93,5%, дар ноҳияи Мастчоҳ андоз аз фоида 89,0%, дар шаҳри Истиқлол андоз аз даромад 80,0%, дар шаҳри Гулистон андоз аз фоида 90,8%, шаҳри Исфара андоз аз фоида 85,6%, андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 96,0%, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров андоз аз фоида 61,3%, андози иҷтимоии буҷетӣ 86,6%, андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 71,6%, ноҳияи Деваштич андоз аз даромад 96,1%, дар ноҳияи Зафаробод андоз аз даромад 86,8%, андози иҷтимоӣ 98,1%, дар шаҳри Истаравшан андоз аз фоида 70,0%, дар шаҳри Конибодом андоз аз фоида 51%, аксизҳо 48%, аксизҳои буҷетӣ 91%, дар шаҳри Панҷакент андози даромад аз шахсони воқеӣ 83,2%, андоз аз фоида 75,5%, андоз аз арзиши иловашуда 67,8%, дар шаҳри Бӯстон андози даромад 90,6%, андоз аз фоида 95,9%, аксизҳои иҷтимоии буҷетӣ 84,9%, андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 69,2%, дар ноҳияи Ҷабор Расулов андоз аз арзиши иловашуда 51,8%, андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 56,2%, дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 57,88% ва дар ноҳияи Ашт андози даромад 97,8%, дар ноҳияи Шаҳристон андози даромад 93,1%, андози иҷтимои ғайрибуҷетӣ 96,2%, дар ноҳияи Айнӣ андоз аз фоида 72,7%, андоз барои захираҳои табиӣ 98,6%, дар ноҳияи Спитамен андоз аз фоида 91,0%, андоз аз арзиши иловашуда 96,6% низоми махсуси андозбандӣ 84,2%, низоми соддашудаи андозбандӣ ба субъектҳои соҳибкории хурд 80,5% ба назар мерасанд, ки дар ташаккули босифати буҷет таъсири манфии худро расонида, бояд масъулин ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур тадбирҳо андешанд.

### 3.3. **Мавҷудияти бақия аз рӯи намуди андозҳои пардохтнашуда ва корҳои анҷомдодашуда дар самти коҳиш додани бақияҳо**

Ба ҳолати 1 декабри соли 2020 дар вилоят 131,96 млн.сомонӣ бақияпулиҳои андоз мавҷуд буда, нисбат ба аввали сол 25,56 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хуҷанд +2,1 млн.сомонӣ (20,6 млн.сомонӣ), дар шаҳри Истаравшан +1,1 млн.сомонӣ (8,5 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Ҷаббор Расулов +200,0 ҳаз. сомонӣ (4,3 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +31,2 млн. сомонӣ (36,7

млн.сомонӣ) ташкил додааст.

Камшавии бақияи андоз дар шаҳри Панҷакент -75,3 ҳаз.сомонӣ ташкил дода, ба 01.01.2021 сол 7,1 млн.сомонӣ боқӣ мондааст, дар ноҳияи Мастчоҳ -0,3 млн.сомонӣ (8,8 млн. сомонӣ), дар шаҳри Бӯстон -1,9 млн.сомонӣ (2,6 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Зафаробод -547,0 ҳаз.сомонӣ (9,3 млн.сомонӣ), дар ноҳияи Ашт -502,7 ҳаз.сомонӣ (2,5 млн.сомонӣ), дар шаҳри Истиқлол -62,2 ҳаз.сомонӣ (0,7 млн.сомонӣ), дар ноҳияи Айнӣ -12,5 ҳаз.сомонӣ (0,38 млн.сомонӣ), дар ноҳияи Деваштич -6800 ҳаз.сомонӣ (1,1 млн.сомонӣ), дар шаҳри Конибодом -307,0 ҳаз.сомонӣ (3,3 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Шаҳристон -539,7 ҳаз.сомонӣ (1,2 млн.сомонӣ), дар шаҳри Гулистон -2,5 млн.сомонӣ (0,428 млн. сомонӣ), дар ноҳияи Спитамен -261,3 ҳаз.сомонӣ (3,4 млн.сомонӣ), дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ -2,0 ҳаз.сомонӣ (194,1 ҳазор сомонӣ) ва дар шаҳри Исфара -0,1 млн.сомонӣ (10 млн.сомонӣ) ташкил додааст, ки натиҷаи чораҳои саривақтии андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва нозироти андоз мебошад.

Нишондиҳандаи баланди бақияи қарзи андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Зафаробод ва Бобоҷон Ғафуров ба назар мерасад, ки барои кам намудани он андешидани чораҳои иловагӣ ва пурзӯр намудани фаъолиятро дар якҷоягӣ бо нозироти андоз тақозо менамояд.

### 3.4. **Мавҷудияти қарзи музди меҳнат**

Ба ҳолати 1 декабри соли 2020 аз рӯи маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо қарздорӣ аз музди меҳнати кормандони буҷетӣ вуҷуд надошта, аз дигар корхонаву ташкилот дар вилоят 20,1 млн. сомонӣ қарзи музди меҳнат мавҷуд мебошад, ки нисбат ба аввали соли 5,2 млн.сомонӣ зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Хуҷанд 4,1 млн.сомонӣ, шаҳри Гулистон 12,2 млн. сомонӣ, шаҳри Исфара 2,4 млн. сомонӣ, ноҳияи Зафаробод 360,4 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Ҷаббор Расулов 300,1 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Мастчоҳ 70,0 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 81,0 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Ашт 500 ҳазор сомонӣ қарзи калони музди меҳнат мавҷуд мебошад, ки андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки қарзи калони музди меҳнат дар ҶСК “Комбинати маъдантозакунии Адрасмон”-и шаҳри Гулистон 12,2 млн.сомонӣ ба назар мерасад.

### 3.5. **Тамоюли афзоиш ё камшавии музди миёнаи меҳнат**

Музди миёнаи маош дар вилоят 1222,83 сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба аввали сол 48,63 сомонӣ зиёд мебошад.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар ноҳияи Мастчоҳ нисбат ба аввали сол музди миёнаи меҳнат +159,16 сомонӣ (923,94 сомонӣ), шаҳри Истаравшан +96,01 (1148,47 сомонӣ), шаҳри Истиқлол +44,3 сомонӣ

(1056,2 сомонӣ), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ +86,94 сомонӣ (832,12 сомонӣ), ноҳияи Ашт +67,88 (855,68 сомонӣ), ноҳияи Зафаробод +29,26 (853,00 сомонӣ), шаҳри Исфара +105,7 (1016,65 сомонӣ), шаҳри Панҷакент +85,1 сомонӣ (1616,34 сомонӣ), ноҳияи Ҷаббор Расулов +43,44 сомонӣ (987,85 сомонӣ), ноҳияи Шаҳристон +48,93 сомонӣ (824,13 сомонӣ), шаҳри Хуҷанд +106,9 сомонӣ (1513,35 сомонӣ), ноҳияи Айнӣ +51,3 сомонӣ (1534,65 сомонӣ) ва шаҳри Конибодом +45,34 (964,46 сомонӣ) ба назар расида, раванди мусбии рушди иҷтимоию иқтисодии ин шаҳру ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Дар шаҳри Гулистон -30,92 сомонӣ (2057,63 сомонӣ), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров -32,4 сомонӣ (990,52 сомонӣ), ноҳияи Деваштич -46,9 (740,6 сомонӣ) ва шаҳри Бӯстон -170,8 сомонӣ (1110,4 сомонӣ) кам гардидааст, ки таъсири манфии худро ба сатҳи зиндагии аҳолии шаҳр расонидааст.

Нишондиҳандаи баланди музди миёнаи меҳнат дар шаҳрҳои Гулистон (2057,63 сомонӣ) ва Панҷакент (1616,34 сомонӣ) таъмин гардидааст.

Нишондиҳандаи пасти он дар ноҳияҳои Деваштич (740,6 сомонӣ), Шаҳристон (824,13 сомонӣ), Кӯҳистони Мастчоҳ (832,12 сомонӣ), Ашт (855,68 сомонӣ) ва Мастчоҳ (923,94 сомонӣ) ба назар мерасад, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳоро зарур аст, ки доир ба мунтазам баланд бардоштани музди миёнаи меҳнат чораҳои муассир андешанд.

Вобаста ба музди миёнаи меҳнат аз ҷониби ноҳияи Спитамен маълумот пешниҳод гардидааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Гулистон, Исфара, Зафаробод, Бобоҷон Ғафуров ва Мастчоҳ дар ҳамкорӣ бо вазоратҳои молия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, федератсияи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани қарзи музди меҳнат чораҳои зарурӣ андешанд.

Мушкилиҳо: дар шаҳри Панҷакент риоя накардани қонунгузории андоз ва буҷети давлатӣ аз ҷониби нозироти андози андозсупорандагони калони вилоят ба назар мерасад, дар ноҳияи Зафаробод бинобар аграрӣ будани ноҳия воридоти андозҳо аз ҳисоби хоҷагиҳои кишоварзӣ вобастагӣ дорад, ки солҳои охир вазъи иҷроиши буҷети давлатӣ мушкил гардида истодааст.

Пешниҳод: барои таъмини нақшаи даромади буҷети шаҳру ноҳияҳои Ҷаббор Расулов, Айнӣ, Шаҳристон, Спитамен, Конибодом ва кам намудани бақияпулиҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Зафаробод ва Бобоҷон Ғафуров дарёфти сарчашмаҳои иловагии андоз, баланд бардоштани иҷрои қарори маҷбуран ситонидани андозҳо дар якҷоягӣ бо нозироти андоз фаъолияти кориашонро пурзӯр намоянд.

4. **Маълумот оид ба таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ (бандҳои 2, 21-и паём)**

4.1. **Тамоюли каму зиёдшави шумораи соҳибкорон ва ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳия**, 4.2. **Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим**, 4.3. **Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ**, 4.4. (4.5.) **Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ аз ҷумла, ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкорӣ"**, 4.6. **Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор барои фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ**

## 4.1. Тамоюли каму зиёдшави шумораи соҳибкорон ва ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳия

Дар вилоят дар давраи ҳисоботӣ шумораи соҳибкорони инфиродӣ 111401 нафарро ба назар расида, нисбат ба аввали сол 2614 нафар зиёд гардидааст.

Аз ҷумла, шумораи соҳибкорони инфиродие, ки аз рӯи патент фаъолият мебаранд, ба 35792 нафар баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2019 293 нафар зиёд мебошад.

Шумораи субъектони тибқи шаҳодатнома фаъолиятбаранда, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ дар давраи ҳисоботӣ 75609 ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба сол қаблӣ 2321 адад зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи баланди тамоюли зиёдшавии шумораи соҳибкорони соли 2020 нисбат ба аввали сол дар шаҳри Исфара 3559 нафар, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 932 нафар, шаҳри Конибодом 272 нафар, шаҳри Гулистон 195 нафар, шаҳри Истаравшан 174 нафар, шаҳри Бӯстон 172 нафар, ноҳияи Деваштич 172 нафар, Панҷакент 161 нафар, ноҳияи Мастчоҳ 120 нафар ва шаҳри Хуҷанд 100 нафар ба назар расида, беҳбудии фазои соҳибкориро дар ин шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

## 4.2. Ҷалби сармояи мустақим аз ҷумла сармояи хориҷӣ барои ташкили корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ

Дар соли 2020 дар вилояти Суғд 16 лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба маблағи 3,2 мрд.сомонӣ татбиқ ёфта истодаанд, ки нисбат ба аввали сол 142,0 млн. сомонӣ зиёд аст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 7 лоиҳа ба маблағи 4,4 млн.доллари ИМА, Кӯҳистони Мастчоҳ 23 лоиҳа (1,2 млн. сомонӣ), Исфара 8 лоиҳа (23,3 млн. доллари ИМА, Спитамен 4 лоиҳа (45,6 млн. сомонӣ), Бобоҷон Ғафуров 5 лоиҳа (4,6 млн доллари ИМА), Айнӣ 5 лоиҳа (6,2 млн доллари ИМА), Истиқлол 3 лоиҳа (1,83 млн.доллари ИМА, Панҷакент 8 лоиҳа (416,8 млн. сомонӣ), Истаравшан 8 лоиҳа (6,7 млн. доллари ИМА), Бӯстон 6 лоиҳа (16,5 млн.сомонӣ), Мастчоҳ 7 лоиҳа (3,3 млн. доллари ИМА), Ашт 5 лоиҳа (1,6 млн. доллари ИМА), Конибодом 5 лоиҳа (19,73 млн.доллари ИМА), Шаҳристон 7 лоиҳа (5,2 млн.доллари ИМА), Ҷаббор Расулов 6 лоиҳа (11,5 млн.доллари ИМА), Зафаробод 5 лоиҳа (3,3 млн. доллари ИМА), Гулистон 1 лоиҳа (149,9 млн. доллари ИМА) ва Деваштич 7 лоиҳа (2,6 млн.доллари ИМА) амалӣ

гашта истодаанд, ки ба раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои дар боло қайдгардида таъсири мусбӣ расонида истодааст.

Баҳри фароҳам овардани муҳити мусоиди инвеститсионӣ дар доираи ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ корҳои муайян ба сомон расонида шуда, дар моҳҳои январ-сентябри соли 2020 ба иқтисодиёти вилоят ба маблағи 140,7 млн. доллари ИМА сармоягузории ватанию хориҷӣ, аз ҷумла 120,9 млн.доллари сармояи хориҷӣ ва 19,8 млн.доллар сармояи дохилӣ ҷалб гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ воридоти сармояи мустақим ба 46,7 млн. доллари ИМА ва ҳар гуна сармоягузориҳо ба 48,3 млн. доллари ИМА баробар шудааст.

4.3. **Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ**

Дар соли 2020 новобаста аз маҳдудиятҳои бавуҷудомада, дар моҳи март дар толори меҳмонхонаи “Суғдиён”-и шаҳри Хуҷанд Форуми тиҷоратии соҳибкорони вилояти Твер, кишвари Олтойи Федератсияи Россия ва вилояти Суғд баргузор гардида, имкониятҳои содиротӣ ва потенсиали саноатию аграрии вилоят муаррифӣ карда шуд.

Санаи 23-юми декабри соли 2020 чун анъана мулоқоти раиси вилоят бо соҳибкорони вилоят баргузор гардид, ки дар кори он муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд. Соҳибкорон бо истифода аз имконият таклифу дархости худро бобати пешбурди соҳибкорӣ ва тавсеаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ бевосита ба роҳбарони кумитаю идораҳои давлатӣ иброз намуданд.

Дар ин давра аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар якҷоягӣ бо Фонди қарзии хурди «Рушди Суғд» ва Маркази дастгирии Ҷамоати деҳоти Хистеварз корбарӣ ба роҳ монда шуда, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи касбият ва тайёр намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ семинари омӯзишӣ доир карда шуданд. Дар ин семинар соҳибкорон ва роҳбарони корхонаҳои хурд иштирок намуда, тарзи омода намудани лоиҳаҳоро омӯхтанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳристон ҷиҳати ташкил ва гузаронидани курсҳои омӯзишӣ ба мақсади баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаи соҳибкорон ва сифати омода гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ чораҳо андешида дар муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии саноати кишоварзӣ»-и ноҳия таъсис додани курсҳои кӯтоҳмуддати «Кафшергари барқӣ», «Ронанда» ва дигар намудҳои ҳунарҳои мардумӣ ба нақша гирифта шудааст.

4.4. (4.5.) **Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ аз ҷумла, ҳамкорӣ бо муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”**

Дар вилояти Суғд ҳаҷми умумии маблағгузории қарзӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 ба андозаи 11,5 фоиз зиёд шуда, дар моҳҳои январ-ноябри соли 2020 ба 2700,7 млн. сомонӣ расонида шудааст.

Фоизи миёнавазни қарзҳои додашуда бо пули миллӣ 25,70 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 13,47 фоиз, фоизи миёнавазни ҷалби пасандозҳо бо пули миллӣ 1,30 ва бо асъори хориҷӣ 0,21 фоизро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ нисбат ба аввали сол дар ноҳияи Деваштич аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳӣ ва бонкҳо +9,2 млн. сомонӣ (39,7 млн. сомонӣ ҳамагӣ қарз дода шуда), ноҳияи Шаҳристон +5,2 млн. сомонӣ (33,0 млн. сомонӣ), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ +0,6 млн.сомонӣ (1,2 млн.сомонӣ), ноҳияи Зафаробод +3 млн. сомонӣ (42,2 млн. сомонӣ), ноҳияи Мастчоҳ +11,2 млн. сомонӣ (66,6 млн. сомонӣ), ноҳияи Айнӣ +6,1 млн. сомонӣ (14,0 млн. сомонӣ), ноҳияи Ҷаббор Расулов +0,8 млн.сомонӣ (68,9 млн. сомонӣ), ноҳияи Ашт +19,7 млн. сомонӣ (89,8 млн. сомонӣ), шаҳри Истиқлол +0,4 млн. сомониро (1,9 млн. сомонӣ), зиёд гардида, аз мавҷуд будани соҳаҳои ҷолиби соҳибкорӣ, зиёд будани марказҳои хизматрасонии бонкиро нишон медиҳанд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Истаравшан аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳӣ ва бонкҳо -25,6 млн.сомонӣ (261,5 млн. сомонӣ ҳамагӣ қарз дода шуда), ва шаҳри Конибодом -21,0 млн. сомонӣ (70,3 млн. сомонӣ), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров -128,3 млн. сомонӣ (379,9 млн. сомонӣ), шаҳри Исфара -8,4 млн. сомонӣ (75,9 млн. сомонӣ), ноҳияи Спитамен -3,6 млн.сомонӣ (36,5 млн. сомонӣ), шаҳри Бӯстон -1,3 млн.сомонӣ (26,2 млн.сомонӣ), шаҳри Панҷакент -12,6 млн. сомонӣ (50,4 млн. сомонӣ), шаҳри Гулистон -6,8 млн. сомонӣ (3,1 млн. сомонӣ) нисбат ба аввали сол ба соҳибкорон қарзҳо кам дода шуда, дар фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Шумораи ҷавонони соҳиби қарзи бонкӣ дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон 15 нафар, Айнӣ +96 (324 нафар), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +81 (675 нафар), Зафаробод +830 (1536 нафар), Кӯҳистони Мастчоҳ +44 (125 нафар) зиёд гашта, дар шаҳру ноҳияҳои Спитамен -853 (1428 нафар), Ҷаббор Расулов -2447 (6034 нафар), Деваштич -139 (1638 нафар), Ашт -2015 (421 нафар), Шахристон -464 (406 нафар), Мастчоҳ -217(1656 нафар), Истаравшан -1960 (9531 нафар), Хуҷанд -2017 (1726 нафар) ва Истиқлол 11 нафар шумораи ҷавонони соҳиби қарзи бонкӣ нисбат ба аввали соли 2020 кам гаштааст, ки омӯзиши сабабҳои худро муайян менамояд.

### 4.6. **Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор барои фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ**

Дар соли 2020 аз субъектҳои фаъолбудаи Минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" 15 субъект ба маблағи 169880,0 ҳазор сомонӣ маҳсулот, корҳои сохтмонӣ, савдо ва хизматрасонӣ иҷро карда шудааст. Дар ин давра истеҳсоли маҳсулот аз тарафи ҶДММ "Реал" ба маблағи 10154,4 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Равзана Пластик" 1193,0 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ

“Силкоат Бойя” 7755,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ “Стар Пласт” 7918,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ ТТ “Тоҷпроф” 94105,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КФ “Фортуна Ко” 5534,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Тоҷикполиэтилен” 3799,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ ТТ “Арча мебел” 5374,7 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Ариана металл пласт” 17319,7 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КМ ТТ “Афранг пластик” 12061,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Ҷаҳони нав ММ” 50,8 ҳазор сомонӣ, корҳои сохтмонӣ аз тарафи ҶДММ “Сохтмони идоракунии №1” 681,4 ҳазор сомонӣ, инчунин хизматрасониҳо аз тарафи МТҒ “Коллеҷи техникии шаҳри Хуҷанд” 2838,2 ҳазор сомонӣ, ҶДММ КФ “Дӯсти Амирхон” 1070,0 ҳазор сомонӣ ва МДМ Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” ба маблағи 23,8 ҳазор сомониро дар бар мегирад.

Дар маҷмӯъ дар давраи ҳисоботӣ 4 намуд маҳсулотҳои саноатии рақобатпазир, ки аз ҷониби субъектҳои Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” аз қабили рангҳои гуногун, ноқилҳои баркӣ ва профилҳои алюминӣ истеҳсол гардида, ба маблағи умумии 55 млн. 868 ҳазор сомонӣ берун аз кишвар содирот карда шудааст.

Мушкилиҳо: Дар шаҳри Панҷакент барои рушди соҳибкории хурд ва миёна ҷудо намудани қарзҳои дарозмӯҳлат бо фоизи паст ва ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ барои соҳибкорон. Инчунин пурра ва воқеӣ ба роҳ мондани бақайдгирии фаъолияти хоҷагиҳои деҳконӣ. Дар шаҳри Бӯстон зарурияти ҷалби сармояи хориҷӣ барои таъминоти оби нӯшокии маҳаллаи Наврӯз ва Ҷамоати шаҳраки Палос мавҷуд мебошад. Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ кам будани қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳа; ташкили курсҳои кутоҳмуддат, ҷиҳати баланд бардоштани малакаи дониши соҳибкорон, инчунин шинос намудани соҳибкорон ба қонунҳои амалкунандаи соҳа; набудани инфрасохтори мусоид аз қабили роҳ ва купрукҳои пуриқтидори мошингузар.

Дар шаҳри Гулистон мушкилоти ҷалби сармоя барои татбиқи Лоиҳаи барқарорсозии системаи оби нӯшокии шаҳраки Адрасмон ба маблағи умумии 10 миллион сомонӣ ба назар мерасад. Ҳамзамон зарурати ҷалби сармоя барои таъминоти оби нушокии минтақаи истироҳатии шаҳр мавҷуд мебошад, ки заминагузори дастгирии соҳибкорӣ дар самти соҳаи сайёҳӣ ва истироҳату фароғат ва ҷалби сармоя ба бунёди бинову иншоотҳо ва инфросохтори истироҳату сайёҳӣ мегардад. Дар ноҳияи Зафаробод қайд кардан ба маврид аст, ки оид ба рушди соҳибкорӣ ҷалби сармоя бобати ривоҷ додани корхонаҳои саноатии коркарди нахи пата, истеҳсоли матоъ, коркарди гӯшт, истеҳсоли консерва аз меваю сабзавот, хушк намудани пиёз, нигоҳдории меваю сабзавот, коркарди пӯсту пашм ва истеҳсоли маводи ниёзи мардум аз ҷониби мақомотҳои дахлдори соҳа зарур аст.

Пешниҳод: Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он барои амалишавии ваколатҳои онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ” баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ, барои амалигардонии татбиқи лоиҳаҳои пешбинигардида

мусоидат намуда, ҷиҳати мушкилоти онҳо, ҷалби сармоя ба минтақаи озоди иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкориро тақвият бахшанд.

### 5. Маълумот оид ба рушди соҳаи саноат

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи саноат бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ**: 5.1. **Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ**, 5.2. **Амалигардонии занҷираи "ашёи хом – истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ – бозори фурӯш" бо мақсади рушди соҳаи саноат ва сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар минтақаҳои дахлдор (банди** 20 **паём**); 5.3. **Ҷалби сармояи мустақим**, **бунёди корхонаҳои истеҳсолии нав**, **ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда**, **воридоти технологияҳои инноватсионӣ**, **зиёд намудани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои мавҷуда ва ташкили ҷойҳои кории нав (банди** 10 **паём**, **аз** 03.02.2020 **с**., **№**64 **банди** 8, **сархати** 2); 5.4. **Рафти сохтмони корхонаҳои коркарди консентрати маъдан ва таъмини коркарди консентрати маъдан дар шаҳру ноҳияҳои дахлдор (ҚҲҶТ аз** 03.02.2020 **с**., **№**64 **банди** 8, **сархати** 4); 5.5. **Ба коркард фаро гирифтани ашёи хоми маҳаллӣ ҷиҳати нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкили коргоҳҳои хурди коркарди меваю сабзавот дар ноҳияҳои дурдаст (ҚҲҶТ аз** 03.02.2020 **с**., **№**64 **банди** 10, **сархати** 6); 5.6. **Ҷараёни фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ**, **қолинбофӣ ва сеххҳои духти либосҳои мактабӣ**;

#### 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ

Ба таъсири омилҳои манфии берунӣ нигоҳ накарда, дар соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд ба маблағи 15401,5 млн. сомонӣ расонида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта суръати афзоиш бо назардошти индекси нархҳо 117,4 фоиз таъмин гардидааст.

Нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоишро ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 184,7% (2507,9 млн. сомонӣ), ноҳияи Ҷаббор Расулов 137,5% (317,2 млн. сомонӣ), ноҳияи Спитамен 136,4% (668,6 млн. сомонӣ), шаҳри Бӯстон 127,3% (516,8 млн. сомонӣ), ноҳияи Айнӣ 122,8% (1158,9 млн. сомонӣ), Деваштич 116,8% (71,7 млн. сомонӣ), Хуҷанд 115,2% (1492,8 млн. сомонӣ), шаҳри Панҷакент 111,5% (4255,7 млн. сомонӣ), ноҳияи Зафаробод 107,5% (226,2 млн. сомонӣ), ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 106,8%, (3,7 млн.сомонӣ), шаҳри Истаравшан 106,2% (555,7 млн. сомонӣ), шаҳри Исфара 103,5% (372,1 млн. сомонӣ), шаҳри Конибодом 103,4% (320,6 млн. сомонӣ), шаҳри Истиқлол 103,0% (40,8 млн. сомонӣ), ноҳияи Ашт 102,6% (230,8 млн. сомонӣ) ва ноҳияи Мастчоҳ 100,2% (223,7 млн. сомонӣ) таъмин намудаанд, ки дар инкишофи рушди устувори саноат дар шакли индустриалӣ-аграрӣ замина гузошта шуда истодааст.

Дар ноҳияи Шаҳристон 99,7% (37,1 млн. сомонӣ) ва шаҳри Гулистон 70,3% (2400,4 млн. сомонӣ) суръати афзоишро нисбат ба аввали сол кам намуданд, ки таъсири манфӣ ба рушди саноат мерасонад.

Дар ин давра таваҷҷуҳи асосӣ ба истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва содиротӣ равона карда шуд. Нисбат ба соли 2019 суръати афзоиши истеҳсоли ресмони пахтагин 132,5 фоиз ва газворҳои пахтагини тайёр 125,5 фоиз таъмин гардида, дар маҷмӯъ, бо назардошти эҳтиёҷоти худӣ 3941,7 тонна калоба ва 707,3 ҳазор метри мураббаъ газворҳои пахтагини тайёр истеҳсол карда шудааст. Истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории ивазкунандаи воридот сол аз сол тавсеа ёфта, дар соли 2020 ба миқдори 607,4 ҳазор тонна орд ва 5103,6 тонна равғани растанӣ истеҳсол шудааст, ки суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта мутаносибан 2,0 баробар ва 101,5 фоизро ташкил медиҳад.

Истеҳсоли маводи асосии сохтмонӣ, аз қабили қубурҳои металлӣ ба миқдори 30477,6 тонна ва суръати афзоиш 109,8 фоиз, рехтаи пӯлодӣ 4981,9 тонна ва 132,8 фоиз, мех 548,9 тонна ва 3,8 баробар, маҳсулоти кабелӣ 506,1 тонна ва 141,2 фоиз, профилҳои алюминӣ барои дару тирезаҳо 3859,5 тонна ва 108,6 фоиз, профилҳои пластикӣ 1584,9 тонна ва 1,9 баробар, шланги ПВХ 1047,6 ҳазор метри тӯлонӣ ва 2,1 баробар, халтаҳои полипропиленӣ барои бандубасти маҳсулоти корхонаҳо 49,8 млн. дона ва 134,8 фоиз, халтаҳои полиэтиленӣ 2095,2 тонна ва 3,3 баробар, маҳсулоти пластмассагӣ 8,5 млн. дона ва 1,5 баробар, зарфҳои шишагин 16,96 млн. дона ва суръати афзоиш 122,3 фоизро ташкил намудааст.

### 5.2. Амалигардонии занҷираи "ашёи хом – истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ – бозори фурӯш" бо мақсади рушди соҳаи саноат ва сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар минтақаҳои дахлдор (банди 20 паём)

Бо таъсири бӯҳрони шадиди иқтисодии бар асари "Коронавирус – covid-19" бавуҷудомада талабот дар бозори дохилию хориҷӣ ба семент ва ангишт кам шуда, ба нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ таъсири манфӣ расонд. Дар моҳҳои январ-декабри соли 2020 ба миқдори 1280,6 ҳазор тонна семент ва 1761,2 ҳазор тонна ангишт истеҳсол карда шудааст.

Нишондиҳандаи манфии содирот асосан аз ҳисоби кам шудани содироти маъдану консентрат ва семент ба миён омадааст. Ҳаҷми содироти маъдан дар соли равон ба 158,2 млн. доллари ИМА баробар шуда, дар маҷмӯъ, 191443 тонна маъдан ва консентрат содирот шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 124497 тонна ба маблағи 134,0 млн. доллар кам мебошад.

Давоми соли ҷорӣ ба миқдори 652182 тонна семент ба маблағи 29,9 млн. доллари ИМА содирот шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипаригашта 64525 тонна ва ба маблағи 1,6 млн. доллари ИМА кам аст. Содироти семент асосан ба ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон ба роҳ монда шуда, ҷиҳати дарёфти бозорҳои нави фурӯш корбарӣ рафта истодааст.

Амалӣ намудани барномаҳои азнавмусаллаҳшавии техникӣ имкон фароҳам овард, ки ҶСК "Қолинҳои Қайроққум" дар давраи ҳисоботӣ ба миқдори 1447,09 ҳазор метри мураббаъ маҳсулоти қолинию тафтенгӣ ва 845,5 тонна риштаи полипропиленӣ истеҳсол намояд. Инчунин, аз тарафи ширкати ватании ҶДММ "Сахо и К" ба маблағи 6,0 миллион сомонӣ

корхонаи коркарди қоғаз, аз тарафи ҶДММ "Мурғи аълосифат" ба маблағи 10,0 миллион сомонӣ ва корхонаи ҶДММ "Хизир Назар" истеҳсоли тахтаҳои азбестӣ бо 15 ҷойи кории нав сохта ба истифода дода шудааст.

Дар ин давра ба маблағи 17,4 млн. доллари ИМА 1099 тонна либосворӣ ба бозори хориҷӣ бароварда шуда, афзоиш нисбат ба соли қаблӣ 1,5 млн. доллари ИМА ба ҳисоб гирифта шудааст. Илова бар ин, ба маблағи 4,4 млн. доллари ИМА 2265 тонна калобаи пахтагин содирот шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1100 тонна ба маблағи 1,86 млн. доллар зиёд аст. Содироти нахи пахта нисбат ба соли пешин 3706 тонна ба маблағи 2,3 млн. доллари ИМА афзоиш ёфта, ҳамагӣ 42085 тонна нахи пахта ба маблағи 57,36 млн. доллар содирот шудааст.

Дар соли 2020 дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба маблағи 188,6 млн. доллари ИМА маҳсулот содирот карда шудааст. Тибқи маълумоти гумруки «Хуҷанд» дар давраи ҳисоботӣ ба миқдори 625,0 тонна нахи пахта ба маблағи 874,6 ҳазор доллар, 693,0 тонна маҳсулотҳои кишоварзӣ ба маблағи 251,9 ҳазор доллар, 88,0 тонна қалобаи пахтагӣ ба маблағи 169,2 ҳазор доллар, 1099,0 тонна либосворӣ ба маблағи 17,4 млн. доллар, 173,6 ҳазор тонна маъдан ва консентрат ба маблағи 143,4 млн. доллар, 1223,0 тонна чарм ба маблағи 1363,2 ҳазор доллар содирот карда шудааст.

Дар ин давра бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ ва соҳибкорон 76 ҳазору 875 тонна орд ё худ 113,5 фоиз, 25 ҳазору 224 тонна сабӯс ё 105,6 фоиз, 284,2 тонна равғани растанӣ ё худ 96,0 фоиз, 24753,6 декалитр оби маъданӣ ё худ 112,9 фоиз, 450,9 ҳазор қутии шартии консерваҳо ё худ 151,5 фоиз, 29 ҳазору 324,6 декалитр нӯшокиҳои беспирт ё худ 88,6 фоиз, 141,9 тонна маҳсулоти қаннодӣ ё худ 98,7 фоиз, 4981,9 тонна рехтаи пулодӣ ё худ 132,8 фоиз, 2,4 км қубурҳои азбестӣ ё худ 25,4 фоиз, 92 ҳазору 939 метр қубурҳои пластикӣ ё худ 679,4 фоиз, 1193 тонна арматураи сохтмонӣ ё худ 40,7 фоиз, 42 млн. 306 ҳазор дона халтаҳои полипропиленӣ ё худ 114,5,0 фоиз, 2 млн 602 ҳазор дона қоғази ташноб, 539,6 тонна мех, 505,3 ҳазор дона ниқоби тиббӣ, 16,7 ҳазор дона маҳлул барои беҳдошти шахсӣ истеҳсол карда шуд, ки маҳсулотҳои истеҳсолгардида ҳамчун маҳсулотҳои воридотивазкунанда ба ҳисоб меравад.

Корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Бӯстон, Гулистон ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба рушди соҳаи саноат, ташкили ҷойҳои нави корӣ, зиёд гардидани пардохтҳо ба буҷет ва боздоштани хориҷшавии асъор аз ҷумҳурӣ мусоидат намудааст.

5.3. **Ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои истеҳсолии нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, воридоти технологияҳои инноватсионӣ, зиёд намудани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои мавҷуда ва ташкили ҷойҳои кории нав (банди** 10 **паём, аз** 03.02.2020 **с.**, **№64 банди** 8, **сархати** 2);

Дар давраи ҳисоботӣ аз 687 корхонаи саноатӣ 614 корхона ё 89,3

фоиз фаъолият намуда, 73 корхона ё 10,6 фоиз фаъолият накарданд.

Сабабҳои фаъолият накардану ақибмонии корхонаҳои саноатӣ паҳншавии COVID-19, нарасидани ашёи хому маблағҳои гардишӣ, фарсуда гаштани таҷҳизоти технологӣ, маҳдуд шудани бозорҳои анъанавии фурӯши маҳсулот, ба рақобат тобовар набудани маҳсулоти истеҳсолшуда мебошанд.

Дар соли 2020 дар миқёси вилоят 107 корхонаву коргоҳҳои нав бо 1570 ҷойҳои нави корӣ ба фаъолият шурӯъ намуда, корхонаҳои навтаъсис асосан корхонаҳои соҳаи саноатӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, хӯрокворӣ ва сабукро дарбар гирифта, барои таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва воридотивазкунанда мусоидат намуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Хуҷанд 17 адад корхонаҳои истеҳсоли нав бо назардошти соҳибкорони инфиродӣ , аз ҷумла: ҶДММ филиали ширкати "Хантана Канада ИНК", "Афранг пластик", "Хуҷанд Агро", "Суғдиён", "Афиф", "Ифтихор ва ширкат", "Асил", КД "Амир", "Агро 20-30", "Субҳи Заррин", "Сомон гурӯҳ" ва соҳибкорони инфиродии "Акбаров Ф", "Ҳакимзода С", "Мадаминов С", "Умаров Х", Абдураҳимов Ю, сехи истеҳсоли нави маҳсулоти қаннодӣ бо тамғаи "Азизи ман" таъсис дода шудааст.

Инчунин аз тарафи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди "Арча-мебел", "Ариана металл пласт", "Кабири Хуҷанд", таҷҳизотҳои технологии истеҳсоли ширкатҳои пешрафти Аврупо аз қабили "Интермик" (Полша), "КОМПО" (Белоруссия), "ПОЛИКЛИП" (Олмон), "МАТИМЕКС" (Австрия), "Афранг пластик" (Туркия), филиали ширкати "Хантана Канада ИНК" (Канада) технологияҳои инноватсионӣ ворид карда шуда, таҷҳизонида шуданд.

Баҳри таъсиси ҷойҳои нави корӣ чораҳои андешидашуда собит менамояд, ки аз ҳисоби корхонаҳои нав 427 нафар шаҳрвандон бо ҷойи корӣ таъмин гардиданд.

5.4. **Рафти сохтмони корхонаҳои коркарди консентрати маъдан ва таъмини коркарди консентрати маъдан дар шаҳру ноҳияҳои дахлдор (ҚҲҶТ аз** 03.02.2020 **с.**, **№**64 **банди** 8, **сархати** 4);

Дар ноҳияи Айнӣ дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати амалигардонии занҷираи ашёи хом истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ- бозори фурӯш бо мақсади рушди соҳаи саноат ва сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунанда зиёда аз он 177,68 тонна металли симоб истеҳсол гардид.

Дар шаҳри Истиқлол дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби ҶДММ "Нуқрафарм" 3370 тонна консентрати нуқрадор истеҳсол карда шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2350 тонна кам мебошад.

5.5. **Ба коркард фаро гирифтани ашёи хоми маҳаллӣ ҷиҳати нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкили коргоҳҳои хурди коркарди меваю сабзавот дар ноҳияҳои дурдаст (ҚҲҶТ аз** 03.02.2020 **с.**, **№**64 **банди** 10, **сархати** 6);

Тибқи маълумоти оморӣ дар ҶДММ "Ҷавонӣ" дар соли ҷорӣ 857,7 тонна пахта коркард карда, ба маблағи 119,9 млн. сомонӣ маҳсулоти дӯзандагӣ истеҳсол карда шуда, ба маблағи 111,0 млн. сомонӣ маҳсулот содирот карда шудааст.

Дар ҶДММ "Сатн" дар ин давра 730,9 тонна нахи пахта коркард карда шуда, ба маблағи 85,2 млн. сомонӣ маҳсулоти дӯзандагӣ истеҳсол карда, ба маблағи 83,6 млн. сомонӣ содирот карда шудааст.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ҶДММ "Афзали Суғд" фаъолият намуда истода, дар давраи ҳисоботӣ корхонаи мазкур ба миқдори 2319,4 тонна ё ба маблағи наздик 6201,5 ҳазор сомонӣ маҳсулотҳои ширӣ аз ҷумла, қаймоқ, творог, ҷурғот ва панир истеҳсол намудааст. Айни ҳол дар ноҳия 2 адад корхонаҳои истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан аз он ҷумла, ҶДММ "Зода" ва ҶДММ "Ширкати Баҳор" фаъолият намуда, дар давраи ҳисоботӣ ба миқдори 789,58 декалитр ба маблағи 159,8 ҳазор сомонӣ нӯшокиҳои ташнашикан истеҳсол намудааст.

Бобати ба роҳ мондани коркарди ҳарчи бештари меваю сабзавот, истеҳсоли консерваҳо дар Ҷамоати шаҳраки Палоси шаҳри Бӯстон корхонаи ҶДММ "Шарбати мева" тӯли 5 сол аст, ки баҳри таъмини бозори дохилӣ бо чунин намуди маҳсулот фаъолият бурда истодааст. Корхонаи номбурда дар давоми соли 2020 - 300,82 ҳазор қутии шартӣ консерваҳои меваю сабзавот, 1612,9 декалитр обҳои маъданӣ ва 8554,3 декалитр нӯшокиҳои беспирт ба маблағи 630,4 ҳазор сомонӣ истеҳсол карда шуд.

5.6. **Ҷараёни фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сеххои духти либосҳои мактабӣ**

Бо мақсади иҷрои ҳадафҳои асосии "Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020" таъмини пурраи бозори истеъмолии ватанӣ бо маҳсулоти қолинӣ, зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ, қолинбофон бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба истеҳсолот то имрӯз 6 адад дастгоҳи бофандагии муосир, таҷҳизоти махсуси истеҳсоли риштаи полипропилении давлати Олмон ва таҷҳизоти махсуси мустаҳкамсозии ришта аз давлати Франсия барои истеҳсоли қолинҳо ворид намуданд. Имрӯзҳо бо дарназардошти воридоти таҷҳизотҳои замонавии пешқадам дар ҶСК "Қолинҳои Қайроққум" истеҳсоли қолинҳои рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда тадриҷан беҳтар гардид. Ҳамзамон, истеҳсоли нахе, ки ҳамчун ашёи хоми асосӣ барои истеҳсоли қолин истифода бурда мешуд дар дохили кишвар ба роҳ монда шуд. Дар давраи ҳисоботӣ гилембофон 226 адад гилеми дастӣ истеҳсол намуданд, ки ин нишондиҳанда мувофиқи маълумотҳои оморӣ 89,7 фоизро ташкил додааст. Инчунин дар ин давра ба маблағи 3803,5 ҳазор сомонӣ маҳсулотҳои дӯзандагӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 108,3% ё ки 292,9 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад

Бахшида ба солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар давоми солҳои 2018 – 2019 ва соли 2020-ум ду коргоҳи дӯзандагӣ бо 16

ҷойҳои нави корӣ, 8 дӯкони дӯзандагӣ бо 20 ҷойи кории нав бо ҷалби бонувони ҳунарманд аз тарафи соҳибкорони маҳаллӣ таъсис дода шуд, ки бо дӯхти либосҳои мактабӣ ва миллӣ машғул мебошанд.

Дар шаҳри Гулистон Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи “Равшан” фаъолияти мунтазами истеҳсолӣ дорад, ки дар корхонаи мазкур сехи дӯзандагӣ (бо 20 ҷои корӣ) фаъолият мебарад. Инчунин маркази атласу адрасбофии шаҳраки Сирдарё барои касбомӯзии бонувону духтарон бо мошинҳои дарздӯзӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Дар соли 2020 корбарӣ дар самти бунёди корхонаву коргоҳҳои дӯзандагӣ, аз ҷумла либоси мактабӣ идома дода шуда, дар давраи ҳисоботӣ 16 коргоҳи нави дӯзандагӣ бо 154 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд. Аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Исфара 3 ададӣ, Панҷакент, Айнӣ 2 ададӣ, Хуҷанд, Ашт, Бӯстон, Бобоҷон Ғафуров, Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Конибодом 1 ададӣ коргоҳ таъсис дода шуд.

Барои дар соли таҳсили 2020-2021 бо сару либоси мактабӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят дӯхтани 280527 либоси мактабӣ ба нақша гирифта шуда, давоми соли ҷорӣ 328207 либоси мактабӣ дӯхта шудааст, ки баробари 117,0 фоизи нақша мебошад.

Дар шаҳри Бӯстон ду адад маркази таълимии истеҳсолии атласу адрасбофӣ дар оғози соли 2017 ташкил карда шудааст, ки 1 адад дар Ҷамоати шаҳраки Палос ва як адад дар ҳудуди шаҳр фаъолият намуда истодааст. Инчунин дар сехи дӯзандагии атласу адрасбофии КВД «Фулузоти Нодири Тоҷикистон» 6 адад дастгоҳҳои атласу адрасбофӣ мавҷуд буда, занҳои хонашин бо ҷойи корӣ ҷалб карда шудааст. Дар сехи дӯзандагии Ҷамоати шаҳраки Палос 5 адад дастгоҳҳои астласу адрасбофӣ мавҷуд буда, 8 нафар занҳои хонашини ҷамоат фаъолият намуда истода, дар бозори “Саховат”-и шаҳр маркази ҳунарҳои мардумӣ ташкил карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Хуҷанд аз тарафи корхонаҳои дӯзандагӣ ба маблағи 243,5 млн. сомонӣ, аз тарафи корхонаву сехҳои атласу адрасбофӣ ба миқдори 53,7 ҳазор метри мураббаъ матои адрас истеҳсол карда шудааст. Маҳсулоти истеҳсолшуда ба меъёрҳои стандартӣ мутобиқ буда, онҳо бо ашёи хоми маҳаллӣ истеҳсол шуда истодаанд.

Илова бар ин, дар ин давра аз тарафи корхонаҳои дӯзандагӣ ба маблағи 5531,9 ҳазор сомонӣ либоси бачагона духта шудааст.

Мушкилиҳо: Дар ноҳияи Зафаробод бинобар надоштани иҷозатнома (литсензия) барои фаъолият корхонаи саноатии ҶДММ «Сангҳои ороишӣ» ва ҶДММ «Туронбобо» аз фаъолият боз мондааст. Мавҷуд набудани имконият ҷиҳати коркардӣ маҳсулотҳои дар ноҳия истеҳсолшуда, дар шаҳри Панҷакент набудани сармоягузорони дохилию хориҷӣ ва ҷалби он дар бахши саноат, дар ноҳияи Зафаробод 1. Баланд будани андозбандии корхонаҳои саноатӣ, ки маҳз бо ҳамин сабаб дар корхонаҳои истеҳсолӣ пинҳонкунии ҳаҷми истеҳсол вуҷуд дорад. 2. Набудани захираҳои лозимии молиявӣ барои гузаронидани таъмир ва азнавсозии истеҳсолот. 3. Ҳаҷми нокифояи сармоягузории бевосита ва

мустақим. 4. Сатҳи пасти мененҷмент, набудани системаи ҳозиразамони маркетинг. Роҳи ҳалли мушкилотҳо: 1. Соддакунӣ ва кам намудани намудҳои андозбандӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ таъсиси корхонахои коркарди махсулоти кишоварзӣ бо истифодабарии технологияхои пешқадам. 2. Ташкили корхонаҳои хурди истеҳсоли орд, ҳасиб ва коркарди меваю сабзавот. 3. Бунёди корхонаи коркарди пашму пӯст. 4. Дуруст ба рох мондани сиёсати кадрӣ ҳангоми интихоби мутахассисони соҳа. 5. Маҳдуд кардани воридоти маҳсулотҳои насоҷӣ аз хориҷи кишвар бо мақсади дастгирии фабрикаи ҷӯроббарории ноҳия. 6. Ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ. 7. Тараққӣ додани системаи сертификатсиякунонии истеҳсолот ва маҳсулот. 8. Ба роҳ мондани истеҳсол ва содироти маҳсулоти тайёр аз пахта. Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ нарасидани техникаҳои пуриқтидори куҳкан ба корхонаҳои истихроҷи ангишти ноҳия; набудани инфрасохтори мусоид аз қабили роҳ; кам будани маблағҳои грантӣ ҷиҳати таъсиси коргоҳҳои нави саноатӣ; ба меъёрҳои стандартӣ ҷавобгӯ набудани хати баландшиддати барқи Айни Кӯҳистони Мастчоҳ.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда фаъолиятро пурзӯр намуда ҷиҳати баланд бардоштани истеҳсолот ва таъмини ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба саноатикунонии мамлакат чораҳои мушаххас амалӣ намоянд.

## 6. **Маълумот оид ба рушди энергетика**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи энергетика бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 6.1. Бунёди иқтидорҳо ва шабакаҳои нави барқӣ, таҷдиду барқарорсозии шабакаҳои мавҷуда, аз ҷумла ҳолати истифодаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ 6.2. Рафти пардохти маблағи ҳаққи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ, 6.3. Ҷорӣ намудани низоми муосири назорату баҳисобгирӣ (ҳисобкунакҳои электронӣ) ва коҳиш додани талафоти нерӯи барқ ва истифодаи технологияи каммасраф**

### 6.1. **Бунёди иқтидорҳо ва шабакаҳои нави барқӣ, таҷдиду барқарорсозии шабакаҳои мавҷуда, аз ҷумла ҳолати истифодаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ**

Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи шабакаҳои барқи Истаравшан зеристгоҳи барқии 110/10 кВт бо иқтидори 6300 кВт дар Ҷамоати деҳоти “Сабристон” ва зеристгоҳи барқии 110/35/10 кВ бо иқтидори 40 мВА дар ҷамоати деҳоти “Чорбоғ” насб карда шуд, ки барои боз ҳам беҳтар ва хубтар намудани сифати барқ гардид.

Аз ҷониби шабакаҳои барқии ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ дар

давраи ҳисоботӣ ба ноҳия 2 адад трансформатори 250 Квт ба маҳаллаи Ғудоки деҳаи Мадрушкат ва деҳаи Худгифи Офтоб ворид карда шуд. Хатти асосии минтақаи барқи ноҳия дар масофаи 2,4 км таъмир ва изолляторҳои симчубҳо ба миқдори 94 дона иваз карда шуданд.

Дар соли 2020 дар маҳалҳои навбунёди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи Мастчоҳ 6 адад трансфарматори иқтидорҳояшон мухталиф насб гардида, 2250 адад ҳисобкунакҳои индуксионӣ ба ҳисобкунакҳои электронӣ иваз карда шуда, 2010 адад ҳисобкунакҳо аз хонаҳо ба берун бароварда шуданд.

Дар соли 2020 дар шаҳри Исфара барои кори мӯътадили хатҳои интиқоли барқӣ, дастгоҳҳо ва таҷҳизотҳои барқӣ таъмири асосии таҷҳизотҳои барқӣ ва хатҳои интиқоли барқии чашмакҳои 10кВ - 29 адад, истгоҳҳои трансформатори 6-10/0,4кВ 44 адад, хатҳои барқӣ 0,4-6-10кВ 155км, хатҳои кабелӣ 0,4-6-10кВ 2,69 км ба маблағи 1881,75 ҳазор сомонӣ, таъмири ҷории таҷҳизотҳои барқӣ ва шабакаҳои интиқоли нерӯи барқ дар ҳаҷми 1050,6 ҳазор сомонӣ гузаронида шуда, дар зеристгоҳҳои трансформатории 35-110кВ 8 адад васлакҳои равғанӣ аз таъмири капиталӣ ва ҷорӣ бароварда шуданд.

Барои боз ҳам беҳтар намудани вазъи барқтаъминкунии шаҳри Хуҷанд, дар ин давра 30 адад истгоҳи трансформатори иқтидори 15673кВА, 3 адад истгоҳи трансформаторӣ аз тарафи шабакаҳои барқӣ бо иқтидори 1200 кВА ба шабакаи тақсимотӣ пайваст карда шуда, зиёда аз 3 км хати кабелии 6-10 кВ ва 2 км хатти кабелии 0,4 кВт сохта ба истифода дода шудааст.

### 6.2. **Рафти пардохти маблағи ҳаққи қувваи барқ ва мавҷудияти бақияи қарзи истифодаи қувваи барқ**

Дар соли 2020 дар вилоят қарзи умумии истифодаи қувваи барқ ба 586,0 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 +145,1 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла, аз ҷониби аҳолӣ қарз ба маблағи 129,9 млн. сомонӣ буда, нисбат ба аввали соли 2020 43,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ҳисоби зиёдшавии қарзи истифодаи қувваи барқ нисбат ба аввали соли 2020 дар ноҳияи Зафаробод +22,0 млн. сомонӣ (ҳамагӣ қарз 77,4 млн.сомонӣ), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +12,1 млн. сомонӣ (67,8 млн.сомонӣ), ноҳияи Мастчоҳ +17,1 млн. сомонӣ (64,7 млн. сомонӣ), ноҳияи Ашт +15,4 млн. сомонӣ (50,7 млн. сомонӣ), шаҳри Истаравшан +5,2 млн. сомонӣ (48,4 млн. сомонӣ), шаҳри Панҷакент +17 млн. сомонӣ (45,4 млн. сомонӣ), шаҳри Исфара +6,5 млн. сомонӣ (41,9 млн. сомонӣ), шаҳри Гулистон +5,2 млн.сомонӣ (36,0 млн. сомонӣ), шаҳри Хуҷанд +5,6 млн. сомонӣ ( 35,7 млн. сомонӣ), шаҳри Конибодом +5,6 млн. сомонӣ (28,5 млн. сомонӣ), ноҳияи Айнӣ +4,5 млн. сомонӣ (21,0 млн. сомонӣ), ноҳияи Ҷаббор Расулов +2,4 млн. сомонӣ (19,6 млн. сомонӣ), ноҳияи Спитамен +4,3 млн.сомонӣ (17,1 млн.сомонӣ), ноҳияи Деваштич +3,5 млн. сомонӣ (6,7 млн. сомонӣ), шаҳри Бӯстон +1,7 млн. сомонӣ (6,4 млн. сомонӣ), ноҳияи Шаҳристон +0,5 млн. сомонӣ (4,3 млн. сомонӣ),

шаҳри Истиқлол +0,2 млн. сомонӣ (1,1 млн. сомонӣ) ва ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ +65,5 ҳазор сомонӣ (368 ҳазор сомонӣ) имконияти молиявии таъмини нишондоди рушди энергетика маҳдуд гардонида шудааст.

6.3. **Ҷорӣ намудани низоми муосири назорату баҳисобгирӣ (ҳисобкунакҳои электронӣ) ва коҳиш додани талафоти нерӯи барқ ва истифодаи технологияи каммасраф**

Дар соли 2020 дар миқёси вилоят 15403 адад ҳисобкунакҳои электронӣ насб гардидааст, ки нисбат ба аввали сол 5292 адад зиёд мебошад.

Ҷиҳати дақиқ ба ҳисоб гирифтани қувваи барқ аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ дар шаҳри Конибодом +4991 адад, дар шаҳри Исфара +3436 адад, дар ноҳияи Спитамен +2442, дар шаҳри Панҷакент +1728 адад, дар шаҳри Гулистон +1692 адад, дар ноҳияи Ашт +1264 адад, дар ноҳияи Мастчоҳ +1100 адад, дар шаҳри Хуҷанд +1090 адад, дар ноҳияи Зафаробод +850 адад, дар ноҳияи Шаҳристон +553 адад, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров +316 адад, дар шаҳри Истаравшан +187 адад, дар шаҳри Бӯстон +126 адад, дар ноҳияи Деваштич +61 адад, дар ноҳияи Айнӣ +60 адад, дар шаҳри Истиқлол +53 адад ва ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ +31 адад нисбат ба аввали сол зиёд шуда, заминаи таъмини нишондоди рушди энергетика гузошта шуда истодааст.

Дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷаббор Расулов доир ба ин масъала маълумот пешниҳод нагардидааст, ки муайян намудани нишондиҳанда ғайриимкон гардид.

**Талафоти барқ**:

Дар вилоят давоми соли 2020 талафоти барқ 14,7 %-ро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 0,5% кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Исфара +1,2%(15,1%), Бӯстон +0,08% (12,5%), Кӯҳистони Мастчоҳ +0,24% (20,5%) Спитамен +0,05 (16,9%) нисбат ба аввали сол зиёд гардида, дар ноҳияҳои Зафаробод -+0%(17%) ва Шаҳристон -+0% (16,0%) дар сатҳи аввали сол бетағйир боқӣ мондааст, ки чораҳои андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа барои кам кардани талафоти барқ нокифоя мебошад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ашт -0,8 %, (14,4%), Конибодом -0,7% (14,5%), Панҷакент -2,0% (14,6%), Деваштич -0,5% (17,0%), Бобоҷон Ғафуров -0,7% (14,4%) Ҷаббор Расулов +0,6 (16,7%), Истаравшан -2,0% (21,6%), Мастчоҳ -1,0% (14,0%), Истиқлол -0,9% (15,5%), Айнӣ -1,6% (15,5%), Гулистон -0,6% (14,6%) ва Хуҷанд -0,7% (9,5%) нисбат ба аввали сол кам гардида, барои таъмини рушди энергетика шароит фароҳам оварда шуда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа ба назар мерасад.

Нишондоди баланди талафоти кувваи барқ дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич, Кӯҳистони Мастчоҳ, Истаравшан, Зафаробод ба назар расида барои расидан ба натиҷаи чашмдошти СМР 2030 ҳамчун мушкилот боқӣ мондааст.

Мушкилиҳо: Дар як вақт дар ноҳияи Айнӣ мушкилотҳои соҳаи барқ ба назар мерасад, ки барои расонидани хизматрасонии босифат ба аҳолии ноҳия монеа пеш меоварад, ки ин ба мувозинаи ШСХК "Барқи Тоҷик" додани нерӯгоҳҳои хурди обии Марзич, Дижик ва Пинён ва фарсудаву корношоям гардидани хатҳои интиқоли барқӣ, трансформаторҳо, ноҳияи Ашт хатҳои барқии 10/04кВ, ки солҳои шӯравӣ бунёд гардидааст, дар натиҷаи истифодаи тӯлонӣ фарсуда шудаанд; миқдори зеристгоҳҳои барқии мавҷуда нисбати меъёр кам буда, зеристгоҳҳои мавҷуда сербор мебошанд; кӯҳнаву фарсуда будани воситаҳои нақлиётӣ ва ворид нагардидани воситаҳои нав; бо назардошти афзоиши ҳамасолаи аҳолии Ҷамоати шаҳраки Шайдон ва Ҷамоати деҳоти Понғоз бунёди зеристгоҳи нави 35/10 кВ ва хатти нави баландшиддаи 35 кВ, оид ба ин масъала лоиҳаи бунёди хатти баландшиддати барқии 35 кВ "Шайдон – Хиштхона" ва насб намудани як адад трансформатори иқтидораш 6300 кВ омода ва пешниҳод карда шудааст. Инчунин дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия давоми солҳои охир бо мақсади таъмини шаҳрвандон бо замини наздиҳавлигӣ 583 гектар замин тақсим карда шуда, маҳалҳои нави аҳолинишин бунёд шуда истодааст, вале ба ин маҳалҳои нав хатҳои барқӣ кашида нашудааст ва сокинони онҳо ба душворӣ дучор шудаанд, дар шаҳри Бӯстон ҷиҳати таъмиру барқарорсозӣ ва ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани иншооти шабакаҳои барқӣ, бартараф кардани талафоти аз меъёри зиёди барқ, дастрас намудани қисмҳои эҳтиётӣ барои гузаронидани корҳои профилактикӣ маблағгузории зарурӣ ва саривақтӣ мувофиқи мақсад аст, шаҳри Гулистон мушкилот дар ин соҳа фарсуда шудани хатти интиқоли барқ ба сокинон мебошад, ки солҳои 50-60-уми асри гузашта кашида шудааст. Бинобар ин талафоти теникӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла, қарзҳои беэтимоди солҳои тӯлонӣ пардохтнашуда ва ҳангоми аз як намуди фаъолият ба намуди дигар гузаронидани корхонаҳои саноатӣ дар ҷамоати шаҳраки Адрасмон ва Зарнисор мушкилӣ пеш овардааст, ки ҳаҷми умумии қарзҳо ба маблағи беш аз 16,5 миллион сомониро ташкил медиҳад. Инчунин яке аз мушкилиҳои асосӣ ин ғайриимкон будани гирифтани нишондоди ҳисобкунакҳои барқии ҳамаи гурӯҳҳои муштариён мебошад. Бинобар ин, барои бартараф намудани мушкилии ҷойдошта зарурияти насб намудани системаи билингии баҳисобгирии барқ ба вуҷуд омадааст. Дар ноҳияи Деваштич ба иваз намудани зеристгоҳҳои барқии пурбор ва камбор, иваз намудани 8 км ноқили а-35мм ба а-70 мм., ноҳияи Зафаробод мунтазам аз кор баромадани трансформаторҳо ва шабакаҳои барқӣ бо сабаби сарбории зиёд ва фарсудашавӣ; Ба миқдори лозимӣ мавҷуд набудани кисмҳои эҳтиётӣ ва таҷҳизоти барқӣ; Гузаронидани хатти барқ ва насби трансформаторҳо ба деҳаҳои навташкилшуда. Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ набудани хати баландшиддати барқ ба 2 деҳаҳои ҷамоати деҳоти ба номи Иван-Тоҷик; ба меъёри байналмиллалӣ ҷавобгӯ

набудани хати баландшиддати барқи Айни Кӯҳистони Мастчоҳ; пурра таъмин набудани муштариён ба ҳисобкунакҳои электронии барқи, ки сабаби талафоти зиёди барқ мегардад; набудани сарчашмаҳои маблағгузорӣ ҷиҳати бунёди неругоҳҳои хурди барқӣ дар ноҳия, Дар шаҳри Конибодом барои пардохти пурраи қувваи барқи истифодашуда, кам кардани талафоти қувваи барқ бояд ҳисобкунакҳои индуксионӣ ба электронӣ иваз карда шуда, дар даромадгоҳи хонаҳои бисёрошёна ва хавлиҳо васл ва ба системаи билингӣ пайваст карда шаванд.

Пешниҳод: ШСХК "Барқи Тоҷик", мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ ва бунёди зеристгоҳҳои барқӣ чораҳои мушаххас андешида, корҳоро дар ин самт ҷоннок намоянд.

## 7. Ҳифзи амнияти озуқаворӣ
## (банди 5 паём)

**Нишондоди пешакии ҳифзи амнияти озуқаворӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ**, 7.1. (7.12.) **Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ**, 7.2. (7.2., 7.9.) **Истифодаи оқилонаи обу замин**, 7.3. (7.4., 7.5 7.6., 7.7., 7.8. ) **Таъмини заминаи содирот ва ворридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ** 7.4. (7.10.) **Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ**

7.1. (7.11.) **Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли махсулоти соҳаи кишоварзӣ дар соҳаи растанипарварӣ ва чорводорӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳа, хусусан истеҳсоли пахта ва баланд бардоштани ҳавасмандии хоҷагиҳои пахтакор**.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз самтҳои асосӣ ва афзалиятноки пешбурди иқтисодиёти вилоят маҳсуб ёфта, нақши он дар таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаҳои саноат, афзоиши имкониятҳои содиротии вилоят ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ хеле муҳим аст.

Кишоварзони вилоят ҷиҳати таъмини рушди соҳа тадбирҳои судманд андешида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро дар соли 2020 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят ба 10821,0 млн. сомонӣ расониданд, ки баробари 110,5 фоизи ҳамин давраи соли гузашта мебошад.

Дар соҳаи чорводорӣ 66,6 ҳазор тонна гӯшт, аз ҷумла 9,6 ҳазор тонна гӯшти паранда, 273,0 ҳазор тонна шир, 594,6 млн. дона тухм, 1458,5 тонна асал, 1550,0 тонна пашм ва 142,9 тонна пилла истеҳсол карда шуд, ки нисбат ба соли 2019 гӯшт 8,0 ҳазор тонна, аз ҷумла гӯшти паранда 6,8 ҳазор тонна, шир 3,8 ҳазор тонна, тухм 164,7 млн. дона, асал 42,0 тонна ва пашм 33,7 тонна афзуд.

Аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баландсуръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳри Бӯстон 131,8%, дар ноҳияҳои Шаҳристон 121,6% Бобоҷон Ғафуров 115,4%, Деваштич 113,6%, Мастчоҳ 113,6%, дар

шаҳрҳои Исфара 112,3%, Хуҷанд 110,8%, Истаравшан 106%, Конибодом 104,6%, Панҷакент 100,3%, дар ноҳияҳои Ҷаббор Расулов 108,8%, Ашт 104,9%, Зафаробод 104,2%, Спитамен 104,6 %, Кӯҳистони Мастчоҳ 100,6%, Айнӣ 100,3% ва ҳиссаи онҳо дар таъмини нишондоди ҳифзи амнияти озуқаворӣ назаррас мебошад. Ин нишондиҳанда дар шаҳри Истиқлол 55,8 %-ро ташкил медиҳад.

7.2. (7.2., 7.9) **Истифодаи оқилонаи обу замин**.

Мувофиқи тавозуни замин ба 1 январи соли 2020 дар вилоят 4579 гектар заминҳои боир, аз ҷумла 3077 гектар боири обӣ мавҷуд буда, дар давраи ҳисоботӣ 426 гектар заминҳои боир аз худ карда шуданд. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Ашт 224,5 гектар, Деваштич 70, Ҷаббор Расулов 69,3, Спитамен 27, Мастчоҳ 21 ва Зафаробод 14 гектар заминҳои боир ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шудаанд.

Дар доираи иҷрои "Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020" дар вилоят азхудкунии 940 гектар заминҳои нави кишоварзӣ пешбинӣ шудааст.

Дар амал соли 2020 майдони заминҳои нави азхудшуда 1279 гектарро ташкил дода, дар шаҳру ноҳияҳои Ашт 614,7 гектар, Спитамен 122, Бобоҷон Ғафуров 100, Кӯҳистони Мастчоҳ 68,5, Исфара 53,46, Конибодом 43, Истаравшан 41,4, Деваштич 34, Мастчоҳ 17, Панҷакент 7,5, Зафаробод 6, Айнӣ 5 ва Шаҳристон 4 гектар замин ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шудаанд.

Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят барои пурра ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои холимонда ва партов (боир) корбарӣ идома дорад. Ҳамзамон, ин заминҳо ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки имконияти аз худ кардани онҳоро доранд, тибқи қарорҳои дахлдор вобаста карда шуда истодаанд.

Оид ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида бо истисноии шаҳру ноҳияҳои болозикр дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот пешниҳод накардаанд.

7.9. **Истифодаи самараноку сарфакоронаи об барои объёрии заминҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи захираи об**.

Дар самти ислоҳоти соҳаи обрасонӣ тадбирҳо андешида шуда, дар вилоят 241 Ассотсиатсияи истифодабарандагони об фаъолият мебаранд, ки дар танзими системаи обрасонӣ ва таъминоти бонизоми заминҳои кишоварзӣ бо об нақши муҳим доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади роҳандозӣ намудани таъминоти мунтазами оби полезӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, ки омили муҳими баланд бардоштани боздеҳи замин мебошад, тадбирҳо андешида, аз ҳисоби буҷети вилоят барои ба мавсими киштукор омода намудани пойгоҳҳои обкашӣ 4,2 млн. сомонӣ, аз ҷумла ба шаҳру ноҳияҳои

Зафаробод 1,9 млн. сомонӣ, Ашт 1,0 млн. сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров 500,0 ҳазор сомонӣ, Ҷаббор Расулов 300,0 ҳазор сомонӣ, Мастчоҳ 300,0 ҳазор сомонӣ ва барои корҳои лоиҳавӣ дар мавзеи Рухак 200,0 ҳазор сомонӣ маблағ равона карда шуд.

Дар ин давра тавассути шабакаҳои обрасонӣ ба миқдори 1455,3 млн. метри мукааб бо арзиши 29170,4 ҳазор сомонӣ обрасонӣ карда шуда, аз ҷониби истифодабарандагони об ба ҳолати 31-уми декабри соли 2020 26075,1 ҳазор сомонӣ пардохт карда шудааст.

Бо мақсади татбиқи амалии "Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар солҳои 2016-2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар вилоят бо дастгирии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳавзаи дарёи Сир "Лоиҳаи идоракунии захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мавриди амал қарор дода шуда, дар доираи лоиҳаи мазкур як зумра корҳо ба сомон расонида шуданд.

Тибқи нақша дар соли 2020 беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 5496 гектар замин ба маблағи 5093,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, барои ин мақсад дар соли ҷорӣ 4285,6 ҳазор сомонӣ маблағ равона гардида, ҳолати мелиоративии 5731 гектар замин беҳтар карда шуд, ки баробари 104,3 фоизи нақша мебошад.

Қарзи истифодабарандагони оби полезӣ дар вилоят 56,3 млн.сомонӣ буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,2 млн.сомонӣ кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда мувофиқи пешниҳоди шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 2861074 (-104,378 ҳаз. сомонӣ), Истаравшан 34307. сомонӣ (+2803 сомонӣ), Исфара 1083,4 ҳазор сомонӣ (+66,7 ҳаз. сомонӣ), Конибодом 2,741 ҳаз. сомонӣ (+132 ҳаз. сомонӣ), Бобоҷон Ғафуров 4551,0 ҳазор. сомонӣ (-349,9 ҳаз. сомонӣ), Спитамен 3971,1 ҳаз.сомонӣ (+20,0 ҳаз.сомонӣ), Зафаробод 20885,3 сомонӣ (+2230,6 ҳаз. сомонӣ), Айнӣ 31431 ҳаз.сомонӣ (+12966 ҳаз. сомонӣ), Мастчоҳ 17,7 ҳаз.сомонӣ (+12,0 ҳаз. сомонӣ) ташкил дода, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо чораҳои иловагӣ андешиданро тақозо менамояд.

7.3. (7.3.,7.4.,7.5.,7.6.,7.7,7.8.) **Таъмини заминаи содирот ва ворридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ**

7.3. **Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ**

Баробари афзудани теъдоди хоҷагиҳои инфиродӣ масъалаҳои таъминот бо техникаи кишоварзӣ, оби полезӣ ва ҳифзи бехатарии зироатҳо аҳамияти аввалиндараҷа пайдо менамоянд.

Бо мақсади ҳалли ин масъалаҳо ташкили марказҳои хизматрасонии техникӣ дар шаҳру ноҳияҳо таҳти назорати қатъӣ қарор гирифта, ҷиҳати воридоти техникаю таҷҳизот тавассути КВД «Тоҷикагролизинг» ва дигар ширкатҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Алҳол дар вилоят 919 маркази хизматрасонӣ, аз ҷумла 535 маркази хизматрасонии техникӣ фаъолият доранд.

Бахри таъмини дастрасии хоҷагиҳои деҳқонии вилоят ба захираҳои моддию техникӣ 81 мағозаи фурӯши тухмиҳо, 106 мағозаи қисмҳои эҳтиётӣ, 46 мағозаи фурӯши ниҳолҳо ва 74 мағозаи фурӯши нуриҳои минералӣ амал мекунанд. Ҳамзамон, дар вилоят 107 нуқтаи маслиҳатдиҳӣ ба кишоварзон хизмат мерасонад.

Дар ноҳияи Шаҳристон нуқтаи такягоҳи «Қӯшқӯрғон» фаъолият карда истодааст, ки қисман хоҷагиҳои ноҳияро бо тухмиҳои хушсифат таъмин намуда истодааст.

Дар ноҳияи Айнӣ тухмии нави картошка ворид карда, майдони кишти он дар ҳама самтҳо ба 1001,1 га расонида шудааст, ки нисбати ин давраи соли 2019 220,1 га зиёд аст.

Барои ҳосили соли 2020 дар масоҳати 278633,7 гектар кишт гузаронида шуда, дурнамои кишти аксари зироатҳо таъмин гардид. Аз майдони умумии кишт 233693,9 гектар ё 83,9 фоиз ба корхонаҳои кишоварзию хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 44939,8 гектар ё 16,1 фоиз ба аҳолӣ рост меояд.

Майдони кишти зироатҳои ғаллагию лӯбиёгӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят нисбат ба соли қаблӣ 4196,9 гектар зиёд шуда, дар майдони 117559,0 гектар ғалладонагиҳо (ба ғайр аз ҷуворимакка барои дон) кошта шуд.

Дар майдони 58187,0 гектар пунбадона кишт карда шудааст, ки нисбати соли сипарӣ 267,1 гектар кам мебошад.

Соли равон дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят дар масоҳати 23098,0 гектар кишти картошка гузаронида шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 648,1 гектар ё 2,9 фоиз зиёд мебошад.

Кишти асосии сабзавот дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят дар масоҳати 17231,5 гектар гузаронида шуда, нисбат ба соли сипарӣ 1344,7 гектар ё 8,5 фоиз зиёд карда шуд. Аз ин масоҳат майдони кишти пиёз 5135,4 гектарро дар бар мегирад, ки аз майдони кишти соли қаблӣ 368,5 гектар ё 7,7 фоиз зиёд аст. Полезиҳо дар майдони 6477,2 гектар кишт карда шуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 817 гектар ё 14,4 фоиз зиёд мебошад.

Гузаронидани кишти такрорӣ дар майдони 20600 гектар ба нақша гирифта шуда, амалан то санаи 1 сентябри соли ҷорӣ, ки марҳилаи ҷамъбастии кишти такрории зироатҳо мебошад, дар майдони 18051 гектар кишти такрории ғаллагӣ ва лӯбиёгиҳо, картошка, сабзавот, полезиҳо, зироатҳои техникӣ ва хӯроки чорво гузаронида шуд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар ин давра дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли ғалладонагиҳо 351,4 ҳазор тонна, аз ҷумла гандум 139,6 ҳазор тоннаро ташкил додааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли 2019 мутаносибан 5,9 ва 10,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар соҳаи растанипарварӣ дар соли 2020 561,2 ҳазор тонна сабзавот, аз ҷумла 171,9 ҳазор тонна пиёз, 512,1 ҳазор тонна картошка, 151,8 ҳазор тонна полезӣ, 139,4 ҳазор тонна мевагӣ, аз ҷумла 93,9 ҳазор тонна зардолу ва 50,6 ҳазор тонна ангур истеҳсол карда шуда, суръати афзоиши истеҳсоли

сабзавот 113,4 фоиз, аз ҷумла пиёз 118,7, картошка 113,7, полезӣ 119,1 фоиз таъмин гардид.

Дар вилоят нисбати рушди соҳаи пахтакорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Дар соли 2020 дурнамои истеҳсоли пахта дар ҳаҷми 129500 тонна пешбинӣ гардида, то ин давра 130461,1 тонна пахта ҷамъоварӣ карда шудааст, ки зиёда аз 100,7 фоизи нақшаи дурнаморо дар бар мегирад.

### 7.4. **Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда (банди 40 паём)**

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади таъмини аҳолии вилоят бо маҳсулоти авввалиндарача таҳлилҳо бобати муайян намудани талаботи аҳолии вилоят гузаронида шуда, бахри таъмини захираҳои маводҳои ғизоии стратегӣ аз қабили орду равған, шакар, картошка, сабзавот ва меваҷоту ангур силсилаи тадбирҳо андешида шуданд.

Ҷиҳати истифодаи самараноки гармхонаҳои мавҷуда ва бунёди гармхонаҳои нав бо истифода аз усулҳои муосир корбарӣ карда шуда, дар ин давра дар бахши корхонаҳои кишоварзию хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолияти 457 гармхона ба роҳ монда шудааст, ки аз он 287 гармхонаи навъи хитоӣ ва 4 гармхонаи инноватсионӣ мебошанд. Аз ин миқдор, дар 288 гармхона парвариши сабзавот ва дар 169 гармхона парвариши лимӯ ва гулҳо ба роҳ монда шудааст. Майдони умумии кишти сабзавот дар гармхонаҳои хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонии вилоят ба 25,64 гектар расонида шуд, ки аз он 16,76 гектар помидор, 3,99 гектар бодиринг ва 4,41 гектар дигар зироатҳо мебошад. Илова бар ин, майдони дарахтони лимӯ ба 9,49 гектар ва кӯчати гулҳо ба 3,46 гектар расонда шуд. Дар гармхонаҳои вилоят то ин давра 341,0 тонна маҳсулоти тару тоза истеҳсол карда шудааст. Аз ҷумла, 181,7 тонна помидор, 95,4 тонна бодиринг ва 63,9 тонна дигар намуди сабзавоти тару тоза дастраси аҳолӣ гардида, илова бар ин, 147,4 тонна лимӯ ба бозори дохилию хориҷӣ ба фурӯш бароварда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров +16,74 га (15га), Бустон +2,1 га (6 га), Ҷаббор Расулов +2,64 га (2,43 га ), Мастчоҳ +12,25 га (11,04 га), Зафаробод +0,29 (0,29 га), Ашт +2,28 (1,67 га), Конибодом +3,41 (2,69 га), Спитамен +1,99 (1,62 га), Исфара +4,9 (4,8 га) ташкил додааст, ки барои таъмини аҳолии шаҳру ноҳияҳо бо сабзавоти тару тоза ва барои кам намудани воридоти маҳсулот аз хориҷи кишвар мусоидат намудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич +- 0 (0,67 га), Зафаробод +-0 (0,29 га), Панҷакент -+0 (1,055 га), Спитамен +-0 (1 га) масоҳати гармхонаҳо дар сатҳи ҳамин давраи соли гузашта боқӣ мондааст, ки барои васеъ намудани масоҳати он бояд чораҳои иловагӣ андешида шавад.

Мавриди қайд аст, ки дар ҳисоботи шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Истиқлол, Гулистон, Шаҳристон ва Кӯҳистони Мастчоҳ дар соли ҷорӣ маълумот вобаста ба зиёд намудани масоҳати гармхонаҳо ворид нашудааст

### 7.5. **Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ**

**(банди 40 паём)**

Дар вилоят корбарӣ дар самти татбиқи амалии "Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 -2020" дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст, ки сол аз сол зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, аз қабили маҳсулоти ғизоӣ, нассоҷӣ ва масолеҳи сохтмон, инчунин афзудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ бозгӯи ин гуфтаҳост.

Дар натиҷаи татбиқи ҳадафмандонаи саноатикунонии босуръати кишвар дар вилоят нишондиҳандаҳои истеҳсолии соҳаи саноати нассоҷӣ беҳтар гардидааст, ки зиёдшавии ҳаҷми содироти калобаи пахтагин ва либосворӣ аз он дарак медиҳад. Дар ин давра ба маблағи 17,4 млн. доллари ИМА 1099 тонна либосворӣ ба бозори хориҷӣ бароварда шуда, афзоиш нисбат ба соли қаблӣ 1,5 млн. доллари ИМА ба ҳисоб гирифта шудааст. Илова бар ин, ба маблағи 4,4 млн. доллари ИМА 2265 тонна калобаи пахтагин содирот шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1100 тонна ва ба маблағи 1,86 млн. доллар зиёд аст. Содироти нахи пахта нисбат ба соли пешин 3706 тонна ба маблағи 2,3 млн. доллари ИМА афзоиш ёфта, ҳамагӣ 42085 тонна нахи пахта ба маблағи 57,36 млн. доллар содирот шудааст.

Дар соли 2020 ба маблағи 14,8 млн. доллари ИМА 95783 тонна маҳсулоти кишоварзӣ содирот карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 21470 тонна ва ба маблағи 4,47 млн. доллар зиёд мебошад. Ҳиссаи хушкмева ва пиёз дар сохтори содироти вилоят мутаносибан 50,0 ва 35,1 фоизро дар бар гирифта, дар ин давра 19487 тонна хушкмева ба маблағи 7,4 млн. доллар ва 69088 тонна пиёз ба маблағи 5,2 млн. доллар содирот шудааст. Ҳаҷми содироти пиёз, ки яке аз маҳсулоти асосии содиротӣ маҳсуб меёбад, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 15835 тонна ба маблағи 1,84 млн. доллари ИМА зиёд шудааст. Афзоиши содироти хушкмева 4135 тоннаро ба маблағи 1,8 млн. доллар ташкил намудааст.

Содироти консерваҳои меваю сабзавот нисбат ба соли 2019 ба миқдори 275 тонна зиёд шуда, дар ин давра ҳамагӣ 546 тонна консерваҳои гуногун ба маблағи 246,7 ҳазор доллари ИМА содирот шудааст.

### 7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ

Бахри таъмини аҳолӣ бо сабзавоти тару тоза ва меваҷоту ангур дар мавсими тирамоҳу зимистон ба фаъолияти сардхонаю гармхонаҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, фаъолияти бомароми ин иншоотҳо тадриҷан роҳандозӣ шуда истодааст.

Дар миқёси вилоят 36 сардхона бо ғунҷоиши аз 40 то 1000 тонна фаъолият дошта, дорои иқтидори умумии 8680 тонна мебошанд. Айни ҳол, мавсими захираи маҳсулот оғоз гардида, 1582,5 тонна маҳсулот, аз ҷумла 823,5 тонна себ, 345 тонна ангур, 85 тонна хурмо ва 329 тонна дигар намуди маҳсулот захира карда шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 12 адад сардхона бо ғунҷоиши 3490 тонна, Панҷакент 9 адад, Истаравшан 6 адад сардхона (дар ҷамоати деҳоти Зарҳалол, Қалъаи Баланд), Истиқлол 1 адад, ноҳияи Мастчоҳ 2 адад, Ашт 1 адад, Спитамен 8 адад, Ҷаббор Расулов 2 адад, Бӯстон 2 адад, Конибодом 1 адад мавҷуд мебошанд.

Шумораи сардхонаҳо нисбат ба соли 2019 дар шаҳрҳои Панҷакент +3 адад, Истаравшан +3 адад, ноҳияҳои Спитамен 4 адад, Ашт 1 адад, Мастчоҳ +1, Ҷаббор Расулов +1 адад, Бӯстон +1 адад  зиёд гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҷалби соҳибкорон барои бунёди сардхонаҳо таъмин карда шудааст.

Вобаста ба ин масъала аз шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Айнӣ, Истиқлол, Шаҳристон, Гулистон, Бобоҷон Ғафуров, Кӯҳистони Мастчоҳ, Исфара, Зафаробод, Деваштич маълумот пешниҳод нашудааст.

7.7. **Ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабзавот дар ноҳияҳои куҳистони дурдаст, таъсиси корхонаҳои паррандапарварӣ, истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда (банди 40 паём)**

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №793 «Дар бораи Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ва мувофиқи дурнамо соли 2020 дар вилоят дар масоҳати 255 гектар бунёди боғу токзори нав пешбинӣ гардида, то ин давра 626,53 гектар боғу токзори нав бунёд шуд, ки аз нақшаи дурнамо 2,4 баробар зиёд мебошад.

Боғҳои нав аз ҳисоби заминҳои корами лалмӣ, чарогоҳ ва боир бунёд гардида, асосан тавассути қатрагӣ обёрӣ карда мешаванд. Майдони боғҳои маҳсулоти содиротӣ, аз қабили зардолу, себ, шафтолу, гелос, хурмо ва сиёҳолу сол аз сол афзуда, имконияти содироти меваҳои тару тоза ва хушкмева тадриҷан зиёд карда мешавад. Давоми соли ҷорӣ 28602,9 тонна себ ва 93899,0 тонна зардолу истеҳсол карда шуда, барои таъмини бозори истеъмолӣ ва тақвияти иқтидори содиротӣ заминаи мусоид фароҳам омад.

7.8. **Рафти ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ба соҳаи моҳипарварӣ ва дар ин замина зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли моҳӣ**

Дар натиҷаи тадбирҳои андешида дар самти таъмини рушди соҳаи моҳипарварӣ дар вилоят дар соли 2020 истеҳсоли моҳӣ ба 869,7 тонна расонида шуд, ки нисбат ба соли 2019  2,4 баробар зиёд аст.

Дар худуди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҶСК "Моҳии Тоҷик" дар масоҳати умумии 127 га, хоҷагии деҳқонии "Ҳақ" дар масоҳати умумии 2,6 га ва ҶДММ "Қитъаи ҳафтум" дар масоҳати умумии 3,5 га бо парвариши моҳӣ машғул мебошанд. Ба ҳолати 1 октябри соли 2020 истеҳсоли гӯшти моҳӣ 199,7 тоннаро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 157,1 тонна зиёд мебошад.

Парвариши кирмина 22,0 млн. дона буда, аз он ҷумла пешонағафси сафед 2,5 млн. дона, зағорамоҳӣ 2,5 млн. дона ва дигар моҳиҳо 17,0 млн. дона мебошад.

Аз ҷониби хоҷагии деҳқонии "Ҳақ" дар соли 2020 оид ба сохтани инкубатсияи замонавӣ ва дастрас намудани лавозимотҳои он аз хориҷи кишвар ба нақша гирифта шуда, корбарӣ идома дорад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ашт бар ҳамкорӣ бо соҳибкорони маҳаллӣ ҷиҳати рушди соҳаи моҳипарварӣ мунтазам чораву тадбирҳои самарабахш андешида истодааст.

Ба санаи ҳисоби масоҳати умумии обамборҳои моҳипарварӣ дар ноҳия 55,7 гектарро ташкил менамояд ва дар онҳо 103,5 ҳазор моҳи парвариш карда мешавад, ки аз онҳо 60,7 ҳазор дона моҳии пешонағафси сафед, 17,2 ҳазор дона зағорамоҳӣ, 15,6 ҳазор дона амури сафед ва 10 ҳазор дона дигар намуди моҳиҳо мебошад.

Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Рахшона" дар рушди соҳаи моҳипарварӣ дар ноҳия саҳми назаррас дорад. Масоҳати ҳавзаҳои моҳипарварии корхона соли ҳисобӣ ба 44,4 гектар расонида шуд. Дар онҳо ҳоло 210,0 ҳазор дона моҳиҳои зотҳои пешонағафси сафед, зағорамоҳӣ ва амури сафед парвариш карда мешавад.Маъмурияти ҷамъият тасмим гирифтааст, ки дар давоми соли 2020 масоҳати обамборҳоро васеъ намуда, дар майдони 10,0 гектар ҳавзаҳои нави моҳипарварӣ бунёд намояд.

Дар шаҳри Гулистон Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Моҳипарварии Гулистон» фаъолият мебарад. Бо назардошти он, ки ҳавзҳои парвариши моҳии хушзот аз ҶСК «Моҳипарварии Гулистон» ҳамчун субъекти хоҷагидории алоҳида ба ҶСК «Моҳии тоҷик» ҷудо карда шудааст, он ба ноҳияи Бобоҷон Ғафуров тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад. Тибқи қарори ҳайати мушовараи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми феврали соли 2016 танҳо сайди моҳӣ ба ҶСК «Моҳипарварии Гулистон» вогузор карда шудааст.

Ин нишондиҳанда мувофиқи маълумоти шаҳру ноҳияҳои Айнӣ 31431 ҳазор (+12966 ҳазор сомонӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд) Зафаробод 20885,3 ҳазор сомонӣ (+2230,6 ҳазор сомонӣ ), Истаравшан 34307 ҳазор сомонӣ ( +2803 ҳаз. сомонӣ), Спитамен 4559,5 сомонӣ (+2596,2 ҳазор сомонӣ), Мастчоҳ 17,7 ҳазор сомонӣ (+1,2 ҳазор сомонӣ), Исфара 1083,4 ҳазор сомонӣ (+66,7 ҳаз. сомонӣ) ташкил дода, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо чораҳои иловагӣ андешида шавад.

### 7.4 (7.4., 7.10.) **Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ**

### 7.10. **Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ**

Гузаронидани кишти такрорӣ дар майдони 20600 гектар ба нақша гирифта шуда, амалан то санаи 1 сентябри соли ҷорӣ, ки марҳилаи ҷамъбастии кишти такрории зироатҳо мебошад, дар майдони 18051 гектар

кишти такрории ғаллагӣ ва лӯбиёгиҳо, картошка, сабзавот, полезиҳо, зироатҳои техникӣ ва хӯроки чорво гузаронида шуд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар ин давра дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли ғалладонагиҳо 351,4 ҳазор тонна, аз ҷумла гандум 139,6 ҳазор тоннаро ташкил додааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли 2019 мутаносибан 5,9 ва 10,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар соҳаи растанипарварӣ дар соли 2020 561,2 ҳазор тонна сабзавот, аз ҷумла 171,9 ҳазор тонна пиёз, 512,1 ҳазор тонна картошка, 151,8 ҳазор тонна полезӣ, 139,4 ҳазор тонна мевагӣ, аз ҷумла 93,9 ҳазор тонна зардолу ва 50,6 ҳазор тонна ангур истеҳсол карда шуда, суръати афзоиши истеҳсоли сабзавот 113,4 фоиз, аз ҷумла пиёз 118,7, картошка 113,7, полезӣ 119,1 фоиз таъмин гардид.

Мушкилиҳо: дар ноҳияи Зафаробод зарурияти иваз намудани пойгоҳҳои обкашӣ ва қубурҳои обкашии қутрашон 2020 мм бо таҷҳизотҳои камхарҷу каммасрафи замонавӣ, ки мушкилоти асосии соҳаи ирригатсия мебошад, ба миён омадааст. Зеро мӯҳлати истифодаи пойгоҳҳои обкашӣ ва қубурҳои обкашӣ беш аз ду маротиба гузаштааст.

Дар соли 2019 ва минбаъда барои ҳалли масъалаи мазкур лоиҳаи "Азнавсозии пойгоҳҳои обкашии ГНС – 1, 2 ва 3 дар ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд" ба маблағи 59 млн. доллари ИМА ба БДС (ПГИ) дохил шудааст.

Тайи солҳои охир дар натиҷаи тоза накардан заҳбурҳои магистралии МКБК-5 ва БК-9, ки дарозии онҳо 34 км ташкил медиҳад, бо лойқа пур шуда, роҳҳои обгузарро маҳкам намудааст. Барои ин 260 ҳазор $м^3$ заҳбурҳои номбурдаро тоза кардан лозим аст, ки 370 ҳазор сомонӣ маблағ хароҷот мегардад. Дар ҳолати тоза намудани заҳбурҳои номбурда насосҳои обкашии "Ленинобод" ва "40-солагии Тоҷикистон" бо об таъмин мешавад ва ба кор медароянд. Техникаҳои тозакунии идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Зафаробод пурра фарсуда гардидаанд, зеро солҳои тӯлонӣ аз меъёр 2-3 маротиба бештар истифода шудаанд. Ҳоло ИДБЗО ба экскаватор, булдозер, мехлопата ва дигар техникаҳои зарурӣ эҳтиёҷ дорад.

Каналҳои магистрали ТМ-1 дарозиаш 51,5 км ва ТМ-2 дарозиаш 62,4 км давоми солҳои 1962-65 сохта шудааст, ки дар натиҷаи истифодаи тӯлонӣ сӯрохӣ ва тарқишҳои зиёд пайдо гардида, сабабгори 30-35 фоиз талафоти об мегардад. Бояд дар ҳаҷми 300 ҳазор $м^3$ тоза карда шавад, ки барои ин зиёда аз 427 ҳазор сомонӣ маблағ лозим аст.

Дар ҳудуди ноҳия мавҷуд набудани нуқтаҳои махсуси фурӯши нуриҳои минералӣ ва гарон будани нархи нуриҳои минералӣ, сузишворӣ дизелӣ ва қисмҳои эҳтиётии техникаҳои кишоварзӣ, мавҷуд набудани нуқтаҳои заҳролудкунии тухмиҳои зироатҳои кишоварзӣ ва нуқтаҳои хушсифаткунии (калибровка) тухмиҳо, баланд будани фоизи қарзҳои кредитии бонкҳо ба хоҷагиҳои кишоварзӣ, мавҷуд набудани корхонаҳои махсуси мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараррасони зироатҳои

кишоварзӣ ва захрдоруҳои хушсифат – ин мушкилотҳои соҳаи кишоварзӣ мебошанд, ки ҳалли онҳо омили пешрафти соҳа хоҳанд шуд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пурсамар намудани фаъолияти Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об тадбирҳои иловагӣ андешида, барои истифодаи оқилонаи обу замин, таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, бунёди боғу токзор дар доманакӯҳҳо, кам намудани қарздории истифодаи оби полезӣ ва амалигардонии барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаи кишоварзӣ мусоидат намоянд.

## 8. Маълумот оид ба рушди соҳи сохтмон ва меъморӣ (банди 30, 32-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ**, 8.1. (8.1., 8.2., 8.3., 8.4., 8.5.) **Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ**, 8.2. (8.6) **Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат арзёби гардиданд.**

### 8.1. (8.1., 8.2., 8.3., 8.4., 8.5) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ

### 8.1. Таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо дарназардошти рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ

Дар соли 2020 дар самти сохтмони иншооти соҳаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва истеҳсолӣ новобаста аз мушкилотҳои ҷойдошта фаъолияти мунтазам ба роҳ монда шуда, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ дар ин давра дар ҳаҷми 1279,9 млн. сомонӣ азхуд шуд ва ба маблағи 506,0 млн. сомонӣ корҳои пудратӣ иҷро карда шуданд. Ҳамагӣ ба маблағи 1008,9 млн. сомонӣ фондҳои асосӣ ба истифода дода шуда, суръати афзоиш нисбат ба соли сипарӣ 134,2 фоиз таъмин гардид.

Ҳамзамон, барои 660 ҷойи нишасти талаба дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, барои 510 ҷой дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва 307 кат дар шифохонаҳо иқтидорҳои иловагӣ ба истифода дода шуданд.

Ба муносибати солгарди Иди байналмилалии Наврӯз-2020 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якчанд иншооти ҳаётан муҳим мавриди истифода қарор дода шуданд. Аз ҷумла, Корхонаи коркарди меваи хушки ҶДММ “Хуҷанд-Агро” дар минтақаи саноатии шаҳр, бинои 4-ошёнаи Маркази ташхисию табобатии соҳибкор Ваҳҳобова Х. барои 15 кат, бо 20 ҷойи корӣ дар кӯчаи “30-солагии Ғалаба”-и маҳаллаи Навбаҳор, коргоҳи коркарду бандубасти асали филиали ширкати канадагии “Хантана Канада ИНК” бо 15 ҷойи нави корӣ ва корхонаи истеҳсоли профилҳои пластикии дару тирезаҳои ҶДММ Корхонаи

муштараки Тоҷикистону туркии “Афранг-пластик” бо 24 ҷойи нави корӣ дар минтақаи озоди иқтисодии “Суғд”, Маркази савдои ҶДММ “Шукронаи Равшан” дар хиёбони ба номи Рифъат Ҳоҷиев, боғи фарҳангию фароғатии ба номи Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ ва бинои Планетарий дар маҳаллаи Дӯстии халқҳои шаҳри Хуҷанд, фермаи модаговҳои кооперативи тиҷоратии “Furbоҷон Мақсудов”, кӯдакистони хусусии соҳибкорон Ғафурова Н. ва Исроилов И. барои 150 кӯдак, майдони Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кӯчаи ба номи Пӯлод Бобокалонови деҳоти Ғозиён, бунёди боғи интенсивии ҶДММ “Самири Суғд” дар масоҳати 700 га дар мавзеи “Рухак”-и Ҷамоати деҳоти Ғозиён, бунёди боғи суперинтенсивӣ дар Муассисаи давлатии “Боғи миллии Ваҳдат”, корхонаи истеҳсоли мех ва меххои печони соҳибкори инфиродӣ Акрамов И. бо 50 ҷойи нави корӣ ва корхонаи истеҳсоли қубурҳои полиэтилении соҳибкори инфиродӣ Оқилов Г. дар хиёбони ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Бӯстон, коргоҳи мурғпарварии ҶДММ “Мурғи аълосифат” бо 45 ҷойи нави корӣ, коргоҳи коркарди қоғази ҶДММ “Сахо ва Ко” бо 40 ҷойи нави корӣ ва Маҷмааи иншооти қабули меҳмонони расмӣ дар шаҳри Гулистон, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12 барои 640 хонанда дар ду баст дар деҳаи Нови деҳоти ба номи Турсун Ӯлчабоев ва гармхонаи замонавии парвариши помидор дар масоҳати 1 га дар хоҷагии деҳқонии “Дӯстобод-2” дар деҳаи Озариёни деҳоти Тағояки ноҳияи Спитамен аз ҷумлаи онҳоянд.

Ба муносибати ҷашни рӯзи Ваҳдати миллӣ аз тарафи Пешвои муаззами миллат якчанд иншоотҳои ҳаётан муҳим мавриди истифода қарор гирифтанд. Аз ҷумла, маркази ташхисию табобатии хусусии “Ваҳдат”, бо 35 ҷойи нави корӣ, бинои нави Беморхонаи ноҳиявии касалиҳои сироятӣ барои 40 кат, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинои маҷмааи хизматрасонии “Гулистон” (бонк, тарабхона ва меҳмонхона), бо 25 ҷойи нави корӣ, дар Ҷамоати деҳоти Хистеварз, фермаи парандапарварии ҶДММ “Чӯҷаи Байзо”, бо 30 ҷои корӣ барои парвариши 60 ҳазор сар мурғ, бо технологияи олмонӣ, дар деҳоти Исфисор, коргоҳи нави ҳасиббарории ҶДММ “Ширкати Азизӣ” ва фермаи парандапарварии “Дӯсти Азиз” барои парвариши 50 ҳазор сар мурғи тухмдеҳ дар деҳоти Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ба истифода додани хатҳои 1-ум ва 2-юми истеҳсоли маҳсулоти ғизои бачагона ва хатти нави истеҳсоли мева ва афшура дар ҶСП “Оби Зулол” дар деҳоти Нофароҷи шаҳри Истаравшан, бинои нави чорошёнаи Беморхонаи ноҳиявии №5 барои 75 кат дар Ҷамоати деҳоти Далёни Болои ноҳияи Деваштич, маркази савдо ва хизматрасонии “Хуҷанд плаза” бо 30 ҷойи нави корӣ дар кӯчаи ба номи Рифъат Ҳоҷиев, шабакаи бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии маҳаллаи навбунёди 4, 5, 14 ва 15-уми шаҳр, корхонаи дӯзандагии “Суғдиён С” бо 200 ҷойи корӣ баъди таҷдиду азнавсозӣ дар маҳаллаи Темурмалики шаҳри Хуҷанд ва ду агрегати нави пойгоҳи обкашии “Деҳмой-1” бо иқтидори обкашии 1300 литр/сония, дар деҳоти Деҳмойи ноҳияи Ҷаббор Расулов аз ҳамин қабиланд.

Ба муносибати 29-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Сарвари давлат якчанд иншоотҳои ҳаётан муҳим мавриди истифода қарор гирифтанд. Бинои нави Беморхонаи марказии шаҳри Панҷакент барои 200 кат дар хиёбони ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, меҳмонхонаи «Саразм плаза» барои 50 меҳмон, бо 20 ҷойи нави корӣ дар маркази шаҳр, коргоҳи коркарди меваи хушк бо иқтидори аз 20 то 35 тонна маҳсулот дар як шабонарӯз бо 350 ҷойи нави кории мавсимӣ ва сардхона барои 3,5 ҳазор тонна маҳсулот дар Ҷамъияти саҳомии «Маърифатпарвар», муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии замонавӣ барои 1280 хонанда дар ду баст дар Ҷамоати деҳоти Саразм, бинои нави Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар водии Зарафшон, рамзи Саразм, дарвозаи Саразм, мамнӯъгоҳи таърихӣ-бостоншиносӣ, осорхона, хонаи қадима дар шаҳри Панҷакент, Маркази ташхисию табобатии «Диёр»-и соҳибкор Фурқат Нормаматов бо 8 ҷойи корӣ, корхонаи коркарди шири ҶДММ «Шири Зафаробод» бо иқтидори коркарди 5 тонна шир дар як шабонарӯз бо 20 ҷойи корӣ, Маҷмааи хизматрасонии «Ваҳдат»-и соҳибкор Дилшод Раҳматуллоев бо 15 ҷойи корӣ, фабрикаи мурғпарварии муосир барои парвариши 40 ҳазор сар мурғ барои истеҳсоли гӯшт бо 20 ҷойи корӣ дар шаҳраки Зафарободи ноҳияи Зафаробод, фабрикаи чӯҷабарории ҶДММ «Суғдиён - Свердловск» бо 100 ҷойи корӣ дар Ҷамоати шаҳраки Суғдиён, бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 1200 хонанда дар ду баст дар маҳаллаи Ганҷободи Ҷамоати шаҳраки Суғдиён, кӯдакистони хусусии «Насли Ориё» барои 120 кӯдак бо 15 ҷойи нави корӣ дар маҳаллаи «40-солагии Дилварзин»-и Ҷамоати деҳоти Палдорак, муҷассамаи рамзии «Пахта» дар даромадгоҳи шаҳраки Бӯстон, корхонаи коркарди шири ҶДММ «Нури Сафар» бо 53 ҷои корӣ дар деҳоти Оббурдон, кӯдакистони хусусии «Офтобак»-и соҳибкор Боймаҳмад Ҳасанов барои 160 кӯдак бо 25 ҷойи корӣ дар кӯчаи ба номи Ортиқ Қурбонови шаҳраки Бӯстон, биноҳои Маркази адлия ва Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Мастчоҳ, майдони Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Боғи фарҳангию фароғатии «Тоҷикистон», Қасри фарҳанг барои 1000 ҷойи нишаст, Қасри «Паҳлавони суғдӣ» ва варзишгоҳи замонавӣ барои 10000 ҷойи нишаст дар кӯчаи ба номи Ҷонмаҳмад Холиқови шаҳраки Бӯстони ноҳияи Мастчоҳ, бинои нави сеошёнаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 36 барои 720 хонанда дар деҳоти Понғоз, майдони Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боғи фарҳангию фароғатии ба номи Маҳмудҷон Воҳидов дар шаҳраки Шайдон, ҳавзи моҳипарварӣ ба масоҳати 44,5 га аз тарафи ҶДММ Ширкати «Рахшона» дар деҳоти Ошоба, сардхона ва сехи коркарди меваи хоҷагии деҳқонии «Ифтихор» дар деҳоти Ошобаи ноҳияи Ашт, коргоҳи нави дӯзандагии ҶДММ «Нассоҷи Хуҷанд» бо 200 ҷойи нави корӣ, бинои хизматии 32 - ҳуҷрагӣ ва Маркази саломатӣ барои кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, бинои 9 - ошёнаи Маркази савдо ва хизматрасонии ҶДММ «Сомонсохтмон ва К» дар хиёбони ба номи Исмоили Сомонӣ, бинои нави Маркази бемориҳои дил ва ҷарроҳии дилу

рагҳои вилояти Суғд барои 200 кат дар хиёбони ба номи Раҳмон Набиеви шаҳри Хуҷанд маҳз ба ҳамин муносибат мавриди истифода қарор дода шуданд.

Бунёд гардидани ин қабил иншоотҳо барои беҳтар кардани шароити зист ва баланд гардидани сатҳу сифати некуаҳволии мардуми вилоят мусоидат менамояд.

8.2. **Андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати таъмини рушди соҳаи сохтмон, ба стандартҳои муосир мутобиқгардонии сифати иншооти сохташаванда ва омода намудани кадрҳои сатҳи баланди соҳаи меъморӣ (банди 30 паём, ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 22, сархати 1);**

Дар шаҳри Хуҷанд мавриди зикр аст, ки дар асоси Нақшаи генералӣ аз ҷониби ҶДММ “Суғдшаҳрофар” дар шаҳр нақшаҳои муфассали маҳаллаҳои 1-2, 26, 27, 28-29, 30 ва аз ҷониби ҶСК “Шаҳрофар” нақшаи муфассали хиёбони Исмоили Сомонӣ, кӯчаҳои Рифъат Ҳоҷиев, Гагарин, ҳамзамон аз ҷониби КФ КВД “Лоиҳакаш” нақшаҳои муфассали маҳаллаҳои 4-5, 14-15 таҳия шудааст ва дар ин маҳаллаҳо сохтмони бино ва иншоотҳои ба стандартҳои муосир мутобиқгардонидашуда ба таври комплексӣ амалӣ мешаванд.

Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ Нақшаи генералии маркази ноҳия шаҳраки Меҳрон аз ҷониби ҶДММ «Суғдшаҳрофар-М» ба миқдори 50 биноҳои маъмурию маишӣ тибқи меъёрҳо ва қоидаҳои шаҳрсозӣ таҳия гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.04.2018, № 229 тасдиқ карда шудааст. Майдони умумии нақшаи генералӣ 20,45 гектарро ташкил медиҳад. Аз ин шумора заминҳои маҳалли истиқоматӣ 3,90 гектар, қитъаи заминҳои муассисаҳои маъмурию ҷамъиятӣ 6,50 гектар, муассисаҳои коммуналӣ 2,76 гектар, кучаю роҳҳо 2,09 гектар, боғ 1,47 гектар ва майдони кабудизоркунии умумӣ 2,14 гектарро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Шаҳристон ҷиҳати таъмини рушди соҳаи сохтмон, ба стандартҳои муосир мутобиқгардонии сифати иншоотҳои сохташаванда ва омода намудани кадрҳои сатҳи баланди соҳаи меъморӣ, бахши меъморӣ ва шаҳрсозӣ аз имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, мутахассисони ҷавонро ба КВД “Лоиҳакаш” ба кор ҷалб намуда, дар таҳияи лоиҳаҳои гуногун ва дар назорати сохтмонҳо вобаста карда шудааст.

Оид ба банди мазкур аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Спитамен, Исфара, Мастчоҳ, Истиқлол, Зафаробод, Истаравшан, Бӯстон, Ҷаббор Расулов, Деваштич, Гулистон, Ашт, Панҷакент, Бобоҷон Ғафуров, Айнӣ маълумоти мушаххас пешниҳод карда нашудааст.

8.3. **Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба як сари аҳолӣ**

Дар давоми соли 2020 дар вилоят аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 434,4 ҳазор метри мураббаъ манзил ба истифода дода шудааст, ки нисбат ба соли 2019 ба масоҳати 78,7 ҳазор метри мураббаъ кам мебошад.

Ба кор андохтани фондҳои асосӣ, аз ҷумла хонаҳои истиқоматӣ шаҳрҳои Гулистон 190% (4219$м^2$), Бӯстон 155,7% (10226$м^2$), Конибодом

114,2% (13326м²), Истиқлол 102,3% (3980м²), ноҳияи Зафаробод 103,5% (6,3 ҳазор м²), нисбати ҳамин давраи соли гузаштаро ташкил додааст, ки барои таъмини аҳолӣ бо манзили зист шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ -50% (0,23 м²), шаҳри Истаравшан -98,2 %(57610 м²), шаҳри Панҷакент -83,5% (12683 м²), ноҳияҳои Мастчоҳ -93,3% (13285 м²), Шаҳристон 51,5% (15,2 ҳазор м²), Бобоҷон Ғафуров -99,3 % (36960 м²), Деваштич -97,5 % (28140 м²), Айнӣ -75,8% (9450м²) ва Спитамен -51,5 % (15,2 ҳазор м²) нисбати нишондоди соли гузашта кам ташкил додааст, ки дар таъмини мусбии нишондиҳанда ва беҳтар намудани таъмини аҳолӣ бо манзили зист чораҳои мушаххас андешида шавад.

Дар ҳисоботи ноҳияи Ҷаббор Расулов вобаста ба масъалаи мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст, ки нишондиҳандаҳои ин шаҳр муайян карда нашуд.

### 8.4. **Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти бунёди иншооти ҷашнӣ (банди 32 паём)**

Бо мақсади бо дастовардҳои назаррас истиқбол гирифтани санаи таърихии 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи нақшаи чорабиниҳо дар вилоят бунёд ва таҷдиди 7190 иншооти ҷашнии истеҳсолию иҷтимоӣ пешбинӣ гардидаанд. Аз ҷумла, бунёд ва азнавбарқароркунии қасрҳои фарҳанг ва боғҳои фарҳангӣ, коргоҳу корхонаҳои дӯзандагӣ ва коркарди шир, толору майдончаҳои варзишӣ дар ҳар як деҳа, маҳалла ва биноҳои баландошёна ба нақша гирифта, аз рӯи нақшаҳои алоҳида фаъолият дар ин самт оғоз гардидааст.

Дар соли 2020 ба ифтихори ин ҷашн бунёд ва таъмиру таҷдиди 1926 иншоот ба нақша гирифта, амалан то ин давра 1972 иншоот ба истифода дода шудааст, ки 102,4 фоизи нақшаи солонаро дар бар мегирад. Дар маҷмӯъ, аз ҳисоби умумии иншоотҳои ҷашнӣ то ин давра 5990 иншооти гуногун мавриди истифода қарор гирифтаанд.

### 8.5. **Рафти ба анҷомрасонӣ ва ба тартиб даровардани номи кӯчаву хиёбонҳо, рақамгузории биноию манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ (ҚҲҶТ аз 03.02.2020 с., №64 банди 33, сархати 1)**

Дар доираи баргузории маъракаи барӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 2020, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми феврали соли 2020, №64, номи кӯчаву хиёбонҳо ба тартиб даровroutinely шуда, рақамгузории биноию манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят идома дорад.

Аз ҷумла дар шаҳри Хуҷанд ҷиҳати иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №511 аз 2 декабри соли 2016 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2019, №1356 «Дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар соли 2020», аз 17 январи соли 2017 таҳти №15 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили вилояти Суғд дар соли 2020», аз 06 феврали соли 2017 таҳти №53 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили шаҳри Хуҷанд дар соли 2020» Фармони Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2020, №19 «Дар бораи гузаронидани корҳои тартиб додани рӯйхати биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор)» ва Қарори Раиси шаҳр аз 03 апрели соли 2020, №152 «Дар бораи тасдиқи рӯйхати бақайдгирандагони биноҳои (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрквартирадор) дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд дар давраи тайёрӣ барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 дар шаҳр»-ро ба роҳбарӣ гирифта, мавриди иҷроиш қарор дорад.

Аз санаи 5 то 20 апрели соли 2020 биноҳои (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрквартирагӣ) бомуввафақият ба рӯйхат гирифта шуд.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз Ҷамоати шаҳраки Ғафуров ва 11 ҷамоатҳои деҳот, аз 122 адад деҳа, аз он ҷумла 14 деҳаи калон ва 12 деҳаи ғайрирасмӣ иборат мебошад. Шаҳраки Ғафуров дорои 50 адад кӯча мебошад. Шумораи аниқкардашудаи биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ 2637 ададро ташкил дода, ҳамаи биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии шаҳраки Ғафуров рақамгузорӣ шудаанд.

Дар 14 деҳаҳои калони ноҳия 588 адад кӯчаҳо ҷойгиранд, ки онҳо номгузорӣ ва рақамҳои онҳо тафтиш карда шуданд. Шумораи умумии хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии деҳаҳои калон 32299 ададро ташкил медиҳад. То санаи 1 январи соли 2020 ҳамаи 32299 хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии деҳаҳои калон рақамгузорӣ карда шуданд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан баҳри иҷроиши банди мазкур дар давраи ҳисоботӣ корбарӣ намуд. Дар натиҷа, дар 22 кумитаи маҳаллаҳои шаҳр, ки фарогири 127 кӯча мебошанд, бо харита таъмин карда шуда, пурра рақамгузории биною манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ карда шуд. Инчунин бояд зикр намуд, ки ба тартиб даровардани номи кӯчаву хиёбонҳо, рақамгузории биною манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ дар 10 ҷамоатҳои деҳот низ ба роҳ монда шуда, иҷроиши нақша 100 фисадро ташкил медиҳад.

Дар доираи омодагиҳо оид ба барӯйхатгирии аҳолӣ дар ҳамаи шаҳраку деҳаҳои ноҳия ба тартиб даровардани номи кӯчаву хиёбонҳо рақамгузории биною манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ тибқи банди 33 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2020 сол, №64 ба анҷом расонида шудааст. Дар қаламрави ноҳия 13410 адад оилаҳо истиқомат менамоянд, ки манзили истиқоматии онҳо рақамгузорӣ шуда, тамоми маҳаллаҳо, кӯчаву хиёбонҳо номгузорӣ шудаанд..

Дар шаҳри Бӯстон дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати ба анҷомрасонӣ ва ба тартиб даровардани номи кӯчаву хиёбонҳо, рақамгузории биноюю манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ дар ҳамкорӣ бо раёсати хоҷагии манзилию коммуналии шаҳр, корхонаи фаръии “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул”, бахши бойгонии шаҳр ва бахши омор дар ин самт корҳо бо маром идома дорад.

Баҳри иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-сентябри соли 2017, №424 “Дар бораи масъалаҳои комиссияи давлатии мусоидати баруйхатгирии аҳолӣ” мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Гулистон бо ҶДММ “Кошиф” шартномаи тарафайнро барои таҳияи маводҳои харитавӣ ба имзо расонида, аз ҷониби ҶДММ “Кошиф” харитаи барӯйхатгирии аҳолӣ таҳия гардида, барои корбарӣ пешниҳод шудааст. Дар вақти таҳияи харитаи мазкур ба тартиб даровардани номи кӯчаву хиёбонҳо, рақамгузории биною манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ ба инобат гирифта шуда, аз ҷониби комиссияи шаҳрӣ маводҳои мазкур мавриди корбарӣ қарор мегирад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳристон, Истиқлол, Панҷакент, Айнӣ рақамгузории биною манзилҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ ба анҷом расонида шуда, оид ба банди мазкур аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои Спитамен, Исфара, Кӯҳистони Мастчоҳ, Мастчоҳ, Конибодом, Ҷаббор Расулов, Деваштич, Ашт маълумот пешниҳод карда нашудааст.

### 8.6. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат (банди 34 паём);

Дар соли 2020 дар вилоят шумораи оилаҳои ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд 17443 оиларо ташкил дода, 867621,1 сомонӣ маблағҳои хайриявӣ ба сохтмон ва таъмири манзилҳои оилаҳои ниёзманд харҷ шудааст, ки аз ҷумла дар шаҳри Конибодом 69000 ҳаз. сомонӣ (12 оила), дар ноҳияи Мастчоҳ 17581.1 сомонӣ (8 оила), дар ноҳияи Спитамен 49390 сомонӣ (184 оила), дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 89600 сомонӣ (36 оила), дар шаҳри Хуҷанд 2 000,0 ҳазор сомонӣ (140 оила), дар шаҳрҳои Истаравшан 11650,0 ҳазор сомонӣ (28 оила), Исфара 36000,0 ҳазор сомонӣ (13169 оила), дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 2000 сомонӣ (1 оила) дар ноҳияи Ашт 375500 сомонӣ (2076 оила), шаҳри Истиқлол 65000,0 ҳазор (62 оила), дар ноҳияи Зафаробод 120000,0 сомонӣ (115 оила), дар ноҳияи Ҷаббор Расулов 29900,0 ҳаз.сомонӣ (36 оила) ташкил дода, ҳолати иҷтимоии гурӯҳи осебпазири ин шаҳру ноҳияҳо беҳтар гардонида шудааст.

Дар шаҳри Панҷакент шумораи оилаҳои ниёзманд 15 оила муайян гардида, маблағгузорӣ онҳо оғоз нагардидааст.

Бояд зикр намуд, ки дар ин банд дар ноҳияи Айнӣ 1561 оила ба қайд гирифта маблағгузорӣ таъмин карда нашудааст.

Аз шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Гулистон, Деваштич ва Шаҳристон шумораи оилаҳои ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд ва маблағҳои дар ин самт харҷгардида муайян карда нашуда, иҷрои

супориши нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 бенатиҷа мондааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқи нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳо, беҳтар намудани манзили зист, таъмини нақшаи корҳои ободонӣ бахшида ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кам намудани эҳтиёҷмандони қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва таъмини иҷрои супориши Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 тадбирҳои зарурӣ андешанд.

## 9. Маълумот оид ба рушди инфрасохтор ва нақлиёт

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ**, 9.1.(9.1.,9.2.) **Масофаи таъмири роҳҳо**, 9.2.(9.3., 9.4.) **Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия**, **шаҳраку деҳот**, 9.3.(9.5.) **Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ арзёби гардиданд**.

### 9.1. (9.2.) Масофаи таъмири роҳҳо

### 9.1. Андешидани чораҳо барои ҷалби соҳибкорон ва аҳолии деҳот ҷиҳати барқароркунии пулҳо, таъмин ва асфальтпӯш кардани роҳҳо.

Дарозии умумии роҳҳои вилоят 8179,9 км буда, аз он 737,0 км роҳи аҳамияти байналмилалӣ, 358,9 км ҷумҳуриявӣ, 2343,5 км маҳаллӣ, 594,5 км роҳҳои тобеи хоҷагии манзилию рифоҳӣ ва 4021,0 км роҳҳои байнихоҷагӣ мебошад.

Дар соли 2020 таъмиру тармими 2330 км роҳ ба нақша гирифта шудааст, ки аз он 163 км таъмири асосӣ, 917 км таъмири ҷорӣ ва 1250 км шағалпӯш мебошад.

Барои ин мақсад аз ҳисоби вазорати нақлиёт 2342,7 ҳазор сомонӣ, буҷети вилоят 56999,9 ҳазор сомонӣ, буҷети шаҳру ноҳияҳо 9284,5 ҳазор сомонӣ, ташкилоту корхонаҳо 5131,8 ҳазор сомонӣ, соҳибкорон 10852,7 ҳазор сомонӣ ва аҳолӣ 13213,8 ҳазор сомонӣ маблағ пешбинӣ гардидааст. Маблағи умумии барои иҷрои нақшаи соли 2020 пешбинигардида ба 97,8 млн. сомонӣ баробар аст.

Дар соли ҷорӣ нақшаи таъмиру тармими роҳҳо ҳамагӣ 107,1 фоиз иҷро гардида, 2495,5 км роҳ аз таъмир бароварда шуд, ки аз он 184,7 км таъмири асосӣ, 1017,7 км таъмири ҷорӣ ва 1293,1 км шағалпӯш мебошад.

Барои корҳои иҷрошуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 82110,9 ҳазор сомонӣ маблағ равона гардидааст. Аз ҷумла, аз ҳисоби буҷети вилоят 23749,8 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардида, 29,3 км роҳ аз таъмири асосӣ бароварда шуд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич 57,4 км, Бобоҷон Ғафуров 160,1 км, Ашт 206,2 км, Конибодом 104,3 км, Айнӣ 82,35 км, Ҷаббор Расулов 93,0 км, Спитамен 64,22 км, Истаравшан 41,6 км,

Зафаробод 95 км, Кӯҳистони Мастчоҳ 312 км, Хуҷанд 28,65 км, Бӯстон 10,8 км ва Истиқлол 7,0 км, ташкил медиҳад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Исфара, Мастчоҳ ва Шаҳристон вобаста ба масъалаи мазкур маълумот омода ва пешниҳод накардаанд.

9.3. **Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот (Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои** 2019-2021 “**Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ**”)

Дар вилоят 50 муассисаи нақлиётӣ фаъолият дошта ( 46 адад ҳамин давраи соли гузашта), ҳамагӣ 6844 воситаи нақлиёт, аз ҷумла 3041 нақлиёти мусофиркашон (автобус ва микроавтобус), 1078 таксии сабукрав ва 2725 нақлиёти боркашон ба аҳолии вилоят хизмат мерасонанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 13 ширкат бо 600 адад нақлиёт, Истаравшан 3 ширкат бо 444 адад нақлиёт, Ашт 3 ширкат бо 389 адад нақлиёт, Хуҷанд 6 ширкат бо 900 адад нақлиёт, Панҷакент 41 хатсайр, Спитамен 3 ширкат, Конибодом 7 муассиса бо 366 адад нақлиёт, Бӯстон 6 муассиса бо 22 нақлиёт, Гулистон 9 хатсайр бо 85 нақлиёт, Айнӣ 1 ширкат, Мастчоҳ 2 ширкат, Исфара 4 ширкат, Шаҳристон 1 ширкат, Зафаробод 2 ширкат, Деваштич 2 ширкат барои дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиётӣ ба роҳ монда шудааст.

Қобили қайд аст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар вилоят 4 ширкати нақлиётӣ аз ҷумла, дар ноҳияи Ҷаббор Расулов 2 ширкат, шаҳрҳои Хуҷанд ва Конибодом 1-тогӣ ширкати нақлиётӣ зиёд гашта, дар дигар шаҳру ноҳияҳо бетағйир боқӣ мондааст.

9.4. **Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ**

Дар соли 2020 тавассути маҷмӯи нақлиёт 28,0 млн.тонна борҳои гуногуни хоҷагии халқ ва 191,0 млн. нафар мусофир кашонида шудааст, ки суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 мутаносибан 1,1% ва 9,9 фоизро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов 99,2% (1703,5 ҳаз. тн/км) ва 88,5% (14379,3 ҳаз. нафар), ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 95,7,% (4265,5 ҳаз. тн/км) ва 80,5% (16140,2 ҳаз. нафар), шаҳри Бустон 105,5% (263,6) ва 34,3% (27,1 ҳаз. нафар), шаҳри Конибодом 140,5% (933,7 ҳаз. тн/км) ва 115,9% (16457,3 ҳаз. нафар), шаҳри Исфара 94,8% (2126,9 ҳаз. тн/км) ва 103,2 % (25308,3 ҳаз. нафар), ноҳияи Шаҳристон 106,8% (258,6 ҳаз. тн/км) ва 38,4% (91,5 ҳаз. нафар), ноҳияи Деваштич 81,9% (1451,0 ҳаз. тн/км) ва 33,9% (582,0 ҳаз. нафар), ноҳияи Айнӣ 100,0 % (455,9 ҳаз. тн/км) ва 111,2% (401,4 ҳаз. нафар), ноҳияи Мастчоҳ 97,8% (78,7 ҳаз. тн/км), шаҳри Истиқлол 95,8% (30,2 ҳаз. тн/км), ноҳияи Зафаробод 103,5% (175,5 ҳаз. тн/км) ва 106,9% (252.0 ҳаз. нафар), ноҳияи Спитамен 112,3% (1396,4 ҳаз. тн/км) ва 111,5% (2593,2 ҳаз. нафар), шаҳри Истаравшан 96,7% (1618,6 ҳаз. тн/км) ва 101,9% (14225,0 ҳаз. нафар), шаҳри Панҷакент 110,4% (2729,7 ҳаз. тн/км) ва 142,2% (46907,4 ҳаз. нафар), ноҳияи Ашт 99,2% (990,8 ҳаз. тн/км) ва 130,7% (6139,1 ҳаз.

нафар), шаҳри Хуҷанд боркашонӣ 72,4% (2367,9 ҳаз.тн/км) ва мусофиркашонӣ 82,1% (52253,2 ҳаз. нафар), ноҳияи Кухистони Мастчоҳ 101,6% (113,8 ҳаз. нафар ) нисбат ба ҳамин давраи соли ташкил медиҳад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он бо ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо чораҳо андешида, бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмири роҳ, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ ва ҳалли мушкилоти дарҷгардида, фаъолиятро пурзӯр намоянд.

## 10. Рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 10.1.(10.1, 10.2) Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет, 10.2. Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 10.1. (10.1., 10.2.) Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет

### 10.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба истифодабарии алоқаи мобилӣ ва Интернет, аз ҷумла шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва Интернет

Дар қаламрави вилоят 1 телевизиони давлатӣ, 1 радиои давлатӣ, 16 шабакаи телевизион ва 13 шабакаи радиои хусусӣ фаъолият доранд. Пахши барномаҳои телевизиони вилоят 18 соат ва радио 16 соат ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон, дар вилоят 50 рӯзнома ва 6 маҷалла ба нашр мерасад, ки аз ҷумлаи он 21 рӯзнома ва 1 маҷаллаи давлатӣ мебошад. Пахши барномаҳои телевизионии вилоят 18 соат ва радио 16 соат ба роҳ монда шудааст. Илова бар ин, дар марказҳои ҷамоату шаҳракҳо ва ҷойҳои серодам 701 баландгуяк насб гардидааст.

Фарогирии пахши барномаҳои телевизиони “Тоҷикистон” 99,83 фоиз, “Сафина” - 93,50, “Баҳористон” – 87,45, “Ҷаҳоннамо” – 84,60, “ТВ Суғд” – 72,17, барномаҳои радиои “1 ҶТ” – 85,76, “2 ҶТ” – 44,45, “3 ҶТ” – 66,84, “Фарҳанг” – 56,31 ва “Суғд” 37,63 фоизро дар бар мегирад.

Аз ҷумла, аз хизматрасонии филиали ҶСП “Индиго Тоҷикистон” (Tcell) зиёда аз 1,3 млн. нафар, “Вавилон-Мобайл” 335,0 ҳазор нафар, “ТТ мобайл” (Мегафон) 139,0 ҳазор нафар ва ҶСК «Таком» (Билайн) 103,0 ҳазор нафарро истифода мебаранд.

Шумораи истифодабарандагони интернет дар ширкатҳои филиали ҶСП “Индиго Тоҷикистон” (Tcell) 63,3 фоиз, “Вавилон-Мобайл 21,2 фоиз, “ТТ мобайл” (Мегафон) 8,8 фоиз ва ҶСК «Таком» (Билайн) 6,5 фоизро шумораи умумии муштариёнро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Айнӣ шумораи истифодабрандагони алоқаи мобилӣ ва интернет зиёд гардида, 377 адад нуқтаҳои телефонӣ дар деҳот мавҷуд мебошанд.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар ин давра 3,3 км таъмири хатҳои алоқа ва 3,0 км таъмири ноқилӣ гузаронида шуд. Хизматрасонии интернет бо коммутатори ADSL-96 портал хуб ба роҳ монда шуда, 83 адад фаъол мебошад. Ба ҳолати 1 январи соли 2021 дар ҳудуди ноҳия 564 адад нуқтаҳои телефон фаъол мебошад.

Дар шаҳри Исфара теъдоди телефонҳои статсионарӣ ҳамагӣ ба 7460 адад, аз ҷумла телефонҳои шаҳрӣ 4506 адад ва телефонҳо дар деҳаҳо ба 2954 адад баробар буда, 292 адад нуқтаҳои радио фаъолият дорад.

Дар шаҳри Панҷакент шумораи телефонҳои асосӣ 5115 адад ва дар деҳот 1362 адад ва нуқтаҳои радио 1239 ададро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ ба корхонаю ташкилотҳо ва аҳолии шаҳри Гулистон 7 нуқтаҳои телефонӣ насб карда шуд. Айни замон ғунҷоиши васлшуда 3024 нуқта буда, боз 1116 нуқтаи озоди дигар мавҷуд мебошад. Алҳол шумораи дастгоҳҳои телефонӣ 1908 адад мебошад. Дар ин давра 3,6 км таъмири ноқилҳои гуногунтамға, 4 км таъмири силкҳои шоҳроҳӣ, 6 адад таъмири ҷевонҳои тақсимотӣ ва 9 адад рӯйпӯш намудани чоҳҳои алоқа гузаронида шуд. Дар шаҳр то ин давра ба корхонаю ташкилотҳо ва аҳолӣ 167 адад интернети баландсуръат насб карда шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2019-ум 5 адад зиёд мебошад.

Дар ноҳияи Зафаробод дар соли 2020 5,8 км таъмири хатҳои алоқа ва таъмири ноқилӣ 3,6 км гузаронида шуд. Инчунин дар ин муддат 4 км таъмири ноқилӣ, 20 адад мустаҳкамкунии симчубҳо, 19 адад ивази симчубҳо, 8 адад таъмири ҷевони тақсимотӣ ва 3,8 км хатти қубурҳои телефонӣ аз таъмир бароварда шуд. Дар ин давра ҳамагӣ 10 адад нуқтаҳои телефонӣ гузаронида, 24 адад барқарор гардонида шуд. Миқдори ИТХ 1 адад, ғунҷоиши насбшуда 1680 адад, ғунҷоиши истифода 1299 адад, ғунҷоиши озод 383 адад, шумораи муштариён 1288 ададро ташкил медиҳад. Хизматрасонии интернети берамз ва шиддатнок хуб ба роҳ монда шудааст. Ба интернети берамз дар соли равон 8 адад пайваст карда шуд, ки шумораи умумии интернети берамз ба 26 адад расид.

Дар соли ҷорӣ тибқи маълумоти қитъаи техникии ҶСК «Тоҷиктелеком» дар ноҳияи Мастчоҳ ба масофаи 22 км хати нахи нурӣ байни ҷамоатҳои деҳоти Оббурдон ва Палдорак насб карда, дастрасии аҳолӣ ба телефонҳои шаҳрӣ ва интернет дар ноҳия 720 адад расонида шуд.

### 10.2. Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ

Дар доираи иҷрои барномаҳои давлатӣ вобаста ба рушди соҳаи иттилоот ва рақамикунонии иқтисодиёт номгӯи хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ сол аз сол тавсеа меёбанд. Аз ҷумла, дар соҳаи андоз системаҳои пешниҳоди ҳисоботи электронӣ пурра ҷорӣ шуда истодааст. Тавассути системаи бонкдорӣ номгӯи зиёди хизматрасониҳо дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст. Аз

ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи як қатор ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба тариқи пилотӣ системаи ҷамъоварӣ ва коркарди ҳисобот ба тариқи электронӣ татбиқ мегардад.

Аз он ҷумла, дар ҷамоатҳои деҳоти Ғозиён, Чашмасор, Исфисор ва Зарзамин, Д.Холматов, Исмоил, Унҷӣ, Ҳ.Усмонови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҳамаи хоҷагиҳо ва оилаҳо пурра ба шакли электронӣ ворид карда шуда, ҷамоатҳои деҳоти Хистеварз, Ёва, Овиқалъа ва шаҳраки Ғафуров дар марҳилаи ҷамъбаст қарор дорад.

Дар шаҳри Бӯстон, Ҷамоати шаҳраки Палос 22 адад дафтари ҳисобгирии хоҷагидорӣ мавҷуд буда, соли 2018 аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи махсус барои ҷамъоварии маълумотҳои хоҷагиҳои аҳолӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар шаҳри Гулистон давоми солҳои 2019-2020-ум аз тарафи шахсони масъул бо мақсади ҷорӣ намудани дафтари хоҷагидорӣ корҳои назаррас анҷом дода шуд. Дар Ҷамоати шаҳраки Консой шумораи хонаводаҳо 880 хоҷагӣ буда, 100 % ба шакли электронӣ ворид карда шуд, дар ҷамоати шаҳраки Сирдарё 939 хонавода мавҷуд буда, 74,5% ба шакли электронӣ ворид карда шуд, дар Ҷамоати шаҳраки Зарнисор 615 ҳоҷагӣ буда, 48,7% ба шакли электронӣ ворид карда шуд, дар Ҷамоати шаҳраки Адрасмон 2833 ҳоҷагӣ буда, 45,7% ба шакли электронӣ ворид карда шуд, дар Ҷамоати шаҳраки Чорукдаррон 862 ҳоҷагӣ буда, 37,2% ба шакли электронӣ ворид карда шуд ва дар Чамоати шаҳраки Навгарзан 115 ҳоҷагӣ буда, 86,9% ба шакли электронӣ ворид карда шудааст. Ҳамагӣ дар ҷамоати шаҳракҳои шаҳри Гулистон 6244 шумораи ҳоҷагиҳо мавҷуд буда, ба китобҳои баҳисобгирии хоҷагӣ 3596 хоҷагиҳо ба шакли электронӣ ворид гардидаанд, ки ин 57,6% мебошад. Корҳо дар ин самт идома дорад.

Дар шаҳри Истаравшан аз ҷониби Раёсати омор бо ҷалби шахсони масъул бо мақсади ҷорӣ намудани дафтари хоҷагидорӣ дар 10 ҷамоатҳои деҳот корҳои назаррас анҷом дода, ба хатти электронӣ пайваст карда шуданд

Дар ин давра дар Ҷамоати деҳоти Шаҳристони ноҳияи Шаҳристон аз ҷониби масъулин шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ ташкил карда шуда, корҳо дар ин самт идома дорад.

Дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Айнӣ, Ашт, Зафаробод, Истиқлол, Конибодом. Деваштич, Кӯҳистони Мастчоҳ, Мастчоҳ, Исфара, Панҷакент, Спитамен, Ҷаббор Расулов маълумоти муфассал пешниҳод нагардидааст, ки арзёбӣ гардидани соҳа ғайриимкон мебошад.

Мушкилиҳо: дар ноҳияи Шаҳристон бинобар фарсудагии воситаҳои алоқа ва радио дар деҳоти ноҳия фаъолияти нуктаҳои телефонӣ ва радио ба назар намерасад, Дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ набудани мутахассисони соҳибтаҷриба ва барномасоз дар ноҳия; пурра таъмин набудани шабакаи интернет дар деҳаҳои дурдасти ноҳия, дар шаҳри Гулистон пахши телевизион ва радиои ҷумҳурӣ ва вилоят дар ҷамоати шаҳракҳои Адрасмон, Зарнисор ва Навгарзан муаммо мавҷуд аст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ бо Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолӣ ба шабакаи интернет, ҷиҳати ҷорӣ намудани пешбурди шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ дар ҷамоатҳои шаҳру ноҳияҳо чораҷӯӣ намоянд.

## 11.Вусъати шуғли пурмаҳсул

**Арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо таъмини вусъати шуғли пурмаҳсул бо нишондиҳандаҳои** 11.1.(11.1., 11.5.) **Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ**, 11.2. (11.2., 11.3.) **Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо**, 11.3. (11.4.) **Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, арзёбӣ гардиданд**.

11.1. (11.1.,11.5.) **Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ**

### 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ.

Давоми соли 2020 ба раёсат, шуъбаю бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 43074 шаҳрванд муроҷиат кард, ки 21667 нафарашон занон мебошанд. Аз ҳисоби муроҷиаткунандагон 28766 нафар ҳамчун корҷӯй дар сохторҳои мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шуданд, ки аз онҳо 50,7 фоиз ё 4009 нафар занон ва 64,9 фоиз ё 5132 нафар ҷавонони синни 15-29-сола мебошанд.

Мувофиқи "Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" соли 2020 дар вилоят бо ҷойи корӣ таъмин намудани 18851 нафар шаҳрвандони корҷӯй ва бекор ба нақша гирифта шуда, ба ҳолати 15 декабри соли 2020 аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба 20287 нафар барои бо ҷойи кори доимӣ таъмин шудан мусоидат карда шуд, ки ин нишондод 107,6 фоизи нақшаи солонаро ташкил медиҳад.

### 11.5. Андешидани чораҳо ҷиҳати паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳалли масъалаҳои диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ (банди 73 паём)

Дар давоми соли 2020 аз шаҳри Панҷакент дар муҳоҷирати меҳнатӣ 18640 нафар қарор доранд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 4023 нафар зиёд буда, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Мастчоҳ +1146 нафар (1717) нафар, Кӯҳистони Мастчоҳ +156 нафар (372) ва Шаҳристон +677 нафарр (1246) –ро ташкил медиҳад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров -9145 нафар (3405), Хуҷанд -5807 нафар (2582), Ҷаббор Расулов -7470 нафар (1938), Истаравшан -6734 нафар (2430), Спитамен -6254 нафар (8478), Ашт -1165 нафар (1346), Конибодом -12142 нафар (3645), Зафаробод -1893 нафар (1269 нафар), Бӯстон -476 нафар (427), Истиқлол -73 нафар (2304), Гулистон -773 нафар (569), Айнӣ -1165 нафар (612), Деваштич -6459 нафар (8219) ва Исфара -9141 нафар (3675) ин нишондод кам гардида, аз он шаҳодат

медиҳад, ки ҷиҳати паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикр назаррас мебошад.

11.2. (11.2, 11.3) **Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо**

11.2. **Андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати саросар соҳибкасб кардани аҳолӣ (калонсолон, аҳолии бекасб), беҳтар намудани сифати таҳсилот ва касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ (бандҳои** 70, 72 **паём)**

Дар доираи эълон гардидани “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” аз ҷониби Пешвои миллат ба намояндагони аҳли ҳунар низ як қатор имтиёзҳо дода шуд. Аз ҷумла, зиёда аз 100 намуди ҳунарҳои мардумӣ, ки истеҳсолоти онҳо дар хона ба роҳ монда шудааст, аз андоз озод карда шуданд. Ин тадбир барои бо ҷойи кор таъмин намудани занону духтарони хонашин мусоидат намуд.

Дар миқёси вилоят фаъолияти 282 маркази таълимӣ-истеҳсолӣ, аз ҷумла 104 маркази адрасбофӣ ва 178 дигар марказҳои ҳунарҳои дастӣ ба роҳ монда шуда, 24932 нафар ҳунармандон бо шуғли доимӣ таъмин гардиданд.

Дар вилоят барои дастгирии тиҷоратикунонии маҳсулоти ҳунармандон 126 мағозаи фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ ва дар ҳудуди бозори “Саховат” дар шоҳроҳи Хуҷанд-Ғафуров растаҳои фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ ташкил карда шуд. Илова бар ин, як қатор коргоҳҳои дузандагӣ таъсис ёфта, зиёда аз 200 нафар бо ҷойи корӣ таъмин шуданд.

Фарогирии шаҳрвандон ба касбомӯзӣ (ҳунарҳои мардумӣ) дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 300 нафар, Панҷакент 140 нафар, Айнӣ 227 нафар, Кӯҳистони Мастчоҳ 345 нафар, Спитамен 160 нафар, Мастчоҳ 270 нафар, Бобоҷон Ғафуров 725 нафар, Истаравшан 205 нафар, Ҷаббор Расулов 150 нафар, Гулистон 88 нафар, Исфара 588 нафар, Зафаробод 140 нафар, Шаҳристон 150 нафар, Бӯстон 98 нафар, Деваштич 220 нафар, Ашт 155 нафар ва Истиқлол 105 нафарро ташкил додааст.

Шумораи зиёди фарогирии шаҳрвандон ба касбомӯзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Панҷакент, Айнӣ, Исфара, Спитамен, Кӯҳистони Мастчоҳ, Мастчоҳ, Бобоҷон Ғафуров ва Истаравшан ба назар мерасад, ки заминаи мусоид барои рушди ҳунарҳои мардумӣ шароити фароҳам оварда шудааст.

11.3. **Бо шуғл таъмин намудани сокинони маҳаллӣ, бахусус занону духтарон ва ҷавонон, рушди ҳунарҳои мардумӣ (банди** 72 **паём)**

Дар доираи эълон гардидани солҳои 2019-2021 - “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ба рушди ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳ бештар зоҳир мегардад. Дар миқёси вилоят фаъолияти 282 маркази таълимӣ-истеҳсолӣ, аз ҷумла 104 маркази адрасбофӣ ва 178 дигар

марказҳои ҳунарҳои дастӣ ба роҳ монда шуда, 24932 нафар ҳунармандон бо шуғли доимӣ таъмин гардиданд.

Дар ин марказҳо 654 дастгоҳи адрасу атласбофӣ насб гардида, 1110 нафар ҳунармандон ба шуғл фаро гирифта шудаанд. Ҳамзамон, зиёда аз 18,5 ҳазор нафар ҳунармандон дар хона фаъолият доранд

Дар марказҳои ноҳияи Ашт 26 нафар устоҳо ба 2325 нафар шогирдон аз руи ҳунарҳои мардумии мухталиф касб омузонида истодаанд. Дар давраи ҳисобӣ дар ин марказҳо ба миқдори 14525 метр адрас ва 852 метри мураббаъ қолинҳои гуногун истеҳсол карда шудааст.

Дар марказҳои қолинбофии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 58 нафар устод ва зиёда 200 нафар шогирдон аз ҳисоби занону духтарони хонашин ҷалб карда шуданд.

Дар самти касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони ҷойи кор надошта 300 нафар ба курсҳои кӯтоҳмуддати корхонаи воҳиди давлатии "Маркази таълимии шаҳри Хуҷанд" аз рӯи 13 ихтисос ҷалб карда шуданд.

Инчунин тариқи худмаблағгузорӣ 917 нафар, аз онҳо 562 нафар занон, 315 нафар ҷавонон, 602 нафар калонсолоне, ки ҷойи кор надоштанд, ба курсҳои кӯтоҳмуддати корхонаи воҳиди давлатии "Маркази таълимии шаҳри Хуҷанд" барои касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

Дар ноҳияи Айнӣ 888 ҷойҳои корӣ таъсис додашуда 9 марказҳои рушди ҳунарҳои мардуми ва равнақи солимии "Усто - шогирд" ба омузиши касбу ҳунарҳои мардуми ҷалб намудани занону духтарон, дигар шаҳрвандони бешуғл 22 нафар устоҳо (ҳунармандон) ва 39 нафар шогирдон фаро гирифта шуданд.

Фаъолияти маркази таълимии калонсолон таҳти назорат қарор дошта дар 3 самт 760 нафар калонсолон, гуруҳҳои осебпазир, занону духтарон, ҷавонон ба таҳсилу касбомузи фаро гирифта шудаанд. Дар ин давра аз ҳудуди ноҳия 612 нафар шаҳрвандон ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар рафтанд, ки аз инҳо 142 нафар занон мебошанд.

Тибқи қарори раиси ноҳияи Деваштич аз 14 майи соли 2015, таҳти №317 «Дар бораи рушди қолинбофии дастӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ дар ноҳия» ба тасвиб расонида шуда, тибқи он корҳои муайян ба сомон расонида шудаанд.

Айни ҳол дар ноҳия 14 адад Марказҳои таълимӣ-истеҳсолии қолинбофӣ ва 14 адад Марказҳои таълимӣ-истеҳсолии атласу адрасбофӣ таъсис дода шуда, ба Марказҳои мазкур ҳамагӣ 61 адад дастгоҳҳои қолинбофӣ ва атласу адрасбофӣ насб карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки бо истисноии шаҳру ноҳияҳои дар боло зикргардида дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот оид ба ин масъала пешниҳод накардаанд.

### 11.3. (11.4.) **Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ**

### 11.4. **Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ (банди 73 паём)**

Ташкили ҷойҳои нави корӣ дар қиёс бо шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда дар ноҳияи Айнӣ 3,4% (ҷои корӣ таъсис додашуда 676

адад, шумораи бекорони расман ба қайд гирифта шуда 236 нафар) ташкил додааст. Ин нишондиҳанда дар шаҳри Истаравшан 3,1 % (2595 ҷои корӣ, 810 бекор), Зафаробод 11,4, % (1450 ҷойи кор, 166 бекор), Истиқлол 82,6% (127 ҷойи корӣ, бекор 105), Ҷаббор Расулов +358 бекор (ҷойи корӣ маълумот нест), Хуҷанд 46% (2836 ҷойи корӣ ), Деваштич 118,1% (699 ҷойи корӣ), Гулистон бекорон 410, Бобоҷон Ғафуров 3,8% (7521 ҷойи корӣ), Бӯстон 24,7% (878 ҷойи корӣ), Ашт 16,1% (2399 ҷойи корӣ), Исфара 94,3% (634 ҷойи корӣ) ташкил дода, барои таъмини шумораи бекорони ба қайд гирифташуда бо ҷойи корӣ шумораи ҷойҳои кории нав тадбирҳо роҳандозӣ карда шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳристон 11,8% (239 ҷойи корӣ, 284 бекор), Кӯҳистони Мастчоҳ 16,1 %( 89 ҷойи корӣ, 141 бекор), Панҷакент 11.8% (140 ҷойи корӣ, бекор 166 ), Спитамен 62,5% (6 ҷойи корӣ, 375 бекор), Конибодом 28,0% (964 ҷойи корӣ, бекор 2076 ), нокифоя ва дар сатҳи паст мебошад.

Дар марказҳои ноҳияи Ашт 26 нафар устоҳо ба 2325 нафар шогирдон аз руи ҳунарҳои мардумии мухталиф касб омузонида истодаанд. Дар давраи ҳисобӣ дар ин марказҳо ба миқдори 14525 метр адрас ва 852 метри мураббаъ қолинҳои гуногун истеҳсол карда шудааст.

Дар марказҳои қолинбофии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 58 нафар устод ва зиёда 200 нафар шогирдон аз ҳисоби занону духтарони хонашин ҷалб карда шуданд.

Дар самти касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони ҷойи кор надошта 300 нафар ба курсҳои кӯтоҳмуддати корхонаи воҳиди давлатии “Маркази таълимии шаҳри Хуҷанд” аз рӯи 13 ихтисос ҷалб карда шуданд.
Инчунин тариқи худмаблағгузорӣ 917 нафар, аз онҳо 562 нафар занон, 315 нафар ҷавонон, 602 нафар калонсолоне, ки ҷойи кор надоштанд, ба курсҳои кӯтоҳмуддати корхонаи воҳиди давлатии “Маркази таълимии шаҳри Хуҷанд” барои касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

Дар ноҳия 888 ҷойҳои корӣ таъсис додашуда 9 марказҳои рушди ҳунарҳои мардуми ва равнақи солимии “Усто - шогирд” ба омузиши касбу ҳунарҳои мардуми ҷалб намудани занону духтарон, дигар шаҳрвандони бешуғл 22 нафар устоҳо (ҳунармандон) ва 39 нафар шогирдон фаро гирифта шуданд.

Дар ноҳияи Шаҳристон бо мақсади эҳёву рушди ҳунарҳои мардумӣ 4 марказҳои таълимию истеҳсолии атласу адрасбофӣ ва қолинбофии дастӣ таъсис дода шуда, дар он марказҳо ҳамагӣ 14 адад дастгоҳи адрасбофӣ ва 2 адад дастгоҳи қолинбофии дастӣ мавҷуд мебошад.

Маркази таълимии истеҳсолии адрасу атласбофии дастӣ аз тарафи Ҷамоати деҳоти Шаҳристон таъсис дода шуда, дар он 6 адад дастгоҳи адрасу атласбофии дастӣ, 1 адад дастгоҳи қолинбофии дастӣ ва 4 адад мошинаҳои дарздӯзӣ мавҷуд аст.

Дар Ҷамоати деҳоти Бунҷикат ва литсейи касбии саноати кишоварзии ноҳия низ маркази таълимии истеҳсолии адрасу атласбофии

дастӣ ташкил карда шуда, 6 адад дар Ҷамоати деҳоти Бунҷикат ва 1 адад дар литсейи касбии саноати кишоварзии ноҳия дастгоҳҳои адрасу атласбофии дастӣ мавҷуд аст.

Бояд қайд намуд, ки бо истисноӣ шаҳру ноҳияҳои дар боло зикргардида дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот оид ба ин масъала пешниҳод накардаанд.

Пешниҳод: ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он зарур аст, дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани дараҷаи бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ, таъмини самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кории холӣ, васеъ намудани фарогирии шаҳрвандон ба омӯзиши касбу ҳунарҳо ва вусъат додани ҳунарҳои мардумӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

## 12. **Рушди сармояи инсонӣ (маориф)**
## **(бандҳои** 53, 54, 56, 57, 59, 60, 85**-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди маориф бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ**, 12.1.(12.1.) **Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ**, 12.2. (12.2., 12.4.) **Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ**, 12.3. (12.3., 12.5., 12.6.) **Баланд бардоштани сифати таълим**, 12.4. (12.7.) **Мутоилаи китобҳои бадеи, зиёд намудани фонди китобхонаҳои соҳавӣ дар муассисаҳои таълимӣ**, 12.5. (12.8., 12.9.) **Баргузор намудани озмуни "Фуруғи субҳи доноӣ" ва олимпиадаҳои вилоятӣ, шаҳри ва ноҳиявӣ ва ҳавасмандгардонии ғолибони озмунҳои мазкур, арзёбӣ гардиданд**.

### 12.1. (12.1.) **Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ**

12.1. **Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст. Вазъи соҳаҳои илм ва маориф**

Соҳаи маориф яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки сиёсати Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб рафта, ба ин соҳа ҳамчун захираи стратегии инкишофи зеҳнӣ ва омили муҳимтарини таҳкими давлатдорӣ эътибори ҷиддӣ дода мешавад.

Соли таҳсили 2020-2021 дар вилоят 938 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла 4 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 36 муассисаи таҳсилоти асосӣ, 826 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 33 гимназия, 25 литсей, 1 мактаби Президентӣ, 2 мактаб барои хонандагони лаёқатманд, 3 мактаб-кӯдакистон, 1 интернати санаторӣ, 4 мактаб-интернати махсус, 3 интернат барои кӯдакони ятиму бепарастор фаъолият дошта, дар онҳо 565231 нафар, аз ҷумла 276427 нафар духтарон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд,

ки нисбати соли таҳсили 2019-2020 шумораи муассисаҳои таълимӣ 9 адад ва шумораи хонандагон 17906 нафар зиёд мебошад. Дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Панҷакент, Хуҷанд 2 ададӣ ва Бобоҷон Ғафуров, Мастчоҳ, Кӯҳистони Мастчоҳ 1 ададӣ муассисаҳои таълимӣ зиёд шудаанд.

Тибқи нақшаи чорабиниҳои омодагӣ ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон азнавсозӣ ва таъмиру тармими бинои 46 муассисаҳои таълимии садамавӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба нақша гирифта шудааст.

Дар соли 2020 бинои 11 муассисаи таълимии садамавӣ барқарор гардида, дар 15 бинои садамавии муассисаҳои таълимӣ корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Ҳамзамон, таъмиру таҷдиди 228 муассисаи таълимӣ ба нақша гирифта шудааст ва то ҳол 199 муассисаи таълимӣ аз таъмири куллӣ бароварда шуда, дар 26 муассиса корҳо идома доранд.

Дар умум, дар вилоят дар давраи ҳисоботӣ 37 иншооти соҳаи маориф бо 4761 ҷойи нишаст, аз ҷумла дар назди муассисаҳои таълимӣ 98 синфхонаи иловагӣ бо 2826 ҷой ва дар назди муассисаҳои томактабӣ 57 гурӯҳи иловагӣ бо 1935 ҷойи нишаст бунёд гардиданд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати вилоятро зарур аст, ки барои таъмиру таҷдиди 35 муассисаҳои таълимӣ дар соли 2021 тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намояд.

Дар давраи ҳисоботӣ оид ба бунёди синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маълумот пешниҳод нагардидааст.

### 12.2. (12.2., 12.4.) **Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ**

### 12.2. **Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабии кӯдакон ва васеъ намудани фоизи фарогирии онҳо, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативии омода намудани кӯдакон**

Дар соли 2020 мувофиқи маълумоти оморӣ дар вилоят 276 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла 204 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияҳо, 12 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи ташкилоту корхонаҳо ва 60 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ фаъолият намуда, 44283 нафар кӯдаконро ба тарбия фаро гирифтаанд. Илова бар ин, дар назди шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияҳо марказҳои инкишофи кӯдак бо фарогирии 13425 нафар кӯдакони синни 6-сола дар 650 гурӯҳ фаъолият доранд. Фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 15,1 фоиз ва якҷоя бо марказҳои инкишофи кӯдак 20,6 фоизро ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳанда нисбат ба нуҳмоҳаи соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 24,3% ташкил намуда, дар ноҳияҳои Ашт 20% ва Шаҳристон 16,5% бетағйир боқӣ мондааст, ки барои баланд бардоштани ин нишондиҳанда пешбинӣ намудани чораҳои иловагӣ зарур мебошад.

12.4. **Андешидани чораҳо барои бунёди як муассисаҳои томактабӣ дар як деҳа ва маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд (банди 85 паём), (бо иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти муассисаҳои томактабӣ дар онҳо)**;

Дар ин давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят барои муайян намудани шумораи маҳалҳои аҳолинишине, ки аз 100 хоҷагӣ зиёд доранд ва сохтмони муассисаҳои томактабӣ дар онҳо зарурият дорад, як қатор корҳо ба нақша гирифта шудааст.

Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ сохтмони 7 адад, Бобоҷон Ғафуров 22 адад, Гулистон 2 адад, Зафаробод 15 адад, Истиқлол 2 адад, Исфара 4 адад, Конибодом 7 адад, Кӯҳистони Мастчоҳ 11 адад, Хуҷанд 1 адад ва Шаҳристон 4 адад муассисаҳои томактабӣ ба нақша гирифта, манбаҳои маблағгузорӣ барои сохтмон муайян карда шудааст.

12.3. (12.3., 12.5., 12.6.) **Баланд бардоштани сифати таълим**,

12.3. **Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоии кадрҳои омӯзгорӣ, гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон (банди 57 паём)**;

Дар доираи иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, № 544 «Дар бораи Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020» дар соли 2020 таъмин намудани муассисаҳои таълимии вилоят бо 49 адад кабинет ва озмоишгоҳҳои фанни физика, фанни химия 36, фанни биология 37, фанни география 15, фанни математика 11, фанни технологияи иттилоотӣ 9 ва кабинети суруд ва мусиқӣ 90 адад, дар умум бо 247 кабинети таълимӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар амал, давоми соли ҷорӣ 147 кабинети таълимӣ ташкил гардида, нақшаи соли 2020 ҳамагӣ 59,5 фоиз таъмин шудааст. Дар маҷмӯъ, тибқи нақшаи барнома дар солҳои 2018-2020 дар вилоят муҷаҳҳаз гардонидани 571 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳи таълимӣ пешбинӣ шуда, дар амал ин рақам ба 468 адад расонида шуд, ки баробари 82,0 фоизи нақшаи барномавӣ мебошад. Мавриди зикр аст, ки шаҳри Хуҷанд талаботи иҷрои Барномаро пеш аз муҳлат таъмин намуда, ба ҷойи 25 адад 92 кабинети фанниро омода намудааст, ки аз нақша 3,7 баробар зиёд мебошад. Дар шаҳри Конибодом нақшаи барномавӣ 102,7 фоиз иҷро шуда, ба ҷойи 35 адад 36 кабинет ва озмоишгоҳи фаннӣ муҷаҳҳаз гардонда шуд.

Дар доираи иҷрои “Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии вилояти Суғд барои солҳои хониши 2018-2022” соли 2020 ба муассисаҳои таълимӣ дастрас намудани 2890 компютер ва 187 тахтаи электронӣ ба нақша гирифта шуда, дар амал соли ҷорӣ 808 компютер ва 104 тахтаи электронӣ харидорӣ карда шудааст, ки мутаносибан 28,0 ва 55,6

фоизи нақшаи солонаро ташкил медиҳад. Алҳол, дар 1126 синфхонаи компютерӣ 19280 компютер, 2853 принтер мавҷуд буда, 627 тахтаи электронӣ ва 918 проектор мавриди истифода қарор доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи компютерҳо дар муассисаҳои таълимии вилоят нисбат ба оғози соли 2020, 1366 адад зиёд гардидааст, ки дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд +174, Бобоҷон Ғафуров+129 адад, Исфара +70 адад, Ашт +23 адад, Деваштич +20, Спитамен +36 адад, Панҷакент +41 адад, Конибодом +109 адад зиёд гардида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо таъмин гардидааст.

Дар давраи ҳисоботи шумораи тахтаҳои электронӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳои Исфара 10 адад, Деваштич 24 адад, Бӯстон 25 адад, Бобоҷон Ғафуров 10 адад, Истаравшан 1 адад, Истиклол 2 адад ва Конибодом 5 ададро ташкил медиҳад, ки барои таъмини нишондиҳандаи устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ замина гузошта шуда истодааст.

12.5. **Миёни калонсолону хонандагон ҷорӣ кардани мутолиаи китобҳои бадеӣ (банди 59 паём)**;

Дар тамоми муассисаҳои таълимии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят дар байни хонандагон ва калонсолон хондан ва мутолиаи китобҳои бадеӣ ба роҳ монда шуда, ин раванд аллакай ба ҳукми анъана даромадааст. Тасмим гирифта шудааст, ки ҳар як калонсол ва хонандагон дар як сол на камтар аз панҷ адад китоби бадеӣ мутолиа намояд.

Ҷиҳати арзёбии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии шаҳру ноҳияҳо оид ба миёни калонсолону хонандагон ҷорӣ кардани мутолиаи китобҳои бадеӣ нишондиҳандаи миқдории ҳисоботи шумораи калонсолон ва миқдори китоби мутоила карда шуда, ба роҳ монда шавад, ки дар вақт рафти иҷрои супориши банди 59-и нақша чорабиниҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 сол, муайян карда мешавад.

12.6. **Тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати ба таври васеъ ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва русиву англисӣ (банди 56 паём)**;

Баҳри иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, № 427 «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати тақвияту густариши омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус забонҳои русӣ ва англисӣ чораҳои зарурӣ андешида шуданд. Алҳол, дар муассисаҳои таълимии вилоят 3280 нафар омӯзгорони забони русӣ ва 2814 нафар омӯзгорони забони англисӣ фаъолият доранд.

Тибқи созишномаи байниҳукуматии Тоҷикистону Федератсияи Россия ба муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ аз минтақаҳои гуногуни Федератсияи Россия омӯзгорон барои таълими фанҳои забон ва адабиёти рус, математика, физика, химия, биология, география ва технологияҳои

иттилоотӣ даъват шудаанд. Аз ҷумла, аз Федератсияи Россия ба муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бӯстон, Бобоҷон Ғафуров, Спитамен ва Ашт 14 нафар омӯзгорон фиристода шудаанд, ки 9 нафарашон зан мебошанд.

Тайи ду соли охир курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони забони англисӣ бо иштироки 687 омӯзгор ва забони русӣ бо иштироки 590 омӯзгор баргузор карда шудааст, ки ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши забонҳои хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст.

12.4. (12.7.) **Мутоилаи китобҳои бадеи, зиёд намудани фонди китобхонаҳои соҳавӣ дар муассисаҳои таълимӣ**

Раёсати маорифи вилоят барои мутолиаи китобҳои бадеӣ ба муассисаҳои таълимии вилоят рӯихати 299 номгӯи асарҳои бадеиро, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм барои хониши беруназсинфӣ ва таътили тобистона пешниҳод гардидаанд, дастрас намудааст. Дар ин давра дар ноҳияи Ашт 32782 китобҳои илмӣ-бадеӣ, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 62500, дар шаҳри Гулистон 1094 китобҳои бадеӣ харидорӣ карда, дар ноҳияи Зафаробод барои зиёд намудани фонди китобхонаҳои соҳавӣ 5000 сомонӣ, шаҳри Исфара 80645 сомонӣ, шаҳри Гулистон 19622 сомонӣ маблағ ҷудо карда шудааст. Мувофиқи тақсимот барои мутолиа барои хонандагони синфи 1 19 номгӯй, барои синфи 2-28 номгуй , синфи 3-30 номгуй, синфи 4-31, синфи 5-28 номгуй, синфи 6-27 номгуй, синфи 7-24 номгуй, синфи 8-32 номгуй, синфи 9-26 номгуй, синфи 10-35 номгуй ва синфи 11-19 номгӯи асарҳои бадеӣ пешниҳод шудааст. Илова бар ин, ба роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дастур дода шудааст, ки рӯйхати асарҳои мутолиашавандаро дар назди китобхонаҳои мактабӣ насб намуда, роҳбарони синф ва омӯзгорони фанҳои ҷамъиятиву гуманитариро вазифадор намоянд, ки барои ба хондани китобҳои бадеӣ ҷалб намудани хонандагон чораҷӯӣ намуда, роҳҳои ҳавасманд гардонидани хонандагонро ҷустуҷӯ намоянд.

Инчунин, дар маҷлисҳои падару модарон рӯйхати ин асарҳоро ба падару модарон расонида, барои ҷалб намудани фарзандон ба китобхонӣ ва харидорӣ намудани китобҳои бадеӣ ба онҳо кӯмак намоянд.

12.5. (12.8., 12.9.) **Баргузор намудани азмуни "Фуруғи субҳи доноӣ" ва олимпиадаҳои вилоятӣ, шаҳри ва ноҳиявӣ ва ҳавасмандгардонии ғолибони озмунҳои мазкур**

Дар давраи ҳисоботӣ дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявии анъанавию номӣ аз фанҳои таълимӣ, ки дар мактаби Президентии шаҳри Бӯстон баргузор гардид, 228 нафар ғолибони даври вилоятӣ ширкат варзида, аз онҳо 100 нафар ба гирифтани ҷойҳои фахрӣ ноил гардиданд. Аз ҷумла, дар олимпиадаи ҷумҳуриявии анъанавӣ аз рӯи 13 фанни таълимӣ 135 нафар иштирок намуда, 61 нафар ва дар олимпиадаи ҷумҳуриявии номӣ аз рӯи 11 фанни таълимӣ 93 нафар ширкат варзида, 39 нафар сазовори ҷойҳои ифтихорӣ шуданд. Аз ҷумла, шогирдони муассисаҳои таълимии шаҳру

ноҳияҳои Исфара соҳиби 21 ҷойи ифтихорӣ, Хуҷанд 18, Бобоҷон Ғафуров 13, Истаравшан 7 ва Спитамен 6 ҷой гардиданд.

Дар олимпиадаҳои байналмилалии фаннӣ, лоиҳавӣ ва фосилавӣ 1035 нафар хонандагони муассисаҳои таълимии вилоят иштирок намуданд. Аз 26 нафар иштирокчиёни 12-умин олимпиадаи байналмилалӣ барои хонандагону донишҷӯён дар давлати Туркия аз шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Бобоҷон Ғафуров ва мактаби Президентӣ 26 нафар сазовори ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла 13 ҷойи якум, 5 ҷойи дуюм ва 8 ҷойи сеюм гардиданд. Ҳамзамон, дастаи вилоят аз фанни биология дар ин олимпиада сазовори ҷойи аввал гардида, бо "Ҷом" сарфароз гардонида шуд.

Дар 10-умин олимпиадаи лоиҳавӣ, ки дар Қазоқистон баргузор гардид, 2 нафар хонандагони мактаби Президентӣ иштирок намуда, сазовори ҷойи дуюм гардиданд. Ҳамчунин, 3 нафар хонандагони синфи 11-и литсейи физикӣ-математикии шаҳри Хуҷанд дар 11-умин олимпиадаи Евроосиёӣ аз фанни технологияҳои иттилоотӣ, ки дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, ширкат варзида, сазовори ҷойи аввал дониста шуданд. Хонандаи синфи 10-и муассисаи таълимии хусусии шаҳри Конибодом дар 4-умин олимпиадаи байналмилалӣ аз фанни математика, ки дар Федератсияи Россия баргузор шуд, иштирок намуда, сазовори ҷойи сеюм гардид.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии ғолибони олимпиадаҳои байналмилалӣ дар асоси қарори раиси вилоят аз 12 июни соли 2018, №250 "Дар бораи тадбирҳои ҳавасмандгардонии хонандагон, омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ" ба 26 нафар ғолибони олимпиадаҳои байналмилалӣ аз 3,0 то 10,0 ҳазор сомонӣ, ба 6 нафар омӯзгорон аз 2,0 то 6,0 ҳазор сомонӣ, ба мактаби Президентии шаҳри Бӯстон 10,0 ҳазор сомонӣ, литсейи №1-и шаҳри Исфара 5,0 ҳазор сомонӣ ва литсейи физикӣ-математикии шаҳри Хуҷанд 3,0 ҳазор сомонӣ мукофотпулии яквақта тақдим карда шуд.

Дар доираи иҷрои амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми феврали соли 2020, №АП-1339 санаҳои 7-16 декабри соли 2020 дар Муассисаи давлатии Китобхонаи миллии Тоҷикистон даври ҷумҳуриявии озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" баргузор гардид. Дар озмун 287 довталаб аз тамоми манотиқи кишвар, аз ҷумла 60 нафар ғолибони даври вилоятии озмун аз вилояти Суғд иштирок намуданд. Озмун аз рӯи 6 номинатсия баргузор шуда, иштирокчиён аз вилоят сазовори 18 ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла, Шоҳҷоиза, 6 ҷойи аввал, 7 ҷойи дуюм ва 4 ҷойи сеюм дониста шуданд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти садамавӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, норасоии ҷойи нишаст дар таълимгоҳҳо, васеъ намудани фарогирии кудакон ба муассисаҳои томактабӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 13. Рушди соҳаи тандурустӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи тандурустӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ**, 13.1. (13.1.) **Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ**, 13.2. **Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил**, **аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ**;

### 13.1. (13.1.) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ

13.1. **Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳо**, **шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасогии кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст**.

Дар ин раванд дар вилоят 936 муассисаи нигаҳдории тандурустии давлатӣ, аз ҷумла 132 муассисаи сохтори госпиталӣ, 649 муассисаи сохтори КАТС, 155 муассисаи махсусгардонидашуда ва 253  муассисаи тиббии хусусӣ, аз ҷумла 109 ҶДММ, 37 намояндагӣ ва 107 соҳибкори инфиродӣ фаъолият доранд.

Дар соҳаи нигаҳдории тандурустии вилоят бо мақсади сазовор пешвоз гирифтани 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағгузорӣ аз ҳамаи сарчашмаҳо сохтмон, таъмир ва азнавсозии 459 иншооти соҳа ба нақша гирифта шуда, дар соли 2020 бояд 123 иншооти тандурустӣ, аз ҷумла 15 беморхона, 39 бунгоҳи саломатӣ, 20 маркази саломатӣ,  5 таваллудхона, 13 нуқтаи хатна ва 31 дорухона сохта ва азнавсозӣ карда шавад. Дар ин давра сохтмон ва таъмиру  азнавсозии 116 иншоот, аз ҷумла 17 беморхона, 30 бунгоҳи саломатӣ, 27 маркази саломатӣ, 4 таваллудхона, 10 нуқтаи хатнаи кӯдакон ва 28 дорухона ба итмом расонида шуд.

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд 5 276 нафар табибон ва 17 945 нафар кормандони миёнаи тиб фаъолият менамоянд, нишондоди таъминотнокӣ бо табибон ба 10 000 аҳолӣ ба 19,5 ва бо кормандони миёнаи тиб ба 66,4 баробар аст.

Бо баробари дастовардҳо дар соҳаи тандурустӣ камбудиҳои зиёд ба назар мерасанд. Масъалаи таъминоти муассисаҳои тиббӣ бо мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи тиббӣ камбудии асосӣ маҳсуб ёфта, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо норасоии мутахассисони соҳаҳои беҳискунӣ ва наҷоти ҳаёт, силшиносӣ, ташхиси шуоӣ, рӯҳшиносӣ, тибби оилавӣ ва сироятшиносӣ эҳсос мегардад. Сатҳи таъминоти муассисаҳои тиббии вилоят бо табибон 19,5 ва бо кормандони миёна 66,4 ба 10,0 ҳазор нафар аҳолӣ мебошад.

Талабот ба мутахассисони соҳаи тиб дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 46 нафар  (-29 нафар), Зафаробод 78 нафар (-3 нафар), Айнӣ 40 нафар (-1 нафар), Бобоҷон Ғафуров 115 нафар (-28 нафар), Гулистон 25 нафар  (-5 нафар),  Истаравшан 7 нафар (-7 нафар), Исфара 74 нафар (-9 нафар), Ҷаббор Расулов 30 нафар (-3 нафар), Мастчоҳ 26 нафар (-3 нафар), Кӯҳистони Мастчоҳ 11 нафар (-1 нафар), Шаҳристон 22 нафар (-1 нафар) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст, ки самарнокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии

ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои мазкурро дар ин самт нишон медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 40 нафар (+1 нафар), Ашт 24 нафар (+5 нафар), Деваштич 28 нафар (+2 нафар), Конибодом 45 нафар (+1 нафар), Спитамен 81 нафар (+59 нафар) ва нисбат ба ҳамин давраи гузашта зиёд гардидааст, ки ба сатҳи хизматрасонии тиббии сифатнок ба аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, ба ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои ҳаллӣ норасоӣ тақвият бахшида шавад.

Баъди хатми омӯзиши интернатура ва ординатураи клиникӣ 29 нафар мутахассисони ҷавон, аз ҷумла 6 нафар хатмкардагони аз ҳисоби буҷет таҳсилнамуда бо ҷои корӣ таъмин карда шуданд ва қабули онҳо тибқи роҳхати Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дорад. Аз ҷумлаи ба кор қабул шудагон табибони наҷот ва беҳискунӣ 1 нафар ва табибони оилавӣ 2 нафар мебошанд.

Масъалаи таъминоти муассисаҳои тиббӣ дар вилоят бо мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи тиббӣ афзалияти асосӣ маҳсуб ёфта, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо норасоии мутахассисони соҳаҳои беҳискунӣ ва наҷоти ҳаёт, силшиносӣ, ташхиси шуоӣ, рӯҳшиносӣ, тибби оилавӣ ва сироятшиносӣ эҳсос мегардад.

Бо баробари дастовардҳо дар соҳаи тандурустӣ камбудиҳои зиёд ба назар мерасанд. Нишондиҳандаҳои фавти модару кӯдак то ҳол ташвишовар боқӣ мемонад.

### 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ

Дар раёсати тандурустии вилоят дар давраи ҳисоботӣ ҳамагӣ 233 нафар мубталоёни ВНМО қайд гирифта шудаанд, ки нисбати соли гузашта -139 нафар кам мебошад. Асосан гирифторони мубталои ВНМО синну соли аз 30 то 49-соларо дарбар мегиранд. Фавт аз ВНМО дар соли 2020 81 нафар ба қайд гирифта шуда, аз соли 2001 то ин давра дар маҷмӯъ 858 нафар аз ин беморӣ фавтидаанд.

Ҳолатҳои бақайдгирии касалии ВНМО нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар ноҳияи Бӯстон -3 нафар (11 нафар) ва шаҳри Истиқлол -1 нафар (3 нафар), ноҳияи Бобоҷон Гафуров -21 нафар (28 нафар), Истаравшан -5 нафар (11 нафар), Исфара -44 нафар (274 нафар), Панҷакент -4 нафар (44 нафар), Ҷаббор Расулов -12 нафар (7 нафар), кам гардида, дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ бетағйир боқӣ мондааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ +3 , Ашт +14 нафар, Деваштич +12 нафар, Мастчоҳ +7 нафар, Спитамен +11 нафар, Зафаробод+7 нафар, Конибодом +15, Шаҳристон +2 нафар, Гулистон +6 нафар ва Ҷаббор Расулов +1 нафар бақайдгирӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, барои пешгирии ин беморӣ чораҳои мушаххас андешида шавад.

**Сил**

Дар давоми соли 2020 шумораи умумии беморони сил дар сатҳи вилоят 983 нафар ба қайд гирифта шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +262 нафар зиёд мебошад.

Ҳолатҳои бақайдгирии касалии сил дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияи Айнӣ -10 нафар, Ашт – 4 нафар, Бӯстон -5 нафар, Гулистон -13 нафар, Бобоҷон Ғафуров -41 нафар, Деваштич - 13 нафар, Истаравшан – 29 нафар, Исфара – 29 нафар, Ҷаббор Расулов -41 нафар, Мастчоҳ – 29 нафар, Спитамен -20 ва Шаҳристон -7 нафар кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳрҳои Хуҷанд + 5 нафар, Истиқлол +2 нафар, Конибодом +29, Панҷакент +7 ва ноҳияҳои Зафаробод + 4 нафар, Кӯҳистони Мастчоҳ +4 нафар зиёд гардида, андешидани чораҳои заруриро талаб менамояд.

## Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

13.4. (13.4.,13.5.) **Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир) арзёби мегардад.**

13.4. **Корҳои анҷомдода ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадорон**;

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дастгирии табақаҳои камбизоат ва маъюбону ятимон мебошад.

Дар вилоят 22 муассисаи иҷтимоӣ фаъолият мебаранд, ки шумораи бошандагони он дар санаи 1 январи соли 2021-ум 1857 нафарро ташкил медиҳад.

Дар вилоят ба санаи 30-юми декабри соли 2020 ҳамагӣ 58495 оила ҳамчун камбизоат ба қайд гирифта шудаанд. Кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14-уми майи соли 2020, №14 “Дар бораи ҷорӣ намудани механизми таъин ва пардохти кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” пардохт карда мешавад.

Шумораи оилаҳои камбизоат дар шаҳру ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 5793 оила (-793), Истаравшан 6270 (-735), Спитамен 1480 (-58), Ашт 3412 оила (-720), Деваштич 2504 оила (-3211), Конибодом 3533 оила (-649), Мастчоҳ 2782 оила (-511), Панҷакент 6881 оила (-250) нисбат ба соли гузашта кам гаштааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ ин шаҳру ноҳияҳои вилоят нишон медиҳад.

Зиёдшавии шумораи оилаҳои камбизоат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Айнӣ 5009 оила (+661), Бӯстон 1277 оила (+171), Зафаробод 2958 оила (+421), Истиқлол 739 оила (+509), Исфара 5304 оила (+1321), Кӯҳистони Мастчоҳ 729 оила (+79), Спитамен 1622 оила (+149), Хуҷанд 3940 оила (+420), Ҷ. Расулов 2228

оила (+199), Шаҳристон 2048 оила (+904) ба назар расида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳои вилоятро зарур аст, ки барои баланд бардоштани нишондиҳандаҳо дар ин самт тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Шумораи нафақагирон 231472 нафар ба қайд гирифта шуда, андозаи миёнаи нафақа 307,28 сомонӣ ҳисоб карда шудааст.

Шумораи умумии маъюбон ба санаи 1 январи соли 2021 46765 нафар, аз ҷумла кӯдакони маъюби то синни 18-сола 7795 нафар мебошад.

Бо назардошти хизматҳои бузурги иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъюбони амалиёти ҷангӣ дар қаламрави давлатҳои дигар, маъюбони барқароркунии сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои оилаҳои ҷанговарони дар ин ҷангҳо ҳалокшуда, шахсони дар давраи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 дар ақибгоҳ меҳнат намуда, инчунин маъюбони бартарафкунии садамаи Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил кӯмакпулии ҳармоҳа пардохт карда мешавад.

### 13.5. **Иҷроиши барномаҳои қабулгардида**

Қайд кардан ба маврид аст, ки барои эътиёҷоти соҳаи тандурустии ноҳия аз тарафи буҷаи ноҳия 653 ҳазор сомонӣ маблағ равона карда шуд, ки аз ҳисоби ин маблағҳо пурра маркази саломатии ноҳия, беморхонаи марказӣ ва беморхонаҳои минтақавӣ аз таъмири куллӣ бароварда шуданд. Ҳамзамон ба кормандони соҳаи тандурустӣ корвони 7 адад нақлиёт бо маводҳои хӯрокаву доруворӣ аз тарафи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳия ворид гардид, ки ба кормандони соҳа ва эҳтиёҷмандон тақсим карда шуданд.

Инчунин, дар ноҳияи Спитамен қарори Раиси ноҳия ба тасвиб расида, баҳри корбарӣ ба ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ва муассисаҳои тиббии ноҳия ирсол гардидааст, ки дар ин самт корҳо оид ба татбиқ намудани барномаи мазкур дар маҳал амалӣ шуда истодааст.

Айни замон дар ноҳия Маркази пешгирӣ ва мубориза бо БПНМ-и ноҳияи Спитамен фаъолият дорад, ки дар марказ 5 воҳиди корӣ мавҷуд буда, бо таҷҳизотҳо муҷаҳҳаз ва тамоми шароитҳо мавҷуданд.

Дар ноҳияи Ашт ба суратҳисоби махсуси муассисаҳои сохтори госпиталии ноҳия 967 ҳазору 658 сомонӣ ворид гардидааст, ки 80,6 фоизи иҷрои нақша ва ба сохтори кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия 1 млн. 234 ҳазору 312 сомонӣ, ки 72,0% фоизи иҷрои нақшабандиро ташкил медиҳад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан ҷиҳати иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 "Дар бораи Барномаи милии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020" чораҳои машаххас андешидааст.

Роҳбарияти шаҳр ҷиҳати татбиқи қарори мазкур қарори Раиси шаҳр аз 30.03.2017, №304 Оид ба татбиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №455 "Дар бораи Барномаи миллии

тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020"-ро ба имзо расонид. Дар асоси ҳамин қарор ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозии назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр оид ба масъалаҳои солимгардонӣ, тавонбахшӣ ва ҳифзи иҷтимоии шахсони имконияташон маҳдуд иборат аз 19 нафар ва нақша-чорабиниҳо иборат аз 25 банд тасдиқ карда шуданд.

Бояд зикр намуд, ки иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019 дар баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, таъмини муассисаҳои тандурустӣ бо таҷҳизоти тиббӣ ва маводи доруворӣ заминаи мусоид гузошта истодааст.

Мушкилиҳо: дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ набудани таҳлилгоҳ дар ду маркази саломатии деҳот ва бунгоҳи тиббӣ.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои пешгирии касалиҳои сироятӣ (хусусан сил, ВНМО) чораҳои иловагӣ андешида, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ бо роҳи бартараф намудани норасоиҳои табибони дорои тахассуси дараҷанокӣ, дастрасии табибон ба аҳолӣ, бунёди иншоотҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва амалигардонии «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2019» мусоидат намоянд ҳамзамон, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ аз рафти иҷрои барномаи болозикр маълумоти мушаххас ба Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

## 14. **Рушди соҳаи фарҳанг**
## **(банди 65-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи фарҳанг бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ** 14.1. (14.1.) **Бунёду азнавсозӣ, таҷдиди инфрасохтор, таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ арзёбӣ гардидаанд**

Дар замони муосир таблиғи арзишҳои миллию фарҳангӣ, бедор намудани худшиносиву худогоҳии миллӣ рисолати ҳар фарди ватандӯст маҳсуб меёбад.

Дар вилоят 362 китобхона, 133 муассисаи клубӣ, 6 клуби сайёр, 95 қаср, кох ва хонаҳои фарҳанг, 1 осорхонаи таърихии вилоятӣ, 15 осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ, 6 хона-осорхона, 3 маҷмааи фарҳангӣ, 1 амфитеатр, 1 маркази фарҳангӣ-фароғатӣ, 22 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 5 театри халқӣ, 7 театри касбӣ, 4 ансамбли тарона ва рақс, 2 филармонияи халқӣ, 30 мактаби бачагонаи санъат, мусиқӣ ва рассомӣ, 11 ансамбли "Шашмақом", 2 гурӯҳи ҳаҷвӣ, 6 ансамбли фолклорӣ-этнографӣ, 2 ансамбли "Фалак", 1 ансамбли дойранавозон, 1 ансамбли карнайнавозон, 18 ансамбли рақсӣ, 6 ансамбли эстрадӣ, 3 радио ва 1 телевизиони маҳаллӣ фаъолият доранд.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 1190 ёдгории таърихию фарҳангӣ мавҷуд буда, аз онҳо 13 адад аҳамияти умумибашарӣ, 91 адад аҳамияти

ҷумҳуриявӣ ва 1086 адад аҳамияти маҳаллӣ доранд. Ин ёдгориҳо муаррификунандаи фарҳанги оламшумули миллати тоҷик арзёбӣ гардида, барои ҷалби сайёҳон аз хориҷи дуру наздик мусоидат менамоянд.

Дар муассисаҳои фарҳангии вилоят бахшида ба таҷлили ҷашнҳои 26 - солагии Рӯзи Қувваҳои мусаллаҳ, Рӯзи Модар, Наврӯзи байналмилалӣ, Рӯзи Ваҳдати миллӣ, 29-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон силсилаи чорабиниҳо, вохӯриву сӯҳбатҳо, баромади дастаҳои ҳаваскорони санъати бадеӣ, намоиши театрикунонида, сӯҳбати атрофи мизи мудаввар, конфронсу семинарҳо, намоиши китобию матбуотӣ, намоиши асарҳои рассомон, барномаҳои консертӣ ташкил ва гузаронида шуданд.

Дар вилоят "Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020» ва «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» татбиқ шуда истодаанд. Тибқи нақшаи чорабиниҳои Барномаҳои мазкур муассисаҳои фарҳангии шаҳру ноҳияҳо марҳила ба марҳила таъмиру тармим гардида, бо таҷҳизоти техникӣ, сарулибоси саҳнавӣ, асбобҳои мусиқӣ, мизу курсӣ муҷаҳҳаз гардида истодаанд. Инчунин, ҷиҳати ҳифз ва барқароркунии ёдгориҳои таърихӣ бо дастгирии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва соҳибкорон корбарӣ ба роҳ монда, давоми солҳои охир якчанд ёдгориҳои таърихӣ таъмир ва барқарор карда шуданд.

Дар соли ҷорӣ низ таваҷҷуҳ ба рушди соҳа бештар гардида, дар ноҳияи Мастчоҳ ба истиқболи ҷашни 29-солагии истиқлолият бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қасри фарҳанг барои 1000 ҷойи нишаст ва Боғи фарҳангию фароғатии "Тоҷикистон" ифтитоҳ ёфт. Илова бар ин, бунёди Қасри фарҳанг дар Ҷамоати деҳоти Ворухи шаҳри Исфара бо сарфи 12,0 млн. сомонӣ босуръат идома дорад.

Маҳз бо ибтикори Сарвари давлат бо қарори UNESCO шаҳри қадимаи Саразм ҳамчун ёдгории таърихии аҳамияти умумибашарӣ пазируфта шуда, санаи 12-уми сентябри соли ҷорӣ ҷашни 5500-солагии Саразми бостонӣ бо иштироки меҳмони олиқадр дар сатҳи баланд таҷлил карда шуд.

Аз ҷониби ҳунармандон дар мавзеи Саразми бостонӣ корҳои ободонӣ ва ороишу намунаи сохтмони иншоотҳои қадима, бо истифода аз суннатҳои миллии ҳунармандӣ ба иҷро расида, он аз ҷониби Пешвои миллат сазовори баҳои баланд гардид.

Дар даромадгоҳи Мамнӯъгоҳи таърихӣ-бостоншиносии Саразм рамзи Саразм дар болои сутунпоя бо баландии 27 метр қомат афрохтааст. Дарвозаи Саразм бо сангҳои қимматбаҳои ороишӣ бунёд гардида, дар он рамзҳо ва акси асбобу ашёи аз ин минтақа дарёфтгардида таҷассум ёфтааст. Баландии дарвоза 12 метр ва паҳноии он 45 метр мебошад.

Дар Мамнӯъгоҳи таърихӣ-бостоншиносии Саразм Осорхонаи таърихӣ-бостоншиносии Саразм бо тарҳ ва намои зебо қомат афрохта,

намунаи хонаҳои саразмиёни қадим бо риояи фарҳангу суннат ва расму оини хос сохта шудааст.

Боиси ифтихор аст, ки санаи 16-уми октябри соли 2020 дар Кохи фарҳанги ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шаҳри Хуҷанд бо иштироки Сарвари давлат Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 700-солагии шоири ғазалсаро Камоли Хуҷандӣ баргузор гардид.

Симпозиум бо суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ ёфта, дар заминаи ашъори шоир аз ҷониби ҳунармандони варзидаи ҷумҳурӣ ва вилоят барномаи фарҳангӣ омода ва ба иштирокчиён пешкаш гардид.

Боиси таъкид аст, ки дар ин замина силсилаи осори таҳқиқӣ роҷеъ ба эҷодиёти шоир ба чоп расида, ҳамчунин "Девон"-и комили Камоли Хуҷандӣ бо пешгуфтори Пешвои муаззами миллат интишор гардид.

Дар асоси "Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангӣ барои солҳои 2016-2020" заминаи моддию техникии муассисаҳои фарҳангии шаҳру ноҳияҳои вилоят ба таври назаррас беҳтар гардиданд.

### 15. **Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ**: **(банди 33, 34-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ**, 15.1. (15.1., 15.2.) **Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза**, 15.2. (15.3.) **Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои** 2016-2020, **арзёбӣ гардиданд**.

15.1. (15.1., 15.2.) **Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза**,

15.1. **Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣбаобиошомиданӣ дар сатҳиҷамоатҳовамаҳаллаҳоиаҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва бо фоиз нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ ва бақияи қарзи он)**,

Боиси ифтихори миллати тоҷик аст, ки бо ибтикор ва пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қатъномаи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба "Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" қабул гардид.

Вобаста ба ин, минбаъд ба масъалаҳои таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданию полезӣ аҳамияти бештар зоҳир мегардад, зеро баробари мавҷудияти захираҳои бойи оби нӯшокӣ дар Тоҷикистон бобати таъминот бо оби нӯшокию полезӣ дар аксар шаҳру ноҳияҳои вилоят танқисӣ ҷой дорад.

Дар мувозинаи КДФ "Обтаъминкунӣ ва канализатсия"-и шаҳру ноҳияҳои вилоят 182 чоҳи амудӣ ва 39 ҳавзи захиракунии об мавҷуд буда,

дарозии хатти оби нӯшокии дар мувозинаи ин корхонаҳо қарордошта 1798 км ва хатти ташноб 4500 км мебошад.

Ба аҳолии шаҳри Хуҷанд аз ҷониби корхонаи “Хуҷандобуканал” тавассути ду манбаи обтаъминкунӣ: рӯизаминӣ ва зеризаминӣ об расонида мешавад. Манбаи рӯизаминӣ аз оби сойи Хоҷабақирғон бо канали КДФ “Хоҷабақирғон” ва 12 чоҳи амудии захиравӣ бо об таъмин шуда, тавассути лӯлаи об ба шаҳри Хуҷанд интиқол дода мешавад. Инчунин, 2 ҳавзи захиравии ғунҷоишаш 1000 метри мукааб ва 2 ҳавзи ғунҷоишаш 6000 метри мукааб барои тахшинкунӣ ва интиқоли об хизмат мерасонанд. Иқтидори лоиҳавии истеҳсоли об дар як шабонарӯз 85000 метри мукааб мебошад. Дар мувозинаи корхона ҳамагӣ 85 чоҳи амудӣ мавҷуд мебошад.

Дар соли 2020 корхона ба аҳолии шаҳр ба миқдори 9775,5 ҳазор метри мукааб об расонида, 5278,0 ҳазор метри мукааб партовобро баровардааст. Маблағи умумии хизматрасонии корхона дар ин давра 22347,5 ҳазор сомониро ташкил намуда, ҳамагӣ 21394,7 ҳазор сомонӣ ҷамъоварӣ шудааст, ки 95,7 фоизро дар бар мегирад.

Баҳри беҳтар намудани вазъи таъминоти оби нӯшокии аҳолӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006, №514 “Барномаи беҳтар намудани вазъи таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020” тасдиқ гардида, дар натиҷаи татбиқи пурраи он масъалаи таъминоти оби нӯшокии аҳолии вилоят беҳтар мегардад. Илова бар ин, бо мақсади ба итмом расонидани корҳои сохтмонӣ дар иншооти обтаъминкунии “Чорқишлоқ-Шӯроб”-и шаҳраки Шӯроби шаҳри Исфара дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 ба КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” ҷудо намудани 13,0 млн. сомонӣ маблағ пешбинӣ шудааст, ки бо амалӣ гардидани лоиҳаи мазкур вазъи таъминоти об дар ин минтақа беҳтар мегардад.

Солҳои минбаъда дар ҳошияи иқдоми сатҳи ҷаҳонии Сарвари давлат оид ба эълон шудани “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” тавсеаи фаъолият дар самти таъмини аҳолии вилоят бо оби сифатноки ошомиданӣ назардошт шуда, инчунин, дар доираи татбиқи марҳилаи дуюми “Стратегияи миллли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, яъне “Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025” лоиҳаҳои гуногунҳаҷм татбиқ карда мешаванд.

Дар мувозинаи КДФ “Обтаъминкунӣ ва канализатсия”-и шаҳру ноҳияҳои вилоят 182 чоҳи амудӣ ва 39 ҳавзи захиракунии об мавҷуд буда, дарозии хатти оби нӯшокии дар мувозинаи ин корхонаҳо қарордошта 1798 км ва хатти ташноб 4500 км мебошад.

Шумораи умумии аҳолии марказҳои шаҳру ноҳияҳо 1568801 нафар буда, аз он 1284414 нафар ба оби тозаи нӯшокӣ пурра дастрасӣ доранд. Сатҳи таъминоти аҳолии маркази шаҳру ноҳияҳо, ки аз ҷониби КДФ “Обу канализатсия” бо об таъмин мешаванд, 81,9 (+1,5 % ё 14189 нафар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта) ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза нисбати соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон +79,5% (+-0%), Бӯстон +100,0%, Айнӣ 94,8%, Мастчоҳ 92,7%, Шаҳристон 90,5% (+-0%), Панҷакент 134,2%, Бобоҷон Ғафуров 86,0% (+-0%), Деваштич 74,5% (+0,6%), Кӯҳистони Мастчоҳ 83,0% (+-0%), Истаравшан 85,0% (+-0%), Хуҷанд 100% (+-0%) ба назар расида, шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ҷаббор Расулов 10,2%, Спитамен 19% (-23,2%), Зафаробод 44% (+-0), Ашт 66,5% (-0,2%), Исфара 53,9%, Истиқлол 83,9% (+-0%), Конибодом 37% (+1%) ташкил дода, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо барои ҷалби сармояи беруна ва дохила, соҳибкорони маҳаллӣ таъмин карда нашудааст.

**Қарзи истифодаи оби нӯшокӣ**

Дар давраи ҳисоботӣ ба аҳолӣ ба маблағи 11105780,1 ҳазор сомонӣ оби нӯшокӣ расонида, маблағи ҳаққи истифодаи об дар ҳаҷми 9776707,7 ҳазор сомонӣ ҷамъ оварда шудааст, ки ба 88,0 фоиз баробар аст. Бақияи қарзи оби истифодашуда ба санаи 1 январи соли 2021 1958651,5 ҳазор сомониро дар бар мегирад ки, нисбати аввали сол 3,3 млн.сомонӣ зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 17712 ҳаз.сомонӣ, Хуҷанд 3819353,0 ҳаз.омонӣ, Исфара 7037,7 ҳаз. сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров 1478678 сомонӣ, Бӯстон 1882600 сомонӣ, Ашт 715,4 ҳаз. сомонӣ, Истиқлол 825,3 ҳаз.сомонӣ, Мастчоҳ 52947,0 ҳаз.сомонӣ, Конибодом 474,4 ҳаз. сомонӣ, Гулистон 102084 ҳаз.сомонӣ, Панҷакент 635575 ҳаз. сомонӣ, Зафаробод 240,7 ҳаз. сомонӣ, Шаҳристон 42891 сомонӣ, ноҳияи Спитамен 11236,4 ҳаз.сомонӣ, Деваштич 99972 ҳаз.сомонӣ ва Айнӣ 6020,6 ҳаз.сомонӣ мавҷуд мебошад.

Қарзҳои калон аз истифодаи оби нӯшокӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Зафаробод, Истаравшан, Мастчоҳ, Конибодом, Ҷаббор Расулов, Исфара ва Бобоҷон Ғафуров мавҷуд буда, дар баробари ин, зиёдшавии қарз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Шаҳристон, Деваштич, Истиқлол ва Ҷаббор Расулов ба миён омадааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати кам намудани бақияи қарз چораҳои зарури адешида шавад.

15.2. **Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ**

Баҳри беҳтар намудани вазъи таъминоти оби нӯшокии аҳолӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006, №514 “Барномаи беҳтар намудани вазъи таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020” тасдиқ гардида, дар соли 2020 барои таъминоти оби нӯшокии аҳолии вилоят 10822,0 ҳазор сомонӣ маблағ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, ҷудо намудани маблағ аз буҷети мутамарказ

1633,5 ҳазор сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 1082,0 ҳазор сомонӣ, маблағҳои худӣ 540,5 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби сармоягузориҳо 7566,5 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шуда, дар шаш моҳи соли ҷорӣ ба маблаҳи 9868,8 ҳазор сомонӣ корҳо иҷро гардиданд, ки аз он 13,8 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷети мутамарказ, 1860,5 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷети маҳаллӣ, 368,0 ҳазор сомонӣ маблағҳои худии соҳа ва 7626,5 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби сармоягузориҳо мебошад.

Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, бо ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ соҳибкорони маҳаллӣ дар шаҳри Бӯстон ба роҳ монда шуда дар натиҷаи иваз намудани қубурҳои полиэтилени гуногун қутр ба миқдори 15 ҳазору 560 км таъминоти оби нӯшоки бо сифати стандарти ҷаҳони ҷавобгӯ таъмин намуда истодааст.

Дар шаҳри Панҷакент мутобиқи лоиҳаи "Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои Шимоли Тоҷикистон-2" аз тарафи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд корҳо идома ёфта, аз тарафи пудратчӣ ҶСК "Обёрии Данғара" қубурҳои қутрашон гуногун ба масофаи умумии 31757,5 метр хобонида шуданд, ки ҷамъи умумии маблағҳои корҳои иҷрошуда 991,4 ҳазор бо доллари ИМА ташкил медиҳад.

Дар давоми нӯҳ моҳи соли 2020 ба масофаи 4314 метр қубурҳои гуногунҳаҷм хобонида шуданд.

Аз аввали соли 2020 муҳаррикҳои таҷҳизотҳои обкашии пойгоҳҳо аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда, ҳамагӣ 287 адад садамаҳои шабакаҳои об ва 172 адад канализатсия аз ҷониби кормандони техникии корхона бартараф карда шуданд.

Баҳри беҳтар намудани таъминоти оби нӯшокӣ ба аҳолии маҳаллаҳои Самарқандӣ, Шодиёна ва Рӯдакӣ дар пойгоҳи обкашии Шарбат як адад таҷҳизоти обкашии иловагии Д200-90 бо муҳаррики 110 квт васл карда шуд. Дар натиҷа дар маҳаллаҳои номбаршуда танқисии оби нӯшокӣ бартараф карда шуд.

Дар доираи лоиҳаи "Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои шимолии Тоҷикистон-2" бо маблағгузории Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд дар асоси созишномаҳои қарзӣ ва грантии ба имзорасида ба ноҳияи Шаҳристон 3,8 миллион доллари ИМА ҷудо гардидааст, ки аз он 1,7 миллион доллари ИМА маблағҳои қарзӣ ва 2,1 миллион доллари ИМА маблағҳои грантиро ташкил медиҳад.

Дар соли 2017-ум лоиҳаи "Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои шимолии Тоҷикистон-2" дар ноҳия оғоз гардида, аз тарафи ширкати пудратии ҶДММ "Сохтмон"-и ноҳияи Мастчоҳ карордод ба маблағи 1763,79 ҳазор доллари ИМА, ё ин ки 15 млн 600,7 ҳазор сомонӣ ба имзо расида, дар давраи ҳисоботӣ корҳои сохтмонӣ ба маблағи 12 млн сомонӣ ба иҷро расонида шуда, корҳои сохтмонӣ идома дорад.

Дар ноҳияи Ашт ҷиҳати таъмини мунтазами аҳолӣ бо оби тозаи нушокӣ аз тарафи корхонаҳои соҳавии ноҳия баҳри беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи нушокӣ дар нӯҳ моҳи соли 2020 ба маблағи 109,6 ҳазор сомонӣ корҳои таъмирии иншоотҳои обрасонӣ гузаронида

шудааст. Аз ҷумла, таъмири чории 4 адад чоҳҳои амудӣ, 1 адад обамбори захиракунӣ ва хатти қубури обгузар гузаронида шудааст

Дар шаҳри Истиқлол дар ин давра сохтмони бинои нави маъмурӣ барои Идораи обу ташноби шаҳр оғоз гардида, корҳои бунёдӣ бо маром идома доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар кӯчаҳои шаҳри Конибодом дар кӯчаҳои шаҳр зиёда аз 5780 м қубурҳои гуногунҳаҷми хатти оби нӯшоки ба маблағи 345620 сомонӣ хобонида шуд.

Барои саривақт таъмин намудани оби нӯшокӣ 1 адад насоси обкашии чоҳҳои амудӣ аз таъмир баровarда шуда, 1 адад насоси ЭЙВ-8-78-40 дар чоҳи амудии дармонгоҳ иваз карда шуд.

Инчунин лоиҳаи барқарор намудани системаҳои оби нушокии ноҳия, ки аз тарафи Бонки Аврупо моҳи декабри соли 2012-ум ба маблағи 3 миллиону 450 ҳазор доллари ИМА таҳия ва тасдиқ карда шудааст, марҳилаи якуми сохтмони он ба маблағи 1 миллиону 650 ҳазор доллари ИМА аз моҳи августи соли 2017 аз шаҳраки Зафаробод оғоз гардид ва корҳо дар ин самт идома дорад, ки то имрӯз зиёда аз 48,6 км қубурҳои нави магистралии хатти оби нушокӣ, 221 адад колодесҳо, 48 адад задвиҷкаҳо, 76 адад мурбатҳо (винтелҳо) гузаронида шуда барои интиқоли оби нӯшокӣ омода карда шуд. Аз моҳи октябри соли 2019 сохтмони марҳилаи дуюми лоиҳаи мазкур оғоз гардид, ки сохтмони 1 адад ҳавзи оби тоза, 1 адад чоҳи амудии 140 метра дар РЧВ “Бахт”-и шаҳраки Зафаробод ва 1 адад чоҳи амудӣ, барқарор сохтани ҳудуди иншоот, 1 адад ташхисгоҳ дар шаҳраки Зафаробод, 1 адад чоҳи амудии 80 метра, 1 адад ташхисгоҳ, барқарор сохтани ҳудуди иншоот дар шаҳраки Меҳнатобод, ба нақша гирифта шудааст. Инчунин гуфтан ба маврид аст, ки ҷойҳои асфалтҳои кандашуда ба миқдори 10700 $м^2$ аз нав асфалтпӯш карда шуд.

Дар ин муддат барои дастрасии аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ, корхона аз ҳисоби худ ба миқдори 500 метр қубури полиэтиленӣ ҷудо кард, ки аз он зиёда 85 оилаҳои хонаҳои навбунёди ҷамоати шаҳраки Зафаробод бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин гардиданд. Аз ҳисоби Лоиҳа 2200 метр қубурҳои полиэтиленӣ васл гардид, ки дар ин ҷода корҳо давом дорад.

Дар деҳаҳои Бахт ва Логини ҷамоати шаҳраки Зафаробод тибқи Лоиҳа васли ҳисобкунакҳои обӣ оғоз гардид. Барои пайваст кардани ҳисобкунаки обӣ 3400 метр қубури полиэтилении Д63 ва 8500 метр қубури полиэтилении Д20 васл карда шуд.

Мавриди зикр аст, ки дар асоси Барномаи мазкур аз тарафи ҶДММ “Сичиён” ва субподрятчик Электрогидромаш магистрали асосии обтаъминкунии шаҳр ба масофаи 16200 метр ба маблағи пешаки 3 млн 610 ҳазор сомонӣ бо қубурҷои полиэтилении қутрашон 63; 110; 160 ва 225 мм иваз карда шудаанд, яъне: d-225 мм, дар кӯчаи Октябр ба масофаи -2586 метр, d-160 мм дар кӯчаҳои Дилкушо Гулистон, Фабрики, Дӯсти ба масофаи 1957 метр d-110 мм дар кӯчаҳои Октябр хонаи таълим ва истироҳат, Х. Раҷаб, Дилкушо, Миҷрон, Ҳ. Неъматов, Дӯсти, (Чулочка), Дӯсти (Ободи) Варзишгои, ва КДФО ва К ба масофаи 5766

метр, d-63 мм дар кӯчаҳои  Октябр ва МИҲД ба масофаи  217 метр, маҳаллаи Гулистон ба масофаи 1800 метр ва ғайра мебошад.

Барои кофтани чоҳҳои амуди ПМК-43-и ноҳияи Б Гафуров ба маблаги пешаки 579 ҳазор доллари америкои ғолиби озмуни комиссияи тендери гардида ба кофтани 6- адад чоҳҳои амудӣ расман оғоз бахшид.

Ҳамаи чоҳҳои амуди кофта шуда корҳои пайвасткуни қубурҳои полиэтилини, насосҳои обкашӣ, трансформатору таҷҳизотҳои барқӣ идома дорад.

Баъди ба истифода додани чоҳҳои амуди аҳолии шаҳр ба пуррагӣ бо оби нӯшоки таъмин мегардад.

Барои васли ҳисобченкунакҳои оби аз тарафи ширкати ҶДММ “Суғд Барқсохтмонлоиҳакаш”-и шаҳри Хуҷанд бо маблағи пешак 800 ҳазор доллари америкои васли ҳисобченкунакҳои обӣ шурӯъ гардида  дар маҳаллахонҳои Гулистон, Айнӣ, Навобод, ва Дилкушо зиёда аз 2100 адад ҳисобченкунак васл гардид. Ҳоло дар шаҳраки 13-ум ва маҳаллаи Зафар васли ҳисобченкунакҳои оби идома ёфта истодааст.

Бо мақсади таъмини самараноку оқилона истифода бурдани обӣ нӯшокӣ то имрӯз ҳамаи ташкилотҳои буҷавӣ ва корхонаҳои худмаблағгузор 100% бо ҳисобченкунаки оби таъмин гардидаанд.

Дар доираи Барнома ба корхонаамон чунин техникаву, механизм, таҷғизотҳои зерин бо дастгирии директори генерали КВД «ХМК» Ҷумҳурии Тоҷикистон ва БАТР 8 адад техникаҳо ба маблағи 1,755,2 ҳазор сомонӣ, як бастаи таҷҳизоти лаборатори барои ташхисгоҳ ба маблағи 326, 3 ҳазор сомонӣ, 4100 адад ҳисобкунакҳои оби ба маблағи 2,252,4 ҳазор сомонӣ,  9 адад механизмҳо ба маблағи 224,9 ҳазор сомонӣ ворид шуда онҳо дар истеҳсолот истифода шуда истодаанд.

Барои баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ бояд қайд намуд, ки марҳилаи 3-юми лоиҳаи “Беҳтаргардонии вазъи таъминоти оби нӯшокӣ ва партовоби шаҳри Хуҷанд” амалӣ гардида истода, аз оғози татбиқи ин лоиҳа 8447,04 ҳазор доллари амрикоӣ азхуд карда шудааст, ки 1030,21 ҳазор доллари он ба давраи ҳисоботӣ рост меояд.

Дар доираи Лоиҳаи мазкур дар давраи ҳисоботӣ 12,84 км қубурҳои обгузар, 8,96 км қубури партовоб иваз, 4 адад техника, 12 адад обченкунакҳои ҳаҷмашон калон харидорӣ карда шуда, 2 адад завод бо лавозимоташ таҷҳизонида шуд.

Инчунин дар доираи ин Лоиҳа 2 адад нақлиёти минигрузовик “ЛАБО”, 1 адад трактор Т-82, 1 адад присеп 2 ПТС 4,5 бо лавозимотҳо ва 1 адад генератори мобилӣ бо қисмҳои эхтиётиашон ворид карда шуданд.

Ташхисгоҳи оби нӯшокӣ ва ташхисгоҳи партовоби коргоҳ ба пуррагӣ таъмири капиталӣ карда шуда, ба миқдори 67 адад таҷҳизот, 54 адад курсию ҷевлн, 3 адад компютер, 2 адад принтер ва адад аппарати аксбардорӣ харидорӣ намуда, ҳамаи таҷҳизотҳо таҷҳизонида шуданд.

Вобаста ба даҳсолаи байнамиллалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” ҷиҳати сармоягузорӣ ба ин соҳа лоиҳаҳо дар ҳолати омодагӣ қарор дошта, тибқи нақшаи алоҳида дар иншоотҳои корхонаи воҳиди давлатии “Хуҷандобуканал” корбарӣ шуда истодааст.

Баҳри таъмини аҳолии маҳаллаҳои навбунёди соҳили рости шаҳр дар асоси лоиҳаи "Хатти обрасонӣ аз чашмаи Деҳмойи ноҳияи Ҷаббор Расулов ба шаҳри Хуҷанд, ноҳияҳои Ҷаббор Расулов, Бобоҷон Ғафуров ва шаҳри Хуҷанд" корҳои сохтмонию васлгарӣ давом дода шуда истодааст.

Барои соли 2020 бо ин мақсад 6,0 млн. сомонӣ аз буҷети мутамарказ маблағ пешбинӣ шудааст. Маблағгузории сохтмони иншоот сари вақт таъмин гардида, корҳои воқеии иҷрошудаи нӯҳ моҳи соли 2020-ум 4001,72 ҳаз. сомонӣ ё 66,7 фоизи корҳои нақшавиро ташкил дод.

Маврид ба зикр аст, ки бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2006, №514 "Дар бораи беҳтар намудани таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020" тибқи қарорҳои дахлдори раиси шаҳр барои сохтмони "Иншооти обтаъминкунии аҳолии маҳаллаи Чашмаи Арзанаи 1,2,3" барои соли 2019-2020 аз буҷети маҳаллӣ 5370,0 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо карда шуда, дар давоми соли 2019 ба маблағи 2,5 млн. сомонӣ корҳои азхудкунӣ ба иҷро расонида шуда, дар давоми нӯҳ моҳи соли ҷорӣ бошад, ба маблағи 400,0 ҳазор сомонӣ корҳо ба иҷро расонида шудааст.

15.2. (15.3.) **Таъмини иҷрои Барномаиислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои** 2016-2020

Ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №791 ва "Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025" чораҳои амалӣ андешида шуда истодааст.

Дар асоси лоиҳаи "Барномаи беҳтаргардонии вазъи таъминоти оби нӯшокӣ ва рафъи партовоби шаҳри Хуҷанд" марҳилаи 3-юм дар шаҳраки Обшорон иншооти обдиҳӣ азнавсозӣ карда шуда, 4 адад чоҳи амудӣ аз қуму лой тоза карда шуда, бо насоси нав таҷҳизонида, 8 адад лӯкидон, 240 метр қубури обболобардор, 750 метр ноқили барқӣ, 4 адад сипари барқӣ ва 2 адад трансформатор таҷҳизонида шуд. Инчунин дар иншооти бардошти дуюм 3 адад насоси обкашии горизонталӣ, 3 адад сипари барқӣ, қубурҳои оҳанини Д-219 мм, Д-270 мм, ва Д-325 мм ба миқдори 24 метр таҷҳизонида шуд. Барои ивази қубурҳои кӯчаҳои шаҳрак ба миқдори 12,8 ҳазор метр қубурҳои ПЭ, 78 адад чоҳак харидорӣ намуда, дар ҳамаи кӯчаҳои шаҳрак ба миқдори 12,8 ҳазор метри тӯлонӣ қубурҳо хобонида шуд. Ба миқдори 82 адад қуттиҳои обченкунак сохта дар маҳаллаҳо таҷҳизонида аз қуттии обченкунак то пайвасти қубури муштариён ба миқдори 39,3 ҳазор метр қубури Д-25 мм-раи ПЭ хобонида шуд.

Ташхисгоҳи оби нӯшокӣ ва ташхисгоҳи партовоби коргоҳ ба пуррагӣ таъмири капиталӣ карда шуда, дар 10 адад чоҳакҳои нуқтаҳои обтаъминкунӣ механизмҳои замонавӣ, яъне обченкунакҳои калонҳаҷм таҷҳизонида шуда, дар 19 адад нуқтаҳои обгирӣ, фишоробченкунаки электронӣ насб гардид.

Аз тарафи ташхисгоҳи оби нӯшокӣ ва ташхисгоҳи партовоб барои таъмин ва ҳифз намудани оби нӯшокӣ, муҳофизати муҳити зист, мувофиқи меъёр ва қоидаҳои амалкунанда дар давраи ҳисоботӣ 2042 адад намунаҳои

оби нӯшокӣ ва ташнобро гирифта, 15211 адад санҷишҳои кимёвию бактериологӣ гузарониданд.

Дар шаҳри Истаравшан чунин техникаву, механизм, таҷҳизотҳои зерин бо дастгирии директори генерали КВД «ХМК» Ҷумҳурии Тоҷикистон ва БАТР 8 адад техникаҳо ба маблағи 1,755,2 ғазор сомони, як бастаи таҷҳизоти лаборатори барои ташхисгоҳ ба маблағи 326, 3 ғазор сомони, 4100 адад ҳисобкунакҳои оби ба маблағи 2,252,4 ғазор сомони, 9-адад механизмҳо ба маблағи 224,9 ҳазор сомони ворид шуда онҳо дар истеҳсолот истифода шуда истодаанд. Дар натиҷаи ивазкунии қубурҳо таъминоти аҳолии шаҳр бо оби тозаи нӯшоки ба 87% расонида шуда корбари дар ин самт бо суръат идома дорад.

Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ дар шахри Гулистон давоми соли 2020 дар шаҳру шаҳракҳо таъмири 5,9 км хатти қубурҳои обгузар ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, 1,2 км таъмири асосӣ, 4,7 км таъмири ҷорӣ ва 3,4 км кашидани хатти нави оби нӯшокӣ мебошад. Инчунин, таъмири 4 ҳавзи захиравӣ ва 7 чоҳи амудӣ ба нақша гирифта шудааст. Барои иҷрои корҳои зикршуда, сарфи 1,5 миллион сомонӣ маблағ пешбинӣ гардидааст. Дар давраи ҳисоботӣ 1,1 км таъмири асосӣ, 4,5 км таъмири ҷорӣ, 1,7 км хатти нави обгузар гузаронида шуда, 10 адад чоҳи амудӣ ва 2 ҳавзи захиравӣ аз таъмир бароварда шуд, ки 95 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад.

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ**

15.4. (15.4.) **Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ**

15.4. **Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии "Шуғли сабз", вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ (Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои** 2019-2021 "**Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" банди** 30 );

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 28 партовгоҳи партовҳои сахти маишӣ ва 24 партовгоҳи истеҳсолӣ мавҷуданд. Партовгоҳи партовҳои сахти маишии шаҳри Хуҷанд мувофиқи Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Хуҷанд» бо дастгирии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, таҷдид ва азнавсозӣ гардида истодааст. Аксари партовгоҳҳо аз солҳои пеш истифода мешаванд, ки иқтидори ғунҷоиши онҳо пурра истифода шудааст.

Дар ҷодаи тоза нигоҳ доштани мавзеи шаҳр, ҷорӣ намудани ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ корҳои муайян ба сомон расонида шуда, аз тарафи КВДК "Хизматрасонии нақлиёти санитарӣ"-и шаҳри Хуҷанд ба маблағи 2995,0 млн. сомонӣ партов ба аҳолӣ ва 1020,1 ҳазор сомонӣ ба корхонаву ташкилотҳо хизмат расонида шудааст.

Дар шаҳри Хуҷанд як адад партовгоҳи умумишаҳрӣ ва 175 нуқтаҳои муваққатан ҷамъоварии партовҳо мавҷуд буда, бо 900 адад қуттиҳо таҷҳизонида шудааст, ки инҳо дар мувозинати КВДК "Хизматрасонии нақлиёти санитарии шаҳри Хуҷанд" мебошад

Дар шаҳр ҷиҳати ба танзим овардану назорат аз ҳолати беҳдошти мавзеъҳои кабудизоргашта ва ҳолати дарахтони ҳамешасабзу ороишӣ, аз ҷониби фаъолон, аз ҷумлаи донишҷӯён ва хонандагони фаъол ба маҳфилҳои табиатдӯстон ва ҳаракатҳои "Шуғли сабз" шомил буда, дар ин самт барои ҳифзи муҳити зист саҳмгузорӣ карда истодаанд.

Дар шаҳри Исфара дар ин раванд 6 адад техникаҳои махсуси коммуналӣ, 5 адад таҷҳизоти таъмирӣ ва ёрирасон, 7 адад таҷҳизоти лабораторӣ ҷиҳати беҳтар ба роҳ мондани санҷиши оби нӯшокӣ, як адад трактор харидорӣ шуда, заминаи моддиву техникии қитъаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳр пурқувват гардид. Дар маҷмӯъ, аз оғози татбиқи лоиҳа 2,82 млн доллари ИМА азхуд карда шудааст.

Мушкилиҳо: ҷиҳати саривақт баровардани партовҳои сахти маишӣ дар ноҳияҳои Ашт, Айнӣ нарасидани техникаи корӣ, автомашинаҳои партовкашонӣ, қуттиҳои партовпартоӣ, сохтани партовгоҳ мебошад.

Дар доираи амалишавии «Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» дар сохторҳои намояндагии КВД «Хоҷагии манзилию коммунали»–и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд корҳои таъмир ва барқарор намудани партовгоҳҳо ба маблағи 272,1 ҳазор сомонӣ, харидории 35 адад техника ба маблағи 1652,9 ҳазор сомонӣ, таъмир ва харидории 215 қуттии партовҷамъкунӣ ба маблағи 228,4 ҳазор сомонӣ, таъмир ва барқарор намудани зиёда аз 100 нуқтаи партовҷамъкунӣ ба маблағи 170,4 ҳазор сомонӣ иҷро карда шудааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ҳамкорӣ бо КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" ҷиҳати ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳо барои фаъолияти корхонаҳои "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" , ҷумла ҷиҳати саривақт баровардани партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳияҳо, нарасидани техникаҳои корӣ, автомашинаҳои партовкашонӣ, қуттиҳои партовпартоӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

## 16. Таъмини устувори экологӣ

**Нишондодҳои пешакии таъмини устувори экологӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ**, 16.1. (16.1., 16.2.) **Пешгирии ҳолатҳои фавқулода**, 16.2. (16.3.) **Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқарраргардида**, **арзёбӣ гардиданд**.

### 16.1. (16.1.,16.2.) Пешгирии ҳолатҳои фавқулода

16.1. **Корҳои анҷомдодашуда оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо**

Баҳри пешгирии ифлосшавии муҳити зист, ҷамъоварӣ, истифода, безарагардонӣ, интиқол, нигоҳдошт ва гӯронидани партовҳои истеҳсолӣ ва маишӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 25 партовгоҳи истеҳсолӣ ва 30 партовгоҳи партовҳои сахти маишӣ фаъолият дошта, 731 нуқтаи ҷамъоварии муваққатии партовҳо ва зиёда аз 1800 қуттии махсуси

партовҷамъкунӣ ташкил карда шудааст. Инчунин, бо мақсади риояи муҳлат ва шарту усулҳои безараргардонӣ, интиқол, нигоҳдошт ва гӯронидани партовҳои истеҳсолӣ ва маишӣ фаъолияти мунтазами 113 техникаи махсус ба роҳ монда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ баҳри иҷрои «Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020» ва талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» ва «Дар бораи маърифати экологӣ» корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ташвиқоту тарғибот ба роҳ монда шудааст.

Дар соли ҷорӣ дар вилоят вобаста ба таъминот бо оби полезӣ, бахусус тавассути ҷамъоварии оби борон ва мутобиққунии фаъолияти кишоварзӣ дар минтақаҳои осебпазири наздикӯҳӣ ва баландкӯҳ бо дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд корҳои назаррас анҷом дода шуданд.

Аз ҷумла, дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои Деваштич, Шаҳристон, Панҷакент, Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Ашт, Исфара ва Бобоҷон Ғафуров дар самти таъминот бо оби полезӣ, ҳимояи аҳолӣ ва зироатҳо аз фаромадани сел, бунёди боғҳо, кишти картошкаю дигар зироатҳо ва ҳимояи зироатҳо аз ҳашароти зараррасон лоиҳаҳои гуногун татбиқ гардида истодаанд.

Вобаста ба пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва рафъи оқибатҳои ҳодисаҳои фавқулода Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодаи вилоят мунтазам корбарӣ намуда, тавассути воситаҳои ахбори омма шаҳрвандонро аз эҳтимолияти сар задани ҳолатҳои фавқулода хабардор менамоянд.

Дар асоси талаботи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” ба роҳ монда шудааст. Дар ин давра аз 63 объектҳои санҷидашуда, 15 адад соҳаи об, 16 адад соҳаи наботот, 32 адад соҳаи партов, дида баромада шуд. Дар ин давра шумораи протоколҳои ҳуқуқвайронкуни маъмури тартиб додашуда 66 адад буда ва инчунин 66 адад қарор қабул карда шудааст. Маблағҳо аз ҳисоби ҷаримаҳо пешниҳодшуда 9,2 ҳазор сомонӣ буда ба маблағи 6,9 ҳазор  сомонӣ ситонида шудааст.

Баҳри иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.03.2011 сол, №97 “Дар бораи тадбирҳо дар оиди ташкил намудани системаи безараргардони, ҷамъовари, нигоҳдори, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор” корҳои муайяне  ба сомон расонида шуд.

Баҳри пешгирӣ ва бартарафкунии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда «Нақшаи чорабиниҳои асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба масъалаҳои мудофиаи гражданц, огоҳонидан ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар соли 2020» таҳия гардидааст.

Дар ҳудуди ноҳияи Ҷаббор Расулов 11-паногоҳҳои зидди радиатсионӣ ва 4-адад таҳхона ва 4 адад таҳхонаҳои иловагӣ мавҷуд мебошад, ки дар асоси нақша  дар  нуҳ моҳи соли 2020,  10 адад аз таъмир баровarda шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди ноҳия ҳодисаҳои фавқулоддаи хусусияти табиидошта ба қайд гирифта нашудааст.

Дар Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия бо шахсони масъул, роҳбарон, фаъолон ва аҳолӣ оид ба фаҳмондадиҳии қонун ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мудофиаи граждани ва ҳолатҳои фавқулодда вохӯриҳо гузаронида шуда, мардум огоҳонида шуда истодааст.

Бо ҳайати комиссияи ҳудудии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот маҷлиси машваратӣ оид ба пешгирии ҳолатҳои фавқуллодда дар минтақаҳои хавфнок, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва аксияи тозагии соҳил ташкил ва гузаронида шуд.

Дар ин чорабинии мазкур 185 нафар шаҳрвандон ва ҳашарчиён иштирок намуда 24,8 км ҷуйбор, 4,5 км соҳили каналҳо, 2 км соҳили заҳбуру заҳкашҳо, 0,65 км соҳили селроҳахо тоза карда шуд. Дар натиҷа зиёда аз 15 метри мукааб партовҳо бароварда шудааст.

Инчунин дар сойҳои селгузари Исфанасой ва Томчисой бо дастгирии мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии ноҳия якҷоя бо Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия 3 маротиба аксияи "Тозагии соҳил" гузаронида шуд.

Дар ноҳия дар ин давра инчунин 4 ҳолати фавқулоддаи хусусияти табиидошта ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷаи офати табиӣ 1 нафар фавтидааст.

Дар соли 2020 дар ҳудуди шаҳри Конибодом ҳамагӣ 24 ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти таббӣ ва техногенӣ дошта ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷа 5 нафар шаҳрвандон ба ҳалокат расида, 2 нафар шаҳрвандон ҷароҳати ҷисмони бардоштанд. Маблағи умумии зарари расонидашуда 924ҳазору 350 сомониро ташкил дода, аз тарафи хадамоти сӯхторхомушкунӣ 2м 630 ҳазор сомонӣ эмин нигоҳ дошта шудааст. Аз он ҷумла:

Ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ дошта ҳамагӣ 1 ҳодиса ба қайд гирифта шудааст. (то 15.09.2020).

Ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти техногенӣ дошта, ҳамагӣ 23 (20 сӯхтор ва 3 садамаи нақлиётӣ) ба қайд гирифта шудааст, ки дар натиҷа 5 нафар ҳалок гашта, 2 нафар ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардошта, дар беморхона бистарӣ гаштаанд

Дар ноҳия деҳаҳои Овчӣ, Угук, Метки Ҷамоати деҳоти Ваҳдат, деҳаҳои Сурхобча, Сурхоб ва Качровути Ҷамоати деҳоти Исмоили Сомонӣ, деҳаҳои Росровут, Хишекат, Офтобрӯ ва Даҳкати Ҷамоати деҳоти Росровут дар минтақаҳои хавфнок ҷойгир мебошанд, ки шумораи шумораи умумии деҳаҳои номбаршуда аз 30 000 нафар зиёд мебошанд. Корҳои кабудизоркунӣ, шинонидани ниҳолҳо дар ҳудуди Ҷамоатҳои деҳоти мазкур ҳамасола тибқи нақшаи алоҳида ба роҳ монда мешаванд.

Бо мақсади таъмини ҳифзи аҳолӣ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар шаҳракҳои шаҳри Гулистон бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ аз тарафи Корхонаи воҳиди давлатии хоҷагии манзилию коммуналии шаҳр ва корхонаю ташкилотҳо як қатор корҳо ба анҷом

расонида шуд. Аз ҷумла, дар шаҳраки Адрасмон дохили сойи “Қаромазорсой” бо дарозии 180 метр аз сангу шағал тоза карда шуда ва дар деҳаи Гулдараи ҷамоати шаҳраки Адрасмон, соҳили руди Тариэкан бо истифодаи сангҳои калонҳаҷм ва арматура бо дарозии 45 метр соҳил мустаҳкам карда шуд. Инчунин дар шаҳраки Зарнисор бо дастгирии ҶДММ “Ширкати саноати-кӯҳии Тоҷикистону Хитой” тариқи ҳашарҳои дастаҷамъона зиёда аз 100 метр “Касканасой” тоза карда шуд. Дар шаҳраки Навгарзан 3 купрӯки (пули) худсози маҳаллӣ, ки аз боронгариҳои зиёд хароб гардида буд, тариқи ҳашар пурра таъмир карда шуданд.

Бо мақсади иҷрои бандҳои “Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020 дар шаҳру шаҳракҳо бо аҳолӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳо, омӯзгорон ва хонандагон 6 маротиба вохӯрӣ оид ба “Тозагии маҳал”, “Нигоҳдории минтақаҳои кабудизоркардашуда”, “Тарзи нигоҳ доштан ва ҷамъоварӣ намудани лампаҳои каммасрафи симобдор”, ва “Об омили асосии рушди устувор” ташкил ва баргузор карда шуд.

Дар ноҳияи Шаҳристон, дар деҳаҳои Ҳисор ва Ободии Ҷамоати деҳоти Бунҷикат, дар деҳаҳои Турсунзода, Фирдавсӣ ва маҳаллаи Шокирободи деҳаи Шаҳристони Ҷамоати деҳоти Шаҳристон бо мақсади омӯзиш ва корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати пешгирӣ ва огоҳ намудани аҳолӣ аз офатҳои табиӣ дар мавсими боришотҳо дар минтақаҳои хатарноки ҳудуди ноҳия вохӯриҳо гузаронида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо таҳти назорат қарор дода шуда, заминҳои ба эрозия дучоргардида дар ноҳия ошкор карда нашудааст.

Дар ноҳияи Ашт тибқи нақшаи корӣ руйхати 14 адад минтақаҳои хавфноки ноҳия тартиб дода шудааст, ки дар он 436 хоҷагӣ ҷойгир буда, 2124 нафар аҳолӣ истиқомат мекунанд.

Дар ноҳия 7 селроҳаи асосӣ Долонасой, Даҳанасой, Понғозсой, Ошобасой, Ғудоссой, Аштсой ва Пунуксой мавҷуд мебошад.

Бо мақсади пешгирӣ намудани офатҳои табиӣ, комиссияи ҳудудии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ба ҳамаи роҳбарони сохторҳои дахлдор ва раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ҷиҳати огоҳонидани аҳолӣ, дар ҳолати омодагӣ қарор доштан ва андешидани чораҳои зарурӣ барои саривақт бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда вазифагузорӣ намудааст.

Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои фавқулодда дар мавзеъҳои эҳтимолии рух додани селу обхезиҳо ва сойҳои селгузар бо истифода аз техникаҳои муҳандисии Муассиссаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгардии ноҳия ва дастгирии сокинони маҳаллӣ корҳои муайян ба иҷро расонида шуданд. Дар Ҷамоати деҳоти Понғоз дар деҳаи Саро 700 метр ва деҳаи Бободархон 300 метр селроҳа аз қуму шағал тоза карда шуд. Инчунин дар деҳаи Бободархон 100 метр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз семент ва арматура аз тарафи соҳибкорӣ маҳаллӣ анҷом дода шудааст. Дар Ҷамоати деҳоти Ориён, бо дастгирии сокинони деҳаҳои Янгиобод, Лаби

дарё ва Гулистон дар мавзеҳои осебпазири иншооти зидди сел (дамба) дар масофаи 400 метр селроҳа корҳои пешгирикунанда гузаронида шуд. Дар Ҷамоати деҳоти Ашт бо дастгирии сокинон дар масофаи 700 метр селроҳа аз қуму шағал тоза карда шудааст. Дар Ҷамоати деҳоти Пунук, бо дастгирии сокинони маҳаллӣ дар ҳудуди деҳаҳои Даҳана ва Пунук 750 метр селроҳа аз қуму шағал тоза карда шудааст.

Дар Ҷамоати шаҳраки Шайдон, деҳаҳои Кулихоҷа ва Муломир бо истифода аз 150 литр сӯзишвории дизелии аз ҳисоби захираҳои моддии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҷудогардида ва техникаи муҳандисии Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия, инчунин бо дастгирии сокинони деҳаҳои болоӣ, дар масофаи 500 метр корҳои пешгирикунанда гузаронида шуд.

Дар қаламрави вилоят вобаста ба таъминот бо оби полезӣ, бахусус тавассути ҷамъкунии оби борон ва мутобиқ намудани фаъолияти кишоварзӣ дар минтақаҳои осебпазири наздикӯҳӣ ва баландкӯҳ, бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд корҳои назаррас анҷом дода шуданд.

Аз ҷумла, дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Гулистон, Панҷакент, Исфара, Конибодом, Айнӣ, Ҷаббор Расулов, Зафаробод ва Бобоҷон Ғафуров дар самти таъминот бо оби полезию нӯшокӣ, ҳимояи аҳолӣ ва зироатҳо аз фаромадани сел, бунёди боғҳо, кишти картошкаю дигар зироатҳо ва ҳимояи зироатҳо аз ҳашароти зараррасон лоиҳаҳои гуногун татбиқ гардида истодаанд.

Вобаста ба пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва рафъи оқибатҳои ҳодисаҳои фавқулода Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодаи вилоят мунтазам корбарӣ намуда, тавассути воситаҳои ахбори омма шаҳрвандонро аз эҳтимолияти сар задани ҳолатҳои фавқулода хабардор менамоянд.

Баҳри корҳои анҷомдодашуда вобаста ба соҳил мустаҳкамкунӣ ва тозаю озода нигоҳ доштани манбаи об чораҳои амалӣ андешида шуда, дар ин давра бо ҷалби зиёда аз 9,8 ҳазор нафар шаҳрвандон 22 маротиба аксияҳои “Тозагии соҳил” гузаронида шуда, соҳилҳои дарё аз алафҳои худрӯй ва ҳаргуна партовҳо тоза карда шуда, зиёда аз 78,9 метри мукааб партовҳо бароварда шуд.

Дар самти таъмини устувории экологӣ ҷиҳати кабудизоркунӣ дар кӯчаю хиёбонҳо ва майдонҳои ҳудуди шаҳр чораҳои амалӣ андешида шуда, дар натиҷа 4695 адад дарахтони ороишии сояафкани ҳамешасабз, 1014,6 ҳазор дона гулҳои ҳархелаи ороишӣ, 43,6 ҳазор адад виола, 2500 адад хризантема, 72,0 ҳазор адад буттагули садбарг, 37,6 ҳазор дона канна, 150,0 ҳазор дона қаламчаи гули садбарг, 481,2 ҳазор дона пиёзаки гули лола шинонида шуда, таҳти нигоҳубин қарор дорад.

Инчунин дар давра ва миёнароҳи хиёбони Истиқлолият, миёнароҳ ва паҳлумайдони микроноҳияи 8-12 то корхонаи “Сано”, хиёбони И. Сомонӣ, назди бинои ”Таҷ Сити”, хамгашти кӯчаи Гагарин, С.З. Раҷабовҳо, назди майдони Хоҷа Камол 1150,0 кг ҷав ва 128 кг тухми алафи ҳамешасабз кошта, нигоҳубин карда шуда истодааст.

Илова бар ин, ҷиҳати таҷлили Иди Наврӯзи соли 2021 ва “Сайри гули лола” дар тирамоҳи соли 2020 154 адад дарахтони нодир ба монанди кастона, кипарис, магнолияи 8-10 сола, ардач, туя, бируҷина, 295,9 ҳазор дона тухми гули лола, 9350 адад виола ва 55,0 ҳазор дона қаламчаи гули садбарг шинонида шуда, дар ин самт корбарӣ идома дорад.

Бояд қайд намуд, ки дар ин давра аз тарафи корхонаву ташкилотҳо, мактабу донишкадаҳо ва соҳибкорон дар маъракаҳои шанбегӣ 1268 адад дарахтони ороишӣ, 16,5 ҳазор дона гулҳои ороишӣ ва 5,0 ҳазор дона қаламчаи гули садбарг шинонида шуданд.

Масофаи дарёи Сир, ки аз байни шаҳр мегузарад 10 километрро ташкил дода, ду тарафи соҳили он бо бетонҳои махсус мустаҳкам карда шудааст ва хавфи рахнашавиро надорад.

16.2. **Оилаҳое, ки дар минтақаҳои хафнок зиндагонӣ мекунанд**

Дар соли 2020 дар ноҳияи Шаҳристон, деҳаҳои Шаҳристон, Турсунзода, Ҳисор, Истиқлол, Темурмалик, Себзор, Саробӣ, Ободӣ ва Фирдавӣ дар минтақаҳои хавфноки сойҳо ҷойгиранд корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ аз ҷониби масъулини соҳа бо ҷалби аҳолии деҳаҳо ба роҳ монда шуд.

Дар шаҳри Хуҷанд дар самти пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда бояд қайд намуд, ки 1101 оилаҳо дар маҳаллаҳои сатҳи оби зеризаминиашон баланд мешуда, аз ҷумла, кӯчаи 1 майи хиёбони Раҳмон Набиев ва маҳаллаи “Раззоқ” истиқомат доранд.

Бояд зикр намуд, ки дар соҳили рости дарёи шаҳр 10 адад селроҳаҳо мавҷуд мебошад, ки дарозии онҳо тақрибан 31680 метрро ташкил медиҳад.

Дар асоси қарори раиси шаҳр аз маҳаллаи 1-Май 49 оила ҳамчун муҳоҷирони экологӣ эътироф гардида, марҳила ба марҳила бо заминҳои наздиҳавлигӣ таъмин шуда истодаанд. Ҳамзамон 3 оилаи муҳоҷирони экологии соли 2019 заминҳои наздиҳавлигӣ дода, шуда, сохтмони манзили онҳо таҳти назорат мебошад. Инчунин барои боз 3 нафар муҳоҷирони экологӣ қарори Раиси шаҳр “Дар бораи додани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба оилаҳои эҳтиёҷманд ва муҳоҷирони экологӣ” ба тавсиб расид.

Дар шаҳракҳои тобеи шаҳри Гулистон 548 оилаҳое, ки дар минтақаи хавфнок истиқомат мекунанд ба қайд гирифта шудааст. То ин давра чор хоҷагӣ аз деҳаи Навободи шаҳраки Зарнисор ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шуданд.

Баҳри пешгирии офатҳои табиӣ, омодагӣ ба мавсими зимистони соли 2019-2020, ва огоҳонидани хоҷагиҳои мавзеъҳои хавфнок дар ҷамоати шаҳракҳои Адрасмон, Консой, Зарнисор ва Навгарзани шаҳри Гулистон корҳои фаҳмондадиҳиро дар мавзӯи пешгирӣ аз офатҳои табиӣ, омодагии аҳолӣ ба давраи зимистонгузаронӣ, захира намудани маводҳои хӯрокворӣ, доруворӣ, сӯзишворӣ, ҳезум, ангишт, пешгирии аз омадани сел, шамолҳои сахт, бехатарӣ аз сухтор, маҳдуд намудани сафарҳо дар давраи боришоти

сахти борону барф ва яхобмонии заминҳо гузаронида шуд. Фаъолият дар ин самт идома дорад.

16.3. (16.3.) **Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқаррargардида, арзёби гардиданд**.

16.3. **Мавҷудият ва ба талаботи муқаррargардида ҷавобгӯ будани нуқтаҳои партовҳои маиши (полигон, свалка), ташкили супоридани лампаҳои симобдор ба нуқтаҳои коркард**.

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 33 партовгоҳи партовҳои сахти маишӣ ва 25 партовгоҳи истеҳсолӣ мавҷуданд. Партовгоҳи партовҳои сахти маишии шаҳри Хуҷанд тавассути Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Хуҷанд» бо дастгирии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, таҷдид ва азнавсозӣ карда мешавад. Дар марҳилаи якуми барномаи мазкур 18 нақлиёти махсуси партовкашонӣ ва 1584 қуттии партов дастрас гардида, дар марҳилаи дуюм дастрас намудани 19 нақлиёти махсус пешбинӣ шуда, то ин давра 13 нақлиёт ворид карда шуд. Инчунин, дар ин марҳила сохта ба истифода додани зиёда аз 100 нуқтаи партовҷамъкунӣ назардошт шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ бахри иҷрои «Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020» ва талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» ва «Дар бораи маърифати экологӣ» корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ташвиқоту тарғибот ба роҳ монда, дар матбуоти даврӣ 195 мавод ба чоп расида, ба воситаи телевизион 434 гузоришу барномаҳо намоиш дода шуданд ва дар радио 266 гузориши мустақим ва навидҳо таҳия гаштанд.

Баҳри таъмини устувории экологӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, бартараф намудани партовгоҳҳои ғайриқонунӣ корбарӣ ба таври мунтазам ба роҳ монда шуда, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати экологии шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 58 семинару сӯҳбати атрофи мизи мудаввар, 8 озмун, 16 намоишгоҳ, 850 сӯҳбат бо аҳолӣ, 299 вохӯрӣ дар мактабҳо ва 109 вохӯрӣ дар боғчаҳо гузаронида, савияи дониши экологии аҳолӣ баланд бардошта шуд.

Вобаста ба таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2011, №97 “Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор” дар шаҳру ноҳияҳо 272 нуқтаи ҷамъоварии лампаҳои корношоям таъсис Вобаста ба таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2011, №97 “Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор” дар шаҳру ноҳияҳо 272 нуқтаи ҷамъоварии лампаҳои корношоям таъсис дода шудааст, ки аз он 52 нуқтаи қабул ба корхонаҳои коммуналии шаҳру ноҳияҳо марбут мебошад. Аз соли 2011 то ин давра 474352 дона, аз ҷумла дар соли 2020 11350 дона лампаҳои симобдори корношоям ҷамъоварӣ карда шудааст.

Ташкилоту идораҳо дар асоси шартнома 152719 адад лампаҳои корношоями ҷамъоваришударо барои безараргардонӣ супоридаанд.

Дар самти пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунандаи шаҳри Хуҷанд бояд қайд намуд, ки 1101 оилаҳо дар маҳаллаҳои сатҳи оби зеризаминиашон баланд мешуда, аз ҷумла, кӯчаи 1 майи хиёбони Раҳмон Набиев ва маҳаллаи "Раззоқ" истиқомат доранд.

Дар соҳили рости дарёи шаҳр 10 адад селроҳаҳо мавҷуд мебошад, ки дарозии онҳо тақрибан 31680 метрро ташкил медиҳад.

Дар асоси қарори раиси шаҳр аз маҳаллаи 1-Май 52 оила ҳамчун муҳоҷирони экологӣ эътироф гардида, марҳила ба марҳила бо заминҳои наздиҳавлигӣ таъмин шуда истодаанд. Ҳамзамон 3 оилаи муҳоҷирони экологии соли 2019 заминҳои наздиҳавлигӣ дода, шуда, сохтмони манзили онҳо таҳти назорат мебошад. Инчунин барои боз 3 нафар муҳоҷирони экологӣ қарори раиси шаҳр "Дар бораи додани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба оилаҳои эҳтиёҷманд ва муҳоҷирони экологӣ" ба тавсиб расид.

Тибқи нақшаи чорабиниҳо оид ба баргузории аксияи "Тозагии маҳал" ва ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Раиси вилояти Суғд "Дар бораи эълон намудани 1300 рӯзи меҳнати зарбдор ба истиқболи 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар шаҳр 28 маротиба бо иштироки зиёда аз 29,3 ҳазор нафар шаҳрвандон чунин аксияҳо гузаронида шуданд.

Бо мақсади иҷрои қарори раиси шаҳри Бӯстон "Оид ба тадбирҳои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷкистон аз 3 марти соли 2011, №97 "Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор" аз 6 июни соли 2011, №170 як қатор корҳо ба роҳ монда шуда истодааст. Дар муассисаи давлатии "Раёсати хоҷагии манзилии коммуналӣ" 1 нуқтаи қабули лампаҳои симобдор ташкил карда шудааст, ки аз аҳолӣ ва корхонаю ташкилотҳои шаҳри Бӯстон лампаҳои каммасрафи корношоям барои нигоҳдорӣ қабул карда мешавад.Дар ин давра 5950 адад лампаҳои симобдори корношоям барои безараргардонидан тибқи шартнома ба соҳибкори инфиродӣ супорида шуд.

Дар ҳудуди шаҳр 6 адад нуқтаҳои қабули лампаҳои симобдор мавҷуд буда, то имрӯз 120,8 ҳазор адад лампаҳои каммасрафи симобдори корношоям ҷамъоварӣ карда шудааст.

Дар давоми соли 2020 вобаста ба ташкил намудани системаи безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор чораҳои зарурӣ андешида шуда, 31 адад санадҳо тартиб дода шуда, аз он 31 адад супориш иҷро шуда, 7 адад протокол тартиб дода шуда, шахсони мансабдор ба маблағи 1160,0 сомонӣ ва шаҳрвандон ба маблағи 1044,0 сомонӣ ҷаримабандӣ карда шудааст.

Дар ҷамоати шаҳракҳо ва маркази шаҳри Гулистон 7 нуқтаи ҷамъоварӣ ва супоридани лампаҳои симобдор фаъолият мекунанд. Ин нуқтаҳо бо контейнерҳои махсус муҷаҳҳаз гардонида шуда, аз аҳолӣ ва

корхонаю муассисаҳо дар маҷмӯъ 35987 дона лампаи симобдор қабул карда шудааст. Аз ҷумла, дар давоми соли 2020-ум 1018 адад ҷамъоварӣ гардид. Дар шаҳр нуқтаҳои коркарди лампаҳои каммасрафи симобдор вуҷуд надорад. Лекин аз тарафи соҳибкори инфиродӣ 24000 лампаҳо барои коркард ба шаҳри Исфара бароварда шуд. Алҳол 11987 лампаҳо дар нуқтаҳо мавҷуд мебошад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои ҷамъоварии лампаҳои каммасраф ва ташкили коркарди онҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқуллода ва ҳалли масъалаҳои аҳолии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта чораҳои амалӣ андешанд.

## 17. Рушди варзиш ва ҷавонон (банди 51-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди варзиш ва ҷавонон бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ** 17.1. (17.1., 17.3., 17.4., 17.5.) **Фароҳам овардани шарои барои ҷалби сокинон ба варзиш**, 17.2. (17.2.) **Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ**, 17.3.(17.6.) **Пешгирии содиршавии ҷиноят ва эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз бегонапарастӣ, арзёбӣ гардиданд**.

### 17.1. (17.1., 17.3., 17.5. ) Фароҳам овардани шарои барои ҷалби сокинон ба варзиш,

### 17.1. Нишондиҳандаҳои соҳаи кор бо ҷавонон;

Шумораи умумии ҷавонони вилоят 930900 нафар буда, аз онҳо 463600 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Шумораи ҷавонони роҳбарикунанда дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳристон +3 нафар (4 нафар роҳбарикунанда), Хуҷанд +1 (9 нафар), Бӯстон -+0 (27 нафар), Гулистон +-0 (36 нафар), Кӯҳистони Мастчоҳ +4 нафар (11 нафар), Истиқлол +-0 (26 нафар), Конибодом +4 (22 нафар), Мастчоҳ +-0 (40 нафар), Спитамен +2 (7 нафар), Панҷакент +2 (12 нафар), Айнӣ -+0 (4 нафар), Истаравшан +1 (21 нафар), Ҷаббор Расулов +4 нафар (8 нафар роҳбарикунанда), Ашт 13 нафар, Зафаробод +1 (32 нафар), Исфара +36 (49 нафар) ва Бобоҷон Ғафуров -4 (8 нафар) ташкил медиҳад, ки ба пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияи болозикрро барои баланд бардоштани нишондиҳандаи дастгирии ҷавонони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда ба миён омадааст.

17.3. **Дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, бунёд кардани як толор ва як майдони варзишӣ (банди 82 паём) (бо**

**иловаи маълумоти шумораи маҳалҳои аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд ва мавҷудияти толор/майдончаи варзишӣ дар онҳо)**;

Мувофиқи маълумоти оморӣ 2673 иншооти варзишӣ новобаста аз шакли моликият дар вилоят ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 46 варзишгоҳ, 1845 майдончаи варзишӣ, 567 толори варзишӣ, 34 ҳавзи шиноварӣ ва 181 маҷмаа, иншооти махсуси варзишӣ аз қабили тир, боулинг, фитнес ва клубҳои ихтиёрӣ фаъолият менамоянд.

Ҳамзамон, дар соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар маҷмӯъ 39 иншооти варзишӣ, аз ин 9 толори варзишӣ ва 28 майдончаи варзишӣ, 1 маҷмааи варзишӣ ва 1 ҳавзи шиноварӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба маблағи 28130,0 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби соҳибкорон ба маблағи 10727.0 ҳазор сомонӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Бо ҷалби соҳибкорон ва шахсони эҳсонкор дар давоми даҳ соли оянда дар ҳар деҳа ва маҳалли аҳолинишин, ки зиёда аз 100 хоҷагӣ доранд, бунёд намудани як толор ва майдони варзишӣ аз ҷониби шаҳру ноҳияҳо корбарӣ намуда, дар шаҳри Хуҷанд 10 толор ва 15 майдончаи варзишӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо ба таври зайл нақшагузорӣ карда шудааст, аз ҷумла Кӯҳистони Мастчоҳ 8/11, Бобоҷон Ғафуров 12/33, Айнӣ 7/13, Спитамен 1/2, Ҷаббор Расулов 3/7, Бӯстон 3/10, Конибодом 5/10, Зафаробод 0/5, Ашт 29/28, Истиқлол 2/6, Исфара 2/14, Истаравшан 7/3, Шаҳристон 0/1 мебошад.

Баҳри ҳарҷӣ бештар ҷалб намудани сокинон ба варзиш шумораи иншоотҳои варзишӣ нисбат ба аввали сол дар шаҳри Хуҷанд +10 адад зиёд гардида, ба 275 адад расонида шуд. Ин нишондод дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 311 адад, Конибодом +8 адад (196 адад), Панҷакент +45 адад (195 адад), Айнӣ +1 адад (83 адад), Спитамен +16 адад (153 адад), Ашт +7 адад (174 адад), Зафаробод +2 адад (82 адад), Деваштич +9 адад (115 адад), Гулистон -+0 адад (126 адад), Исфара 63 адад, Бӯстон 118 адад, Кӯҳистони Мастчоҳ +2 адад (36 адад), Ҷаббор Расулов +2 адад (42 адад), Бобоҷон Ғафуров +3 адад (247 адад), Шаҳристон +4 адад (61 адад), Мастчоҳ +6 адад (81 адад), Истиқлол +11 адад (74 адад) ташкил медиҳад, ки ба таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи варзиш таъсири мусбӣ мерасонад.

Шумораи нисбатан зиёди бунёди иншооти варзишӣ дар шаҳрҳои Конибодом, Панҷакент, Хуҷанд ва ноҳияҳои Ашт, Бобоҷон Ғафуров, Спитамен ба назар расида, шароити мусоидро баҳри ҳарчи бештар ҷалб намудани ҷавонон ба варзиш фароҳам оварда, шумораи ками иншооти варзишӣ дар шаҳрҳои Гулистон, Исфара, Истаравшан бе тағйир буда, ба нишондиҳандаи рушди соҳаи варзиш таъсири мусбӣ расонида нашуда, тавқият бахшидани фаъолиятро тақозо менамояд.

### 17.4. **Оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим, омодасозии варзишгарони касбӣ, баргузор намудани мусобиқаҳои гуногун аз рӯи ҳамаи намуди варзиш (банди 85 паём)**;

Мувофиқи маълумоти оморӣ 2673 иншооти варзишӣ новобаста аз шакли моликият дар вилоят ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 46

варзишгоҳ, 1845 майдончаи варзишӣ, 567 толори варзишӣ, 34 ҳавзи шиноварӣ ва 181 маҷмаа, иншооти махсуси варзишӣ аз қабили тир, боулинг, фитнес ва клубҳои ихтиёрӣ фаъолият менамоянд.

Баҳри ҳарчӣ бештар ҷалб намудани сокинон ба варзиш дар шаҳри Хуҷанд 275 адад, шаҳри Истаравшан 311 адад, шаҳри Конибодом 196, шаҳри Панҷакент 195, шаҳри Истиқлол 74, ноҳияи Спитамен 153, ноҳияи Ашт 174, ноҳияи Зафаробод 82, ноҳияи Айнӣ 83 адад, ноҳияи Деваштич 115, шаҳри Гулистон 126, Исфара 63 адад, шаҳри Бӯстон 118, ноҳияи Мастчоҳ 81, ноҳияи Шаҳристон 61, ноҳияи Ҷаббор Расулов 42, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 36, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 247 адад иншооти варзишӣ фаъолият дошта, барои таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи варзиш шароит фароҳам оварда шудааст.

Дар давоми соли равон аз вилоят дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ варзишгарони вилоят иштироки намуда 2 медали тилло, 5 медали нуқра, 8 медали биринҷӣ ба даст овардаанд.

Варзишгарони шаҳру ноҳияҳо аз рӯи натиҷаҳои мусобиқаҳои варзишӣ аз ноҳияи Мастчоҳ 920 адад (310 тилло, 240 нуқра, 370 биринҷӣ), Исфара 497 адад (140 тилло, 164 нуқра, 193 биринҷӣ), Гулистон 590 адад (163 тилло, 189 нуқра, 238 биринҷӣ), Исфара 538 адад (142 тилло, 175 нуқра, 221 биринҷӣ), Бӯстон 711 адад (253 тилло, 225 нуқра, 233 биринҷӣ), Ҷаббор Расулов 604 адад (186 тилло, 182 нуқра, 236 биринҷӣ), Деваштич 100 адад (25 тилло, 25 нуқра, 50 биринҷӣ), Ашт 289 адад (95 тилло, 87 нуқра, 107 биринҷӣ), Спитамен 270 адад (81 тилло, 86 нуқра, 103 биринҷӣ), Зафаробод 188 адад (79 тилло, 55 нуқра, 54 биринҷӣ) Истиқлол 119 адад (42 тилло, 45 нуқра, 32 биринҷӣ), Конибодом 68 адад (15 тилло, 17 нуқра, 36 биринҷӣ), Панҷакент 163 адад (78 тилло, 85 нуқра, 61 биринҷӣ) ба даст оварданд.

17.5. **Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон (банди 85 паём)**

Дар соли 2020 аз ҷониби соҳибкорон ва шахсони саховатпеша дар шаҳру ноҳияҳои 30 адад иншоотҳои варзишӣ сохта ба истифода дода шуданд, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 5 адад, Исфара 6 адад, Конибодом 4 адад, Шаҳристон 1 адад, Ашт 5 адад, Бобоҷон Ғафуров 2 адад, Мастчоҳ 1 адад, Ҷаббор Расулов 2 адад, Панҷакент 1 адад, Спитамен 1 адад, Истаравшан 2 адад.

17.2. (17.2.) **Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ**

Нақшаи тирамоҳии даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар иҷро гардида, нақша 2623 нафар иборат буда, иҷро 2637 нафарро ташкил намудааст, ки ин 100,1% буда, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 100,3%, ноҳияи Шаҳристон 102,0%, ноҳияи Айнӣ 101,2%, ноҳияи Зафаробод 102,2%, ноҳияи Деваштич 100,6%, ноҳияи Мастчоҳ 100,0%, шаҳри Истаравшан 100,8%, ноҳияи Спитамен 101,2%, ноҳияи Ашт 100%, шаҳри Конибодом 100%, шаҳри Исфара 100,0%, шаҳри Хуҷанд 100,7%, шаҳри Панҷакент 100,4%, шаҳри Истиқлол 100%, шаҳри Гулистон 100%,

шаҳри Бӯстон 102,8%, ноҳияи Ҷаббор Расулов 100% ва ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ 100%-ро ташкил додааст.

### 17.3.(17.6.) **Пешгирии содиршавии ҷиноят ва эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз бегонапарастӣ**

Ҷиҳати пешгирии содиршавии ҷиноят ва эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз бегонапарастӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсии ҷавонон, шинос намудани онҳо бо дастовардҳои солҳои соҳибистиқлолии кишвар, инчунин пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ, тарғиби либоспӯшии миллӣ ва саҳм гузоштани ҷавонон ба корҳои ободониву бунёдкорӣ дар байни ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят мунтазам корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ гузаронида шуда истодааст.

Аз ҷумла, дар шаҳри Хуҷанд бо ҷалби аъзоёни “Пайравони Пешвои миллат” дар байни наврасону ҷавонон зиёда аз 30 вохӯриву мулоқотҳо доир намуданд.

Чунин мулоқоту вохӯриҳо дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан 74, Бобоҷон Ғафуров 64, Панҷакент 53, Шаҳристон 63, Мастчоҳ 24, Гулистон 131 ва Кӯҳистони Мастчоҳ 46 вохӯриҳо ташкил карда шуданд.

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ашт, Истиқлол, Айнӣ, Исфара, Спитамен, Конибодом оид ба банди 17.6 маълумот пешниҳод нагардид.

Мушкилиҳо: дар ноҳияи Шаҳристон мавҷуд набудани бинои маркази ҷавонон, дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ таъмирталаб будани майдончаҳои варзишӣ дар деҳоти ноҳия; бунёди толорҳои варзишӣ дар деҳаҳои калон, Дар деҳаҳои дурдасти ноҳияи Зафаробод зарурияти сохтани майдончаҳои варзишӣ, дар ноҳияи Деваштич баҳри пешбурди кори соҳа зарур ҳисобида мешавад, ки дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия воҳидҳои корӣ вобаста ба самти кор бо ҷавонон ташкил карда шавад. Дар шаҳри Бустон пурзӯр намудани кор дар ҳамбастагӣ бо дигар сохторҳои дахлдор, ҷиҳати пешгириии шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои номатлуб ва сохтмони маркази ҷавонон дар шаҳр, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров нокифоя будани маблағгузории Барномаҳои соҳаи варзиш,

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор пурзӯ намудани корҳои тарғиботӣ ҷиҳати шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои тундрав, баҳри мукаммал ва дар сатҳи зарурӣ баргузор намудани машғулиятҳои варзишӣ ва дар ин замина тайёр намудани варзишгарони беҳтарин, ҷиҳати таъмин намудани таҷҳизотҳои варзишӣ дар мактабҳои варзишӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

## 18. **Рушди соҳаи сайёҳӣ**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сайёҳӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ**, 18.1. (18.1., 18.2., 18.3.) **Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ, арзёбӣ гардиданд**.

18.1. (18.1., 18.2., 18.3.) **Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ**

18.1. **Андешидани тадбирҳо ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, бунёд ва беҳтар намудани шароити инфрасохтори сайёҳӣ, экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ (банди 41 паём)**

Ҳоло дар вилояти Суғд 40 ширкати сайёҳӣ ва 2 ташкилоти ҷамъиятӣ – Шӯрои рушди сайёҳӣ ва Ассотсиатсияи рушди сайёҳии Зарафшон фаъолият мебаранд. Дар соли 2020 3 ширкати сайёҳӣ таъсис ёфтааст.

Ба истиқболи ҷашни 5500-солагии Саразм дар вилоят 12 хатсайри нави сайёҳӣ таъсис ёфта, бо назардошти талаботу дархости сайёҳон ва мавсими сайру саёҳат муҳлати онҳо аз 6 то 15 рӯзро дар бар мегирад.

Ҳамзамон, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 90 меҳмонхонаю осоишгоҳ бо ғунҷоиши 7000 ҷой, 44 осорхона ва 753 мавзеи таърихӣ, 97 зиёратгоҳ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Панҷакент, Истаравшан, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов, Ашт, Деваштич, Спитамен, Шаҳристон, Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ фаъолият мебаранд.

Дар давраи ҳисоботӣ бояд зикр намуд, ки ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ дар шаҳри Хуҷанд 10 муассисаҳои сайёҳӣ ба монанди ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди “Спутник”, “Саёҳати олӣ”, “Олами саёҳат”, “Ҷаҳонгард”, “Алп Сомон-тур”, “Панҷистон”, филиали ҶДММ “Вояжпур”, филиали ҶДММ “Шоҳинтур”, Ассотсиатсияи тараққиёти туризми “Зарафшон” ва муассисаи давлатии Маҷмааи фарҳангию таърихии “Қалъаи Хуҷанд” фаъолият бурда истодаанд.

Бо мақсади ҷалби сайёҳони дохилӣ ва ҳам хориҷӣ хатсайрҳои нави “Қалъаи Хуҷанд”, “Душанбе-пойтахти Тоҷикистон”, “Кӯҳистони нишот”, “Водии ҳунармандон”, “Панҷакенти бостонӣ”, “Зебогии кӯҳҳои Шаҳристон”, “Конибодоми таърихӣ”, “Бахри тоҷик” ва “Хони кушода” фаъолияти пурсамар доранд.

Айни ҳол, дар шаҳр барои қабули сайёҳон 14 меҳмонхонаҳо бо теъдоди 873 адад ҷойи қабули меҳмонон фаъолият намуда истодаанд. Барои сайёҳон 15 адад нуктаҳои фурӯши маҳсулоти ороишӣ аз сангҳою металлҳои қимматбаҳо, тӯҳфаҳои хотиравӣ, намунаҳои ҳунарҳои дастии ҳунармандон фаъолият менамояд.

Давоми соли 2020 дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар ҷамоати деҳоти Ғозиён минтақаи сайёҳӣ маркази табиатшиносии "Гӯшаи табиати зинда" ба истифода дода шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Конибодом оид ба самти роҳандозии соҳаи сайёҳӣ ёдгории Мадрасаи Бибиойим бо кӯмаки Сафорати ИМА мавриди тармиму навсозӣ қарор дода шуд.

Дар ноҳияи Шаҳристон ҷиҳати бунёди инфрасохтори муосири сайёҳӣ ва дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ тадбирҳо андешида шуда, соли 2020 дар мавзеи “Хуррамдара”-и Ҷамоати деҳоти Шаҳристон бинои истироҳатгоҳи Бонки миллӣ бо тамоми шароити муосир барои қабули сайёҳон мутобиқ гардонида шудааст.

Ноҳияи Мастчоҳ нисбатан навтаъсис буда, мавзеъҳои таърихӣ, кишваршиносӣ ва истироҳатӣ кам дошта бошад ҳам, вале соҳибкорони ноҳия дар бунёди инфрасохтори сайёҳӣ саҳми арзанда доранд. Соҳибкор Султонов Ниёз осоишгоҳ – маркази ташхисию табобатии "Сино" ва соҳибкор Акрамова Ситорамо осоишгоҳ – маркази ташхисию табобатии "Моҳрӯз" ташкил намудаанд, ки дар ин муассисаҳо дар баробари сокинони ноҳия, сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ саломатии худро барқарор намуда истодаанд. Инчунин аз саҳми соҳибкорон Ҳасанова Сафия тарабхонаи замонавӣ барои 50 ҷойи нишаст, Ҳокимов Ботур қаҳвахона барои 40 ҷойи нишаст, Аҳмадов Наврӯз ошхонаи таъомҳои миллӣ барои 100 ҷойи нишаст бунёд намуда, ба истифода додаанд, ки ҷавобгӯйи талаботҳои муосир мебошанд. Ҳамчунин дар шаҳраки Бӯстон сохтмони осорхонаи таърихӣ - кишваршиносӣ аз тарафи соҳибкор Мирзо Шукурзода, меҳмонхона барои 50 ҷой аз тарафи соҳибкор Сафаров С. оғоз гардидааст. Барои хизматрасонӣ ба сайёҳон дар гузаргоҳи сарҳадии Фотеҳобод, маркази хизматрасонии бонкӣ, маркази хизматрасонии алоқаи мобилии TSLL, иншооти муосири сарироҳии беҳдоштию санитарӣ бо оби гарму хунук, як ҳуҷраи ҳаммом, наклиёти мусофиркашонии таксӣ амал мекунад.

Дар шоҳроҳи байналмиллалии Душанбе-Бӯстон-Чанок насби аломатҳо ва нишонаҳои сарироҳӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва хориҷӣ ба роҳ монда шудаанд.

Дар шаҳри Истаравшан рушди инфрасохтори сайёҳӣ, яке аз омилҳои муҳими рушди соҳа ба шумор рафта, дар ҳудуди шаҳр 4 адад меҳмонхона, 1 хостел, 5 осоишгоҳ, 153 ёдгориҳои таърихӣ ва осорхонаву мавзеъҳои ҳунарҳои мардумӣ мавҷуд мебошанд, ки барои рушди инфарсохтори соҳа заминаҳо фароҳам овардаанд. Ҳамзамон аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр бо ҳамкории соҳибкорон роҳҳо ва мавзеъҳои таърихӣ таъмир шуда истода, дар соли ҷорӣ 5 адади иншооти сайёҳӣ ба ба истифода дода шуда, 13 адад хатсайрҳои сайёҳӣ амал мекунад.

Дар ноҳияи Айнӣ рушди соҳаи сайёҳӣ бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ такмил додани инфрасохтор дар мавзеҳои сайёҳии ноҳия аз қабили "Искандаркул", "Кулҳои Аловуддин", "Дараи Яғноб", мавзеъҳои таърихӣ рафта истода 2 ширкати сайёҳӣ, аз ҷумла намояндагии ширкатҳои сайёҳии мамлакат ва ноҳия амал мекунанд. Дар мавзеи Саратоғ минтақаи сайёҳии мавсимии шаҳраки хаймаҳо фаъолияти худро оғоз кард.

### 18.2. **Мукаммал гардонидани низоми омори соҳаи сайёҳӣ, раванди баҳисобгирии сайёҳон ва шаклҳои ҳисоботдиҳии оморӣ**

Дар соли 2020 дар вилоят теъдоди сайёҳони ташрифоварда 621 нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5 ҳазору 666 нафар кам мебошад.

Нишондиҳандаи шумораи сайёҳони хориҷӣ, ки ба шаҳру ноҳияҳои вилоят ташриф овардаанд, нисбат ба соли гузашта дар шаҳри Панчакент -33843 (185 нафар), ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ -89 (6 нафар), Хуҷанд -2930 (745 нафар), Истаравшан -2463 (122 нафар),

Истиқлол -25 (2 нафар), Айнӣ -1504 (117 нафар), Ашт -324 (20 нафар), Гулистон -4048 (1183 нафар), Зафаробод -91 (43 нафар), Спитамен -802 (150 нафар), Ҷаббор Расулов -334 (135 нафар), Бӯстон -428 (262 нафар), Бобоҷон Ғафуров -2339 (118 нафар) бинобар сабаби паҳншавии бемории сироятии коронавирус COVID-19 кам гардида, дар шаҳри Конибодом +88 (321 нафар) ва ноҳияҳои Мастчоҳ +30 (30 нафар), Шаҳристон +63 (250 нафар) зиёд буда, барои сайёҳон мавзеҳои сайёҳии ин ноҳияҳо ҷалбкунанда ба ҳисоб меравад.

Дар соли ҷорӣ ҳаҷми хизматрасонӣ дар меҳмонхонаву осоишгоҳҳои шаҳри Гулистон ба 18 млн. 137,7 ҳазор сомонӣ расонида шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 16 млн. 778,9  сомонӣ кам, ё худ 52,0 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ин давра 1183 меҳмонони хориҷӣ ва 19620 истироҳаткунандагони дохилӣ ба осоишгоҳу меҳмонхонаҳои шаҳр ташриф оварданд, ки дар маҷмӯъ 20803 нафар истироҳат намуданд.

Дар соҳаи туризм зиёда аз 397 нафар бо кори доимӣ таъмин шуда, музди миёнаи маоши онҳо 1480 сомониро ташкил медиҳад. Тадриҷан сол то сол баробари афзоиши шумораи кормандони осоишгоҳҳо, ҳамчунин музди маоши онҳо низ зиёд мегардад.

Дар маҷмӯъ осоишгоҳҳо ва меҳмонхонаҳои шаҳр 3,2% ҳиссаи буҷети давлатиро таъмин карда, ҳиссаи туризм дар ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ бошад 49,2% ташкил медиҳад.

ҶДММ «Баҳористон» яке аз муассисаи калонтарини истироҳатӣ дар ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, ҳамасола теъдоди ташрифи сайёҳон зиёд мегардад. Дар давоми соли ҷорӣ дар осоишгоҳ 11884 нафар сайёҳ кабул карда шудааст, ки аз он 986 нафар сайёҳони ташрифоварда аз хориҷи кишвар мебошанд.

Дар давоми соли соли ҷорӣ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов гардиши маблағи умумии соҳаи сайёҳц аз хизматрасонии меҳмонхона, тарабхона ва ошхона ба маблағи 961,3 ҳазор  сомонц ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 млн. 863,9 ҳазор сомонц ташкил дода дар муыоиса нисбат ба ьамин давраи соли гузашта 2 млн. 902,6 ьазор сомонц кам гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки аз сабаби паҳншавии бемории сироятии коронавирус COVID-19 дар тамоми ҷаҳон, рафтуомади сайёҳон ба давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла ба ҷумҳурии мо низ коҳиш ёфтааст.

### 18.3. **Таъсиси сомонаҳои интернетӣ, маъмурӣ, хизматрасонии ва сайёҳӣ дар вилояту шаҳру ноҳияҳо;**

Натиҷаҳои омӯзиши иқтидори сайёҳӣ нишон медиҳад, ки вилоят вобаста ба хусусиятҳои ҷуғрофии худ дорои имкониятҳои зиёд барои рушди саёҳати экологӣ мебошад, ки асоси онро табиати нодир, манзара, обҳои мусаффо, кӯл ва сарчашмаҳои обҳои шифобахш, боғ, наботот, ҳайвоноти нодир ташкил медиҳанд.

Бо мақсади баланд бардоштани ҳисси худшиносию худогоҳии миллӣ ва бедор намудани ҳисси ифтихори насли наврас аз табиати биҳиштосо ва таърихи пурғановати кишвар саёҳати хонандагони муассисаҳои таълимии вилоят ба мавзеъҳои сайёҳӣ ва таърихию фарҳангӣ роҳандозӣ гардида, дар давраи ҳисоботӣ зиёда аз 10,0 ҳазор нафар ҷавонону наврасони вилоят аз ин сафарҳо ғизои маънавӣ бардоштанд.

Қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №80 "Дар бораи "Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2020" асос барои рушди минбаъдаи соҳа мебошад.

Дар заминаи санадҳои қабулшуда рушди инфрасохтори соҳа тавсеа ёфта, намудҳои нави хизматрасонии соҳа роҳандозӣ шуда истодаанд.

Дар ду муассисаи таълимии вилоят - Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ва факултаи географияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бо ихтисоси менеҷменти сайёҳӣ кадрҳои соҳаи сайёҳӣ омода карда шуда истодаанд.

Ширкатҳои сайёҳӣ дар самти сайёҳии экологӣ, фарҳангӣ, тиҷоратӣ, таърихӣ – этнографӣ, табобатӣ, экскурсионӣ, мусоидат барои гирифтани раводид, шиносномаи хориҷӣ ва дастрас намудани чиптаҳои ҳавопаймоӣ хизмат мерасонанд. Бахри рушди сайёҳии воридотӣ низ ширкатҳои сайёҳӣ барои ташвиқу тарғиб, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва ташкил намудани хатсайрҳои наву ҷолиби диққат фаъолияти худро равона менамоянд.

Бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ, омӯзиш ва таҳлили вазъи ҳуқуқию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, қарори раиси вилоят аз 7 майи соли 2018, №178 «Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсозии соҳаи сайёҳӣ дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд» ба тасвиб расида, дар ин давра, сомонаи сайёҳии вилоят бо 5 забон омода шуда, харитаи сайёҳӣ, китоби "Туризм и ремесло" ва роҳнамои сайёҳӣ дар ин сомона ҷойгир карда шуда, дар шабакаи интернет фаъол гардид.

Илова бар ин, оид ба пешниҳод намудан ба меҳмонони дохиливу хориҷӣ харитаи сайёҳӣ, китоби раҳнамои сайёҳии вилоят ва "Туризм и ремесло" (северный Таджикистан) бо забонҳои хориҷӣ, маҷаллаи «Tajikistan`s Guide», фитта ва буклетҳо аз нав таҳия гардиданд, ки имкониятҳои сайёҳиро муаррифӣ менамоянд.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҷиҳати огоҳӣ пайдо намудан аз ҷойҳои таърихию сайёҳии ноҳия ва пешниҳод намудан ба сайёҳони хориҷӣ китоб бо номи "Ноҳияи Бобоҷон Ғафуров макони сулҳ ва дӯстӣ" бо 3 забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) ва брашураҳо нашр карда шудаанд. Ҳамзамон дар назди филиали китобхонаҳои ноҳия ва фурудгоҳи байналмилалии "Хуҷанд", ки дар ҳудуди ноҳия ҷойгир мебошад, гӯшаи иттилоотии сайёҳӣ ташкил карда шудааст. Инчунин ҳамаи ин маводҳо дар сомонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҷойгир мебошад.

Тибқи нақшаи чорабинии "Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020" дар ноҳияи Шаҳристон дар бинои китобхонаи марказии ноҳия, ки дар он осорхонаи таърихии ноҳия

фаъолият дорад, маркази иттилоотӣ ташкил карда шуд, дар он харитаи сайёҳӣ, феҳристи хатсайри сайёҳӣ, маълумотҳо дар бораи мавзеҳои ҷойгиршавӣ ва таърихи ёдгориҳои таърихӣ ва мавзеъҳои сайёҳӣ бо назардошти феҳрести хатсайри сайёҳӣ насб карда шудааст. Барои рушди соҳаи сайёҳи дар ноҳия ва истироҳати сайёҳони хориҷиву дохилӣ аз тарафи масъулини соҳаи сайёҳии ноҳия маҷаллаи сайёҳии "Шаҳристон – воситаи муҳими рушди сайёҳӣ" бо забонҳои тоҷики ва русӣ омода карда шудааст.

Инчунин ҷиҳати таъсиси сомонаҳои интернетӣ ва маъмурӣ, хизматрасонии сайёҳӣ дар ноҳия тадбирҳо андешида, дар ин давра сомонаи сайёҳии ноҳияи Шаҳристон бо номи Shahriston.tajtravel.tj ташкил карда шуд, ки дар он пахши маводҳо оид ба мавзеъҳои сайёҳии ноҳия корҳо ба роҳ монда шудааст.

Дар шаҳри Истаравшан дар ҳамкорӣ бо Ширкати сайёҳии "Тоҷикистон-тревел" сомонаи интернетии сайёҳӣ таъсис дода шуд, ки дар он маълумотҳои ҷолиб оид ба шаҳр ва имкониятҳои сайёҳӣ мунтазам ба роҳ монда шудаанд.

Бо мақсади тарғибу имкониятҳои сайёҳии шаҳри Гулистон мунтазам дар шабакаҳои телевизиони ҷумҳуриявию вилоятӣ роликҳо ва дар фурудгоҳ иттиллот насб карда шудааст.

Ҳамзамон, бо мақсади ҳар чӣ бештар ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ ба кишвар, осоишгоҳҳои Баҳористон, Шифо, урдугоҳи Шоҳин ва меҳмонхонаи маркази таълимии «Бонки миллии Тоҷикистон» дар шабакаи интернет сомонаи расмии худро таъсис дода, дар он маълумотҳо оид ба намудҳои хизматрасонии табобатӣ, нархи дастрас ва бо тариқи электронӣ захира (брон) намудани ҷойҳои истироҳатӣ ҷойгир намудааст.

Дар шаҳри Хуҷанд сомонаи сайёҳии khujand.tajtravel.tj бо 1800 символ ва се забон дар марҳилаи коркард қарор дошта, рӯзҳои наздик фаъол карда шуда, маводҳои тарғиботӣ оид ба манзараҳои сайёҳии шаҳрро муаррифӣ менамояд. Инчунин зиёда аз 10 адад роликҳои тарғиботӣ доир ба манзараҳои шаҳр вобаста ба фаслҳои сол таҳия гардида, тариқи шабакаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ намоиш дода шуд ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва Ютуб ҷойгир карда шуд.

Бо мақсади муаррифии имкониятҳои сайёҳии минтақа ва беҳтар намудани дастрасӣ ба иттилоотӣ соҳа, сомонаи сайёҳии ширкатҳои сайёҳии шаҳри Панҷакент ва ташкилоти ҷамъиятии Шурои Зарафшон оид ба рушди сайёҳӣ фаъол буда, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ маводи зарурӣ ҷой дода шудааст. Барои манзур кардан ба сайёҳони дохиливу хориҷӣ харитаи сайёҳӣ, хатсайрҳои нави сайёҳӣ, бо забонҳои хориҷӣ таҳия ва нашр гардид. Инчунин, маҷаллаи роҳнамои Панҷакент "Panjakent city" дар таҳрири нав нашр шуд.

Мушкилиҳо: дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ набудани марказҳои сайёҳӣ ва меҳмонхонаҳои замонавӣ ба назар мерасад, ки ба рушди сайёҳӣ монеа эҷод менамояд.

Пешниҳод: Бо дарназардошти муваффаққияу норасогиҳои дар ҳисоботҳо вобаста ба ин банд дарҷгардида, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии

сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, сохтмони меҳмонхонаҳои замонавӣ, таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, таъсиси ширкатҳои сайёҳӣ ва дақиқ ба роҳ мондани ҳисоботи оморӣ вобаста вуруди сайёҳони хориҷӣ мусоидат намоянд.

## 19. Баробарии гендерӣ
## (банди 80-и паём)

### 19.1. (19.1.) Иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ

### 19.1. Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМҲД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, аз ҷумла дар бонкҳо

Дар ин давра ҷиҳати баланд бардоштани мақом ва нақши зан дар ҷомеа, татбиқи Барномаҳои давлатӣ чораҳои зарурӣ андешида шуданд. Бо мақсади бештар ҷалб намудани занон ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва татбиқи «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», ба омӯзиши касбу ҳунар ва бо ҷойи кор таъмин намудани занону духтарон корҳои муайян ба иҷро расиданд.

Имрӯз занон дар ҳамаи соҳаҳо фаъол буда, дар таҳкими раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят саҳмгузоранд. Аз 1,3 млн. нафар занону духтарони вилоят 9726 нафарашон занони роҳбарикунанда ва 1242 нафарашон хизматчии давлатӣ маҳсуб меёбанд.

Алҳол, аз ҳисоби занони вилоят 3 нафар узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 нафар вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 нафар вакили Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд, 186 нафар ба Маҷлиси вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо ва 908 нафар вакилони халқи ҷамоатҳо интихоб гардидаанд. Дар вилоят 6 нафар занон дорои унвони баланди Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, 236 қаҳрамонмодар, 561 нафар сазовори ордену медалҳо, 153 барандаи унвону ҷоизаҳои давлатӣ, 51 дорандаи “Медали шоиста”, 12 нафар доктори илм, 303 нафар номзади илм ва 139 нафар варзишгарони номвар мебошанд.

Дар вилоят 52 нафар гирандагони стипендияи Президентӣ ва 61 нафар гирандагони стипендияи раиси вилоят аз ҳисоби занону духтарони болаёқату фаъол мебошанд.

Аз 26106 нафар заноне, ки дар соҳаи маориф фаъолият доранд, 686 нафар Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Тибқи маълумоти пешшниҳоднамудаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди занон нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 аз ҳисоби умумии хизматчиёни давлатии вилоят 11 нафар ва дар мансабҳои роҳбарикунанда бошад 10 нафар зиёд шудааст.

Ҳамзамон дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои онт теъдоди занон 26,1 фоиз, аз ҷумла дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят 31,4 фоиз, шаҳри Хуҷанд 45,2 фоиз,

шаҳри Истаравшан 14,1 фоиз, шаҳри Исфара 35,6 фоиз, шаҳри Гулистон 42,2 фоиз, шаҳри Конибодом 33,9 фоиз, шаҳри Панҷакент 19,5 фоиз, шаҳри Истиқлол 48,1 фоиз, шаҳри Бустон 39,5 фоиз, ноҳияи Ашт 26,0 фоиз, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 39,2 фоиз, ноҳияи Айнӣ 16,0 фоиз, ноҳияи Деваштич 16,4 фоиз, ноҳияи Зафаробод 18,7 фоиз, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 9,4 фоиз, ноҳияи Мастчоҳ 13,4 фоиз, ноҳияи Спитамен 30,5 фоиз, ноҳияи Ҷаббор Расулов 19,4 фоиз, ноҳияи Шаҳристон 13,3 фоизро ташкил медиҳад.

Шумораи занҳои роҳбарикунанда мувофиқ ба шаҳру ноҳияҳо дар шаҳри Истиқлол 5 нафар (+1) буда, дар шаҳри Хуҷанд 1216 нафар, дар ноҳияи Зафаробод 4 нафар, дар шаҳри Исфара 493 (+2) нафар, дар ноҳияи Шаҳристон 4 нафар, шаҳри Истаравшан 4 нафар (+1), дар шаҳри Бӯстон 7 нафар, дар шаҳри Гулистон 35 нафар, дар шаҳри Панҷакент 4 нафар, дар ноҳияи Мастчоҳ 8 нафар, дар ноҳияи Ҷаббор Расулов 3 нафар, дар ноҳияи Деваштич 6 нафар, дар ноҳияи Ашт 4 нафар, Спитамен 16 нафар, дар ноҳияи Айнӣ 3 нафар, дар шаҳри Истиқлол 5 нафар (+1 ) нафар, дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ 3 нафар, дар шаҳри Гулистон 3 нафарро ташкил додааст, ки дар сатҳи муайян иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ таъмин карда шудааст.

Шумораи занҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда дар шаҳри Конибодом 4 (-2) нафар ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 166 (-5) нафар нисбат ба соли гузашта кам гардида, тақвият додани фаъолиятро дар ин самт тақозо менамояд.

Мушкилиҳо: Дар ноҳияи Зафаробод норасогии таҷҳизоту дастгоҳҳои ҳозиразамон барои хизматрасонӣ дар соҳаи савдо, кам будани имтиёзҳо ва баланд будани фоизи қарзи бонкҳо ба назар мерасад, , дар шаҳри Конибодом нокифоя бурдани корбарӣ дар самти мустаҳкамии оилаҳои ҷавон ва норасоии корӣ дар ҷамоатҳои деҳот, андешидани чораҳо ҷиҳати баргардонидани хатмкунандагони мактабҳои олӣ барои фаъолияти корӣ дар ташкилоту муассисаҳои шаҳр, махсусан аз ҳисоби духтарони хатмкунандагони Донишгоҳи давлати тиббии Тоҷикистон, маблағгузорӣ нашудани консепсия, стратегия ва барномаҳои кадрии соҳавӣ марбут ба занон ва оила, баҳри саривақт иҷро намудани бандҳои ҷудогонаи нақшаи амал, дар ноҳияи Деваштич барои пешбурди кори соҳа ташкили воҳиди кории равоншинос ва ҳуқуқшинос дар назди бахши кор бо занон ва оила ва таъсиси воҳиди корӣ дар Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид дар самти иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ, инчунин пешбарии занҳои фаъол ба вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолияти ҳамоҳангсозиро тақвият бахшанд.

20. **Маълумот оид ба рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ**:

20.1. **Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолии шаҳру ноҳияҳо ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдаст (хизматрасониҳои маишӣ)**;

Дар қаламрави вилоят 636 ташкилоту муассисаи қарздиҳию хизматрасонии бонкӣ фаъолият дорад. Аз ҷумла, 2 бонки мустақил, 4 ташкилоти амонатию қарздиҳӣ, 9 фонди қарздиҳии хурд, 109 филиали ташкилотҳои қарздиҳӣ ва 512 маркази хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонанд.

Соли ҷорӣ зери таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ бар асари паҳншавии бемории сироятии коронавирус сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ паст шуда, ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ ва ҷалби пасандозҳо коҳиш ёфтааст.

Ҳаҷми умумии маблағгузории қарзӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 ба андозаи 11,5 фоиз кам шуда, дар моҳҳои январ - ноябри соли 2020 ба 2700,7 млн. сомонӣ расонида шуд.

Ҷалби пасандози аҳолӣ дар ин давра нисбат ба соли қаблӣ 21,8 фоиз афзоиш ёфта, ба 2118,3 млн. сомонӣ баробар шуд.

Фоизи миёнавазни қарзҳои додашуда бо пули миллӣ 25,70 ва бо асъори хориҷӣ 13,47 фоиз, фоизи миёнавазни ҷалби пасандоз бо пули миллӣ 13,09 ва бо асъори хориҷӣ 4,26 фоизро ташкил медиҳад.

Ваколати танзими фаъолияти соҳа тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ба Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои он вогузор шудааст.

Дар соли 2020 ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 1106,1 млн.сомонӣ расонида шудааст, ки нисбати аввали сол - 168,1 млн. сомонӣ кам буда, ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ 182,2 ҳазор сомонӣ (-266,3 ҳазор сомонӣ), Истаравшан 262,8 млн. сомонӣ (-24,7 млн. сомонӣ), Истиқлол 13,6 млн сомонӣ (-0,3 млн сомонӣ), Конибодом 232,6 млн. сомонӣ (-19,6 млн. сомонӣ), Панҷакент 39,7 млн. сомонӣ (-9,4 млн. сомонӣ), Бобоҷон Ғафуров 738,3 млн сомонӣ (-101,5 млн. сомонӣ), Исфара 228,5 млн. сомонӣ (-6,5 млн. сомонӣ), Спитамен 58,3 млн.сомонӣ (-2,3 млн. сомонӣ), Гулистон 66,9 млн. сомонӣ (-13,6 млн. сомонӣ), Зафаробод 28,2 млн. сомонӣ (-1,4 млн. сомонӣ), Айнӣ 82,4 млн.сомонӣ (-9,9 млн.сомонӣ), Ашт 82,7 млн.сомонӣ (-7,5 млн.сомонӣ)-ро ташкил медиҳад, ки омӯзиши сабабҳои худ ва бартараф намудани камбудиҳоро талаб менамояд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Бустон 86,1 млн. сомонӣ (+3,3 млн. сомонӣ), Деваштич 42,5 млн. сомонӣ (+1,6 млн. сомонӣ), Мастчоҳ 4,3 млн. сомонӣ (+0,3 млн. сомонӣ) Ҷаббор Расулов 96,7 млн.сомонӣ (+0,289 млн.сомонӣ) ва Шаҳристон 10,0 млн. сомонӣ (+0,2 млн. сомонӣ) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта рӯ ба афзоиш дорад, ки барои таъмини суръати афзоиши ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохила шаҳру ноҳияҳо мусоидат намудааст.

Мушкилиҳо: дар ноҳияи Кӯҳиситони Мастчоҳ кам будани ҳаҷми маблағҳои қарзӣ, дар ноҳияи Зафаробод норасогии таҷҳизоту дастгоҳҳои ҳозиразамон барои хизматрасонӣ дар соҳаи савдо, кам будани имтиёзҳо ва баланд будани фоизи қарзи бонкҳо мебошад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар якҷоягӣ вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати дуруст ба ҳисоб гирифтани хизматрасониҳои пулакӣ, зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ ва ҷиҳати дастрасии он ба аҳолӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 21. **Таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ**

**Нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ**, 21.1. **Тамоюли ҷиноятҳои ба қайд гирифта ва ошкоршавии онҳо**, 21.2. (21.2., 21.3.) **Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав**, 21.3. **Корҳои анҷомдодашуда оид ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо, арзёбӣ гардиданд**.

### 21.1.**Ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо**

Аз руи маълумотҳои дастрасшудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳолати ҷиноятҳои ба қайд гирифта арзёбӣ гардиданд.

Тибқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар соли 2020, 6291 адад ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати соли 2019 87 ҳодиса кам гашта, дар шаҳру ноҳияҳои Бустон +4 адад (260 адад), Конибодом +55 адад (426 адад), Зафаробод +10 адад (149 адад), Истиқлол +2 адад (56 адад) ва Кӯҳистони Мастчоҳ +6 адад (41 адад) Гулистон +19 адад (168 адад) ва Шаҳристон +19 адад (84 адад) Ҷаббор Расулов +20 адад (312 адад), Мастчоҳ +19 (213 адад), нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҷиноятсодиркунӣ зиёд ба қайд гирифта шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд -73 адад (1307 адад), Бобоҷон Ғафуров -34 адад (698 адад), Деваштич -4 адад (243 адад), Ашт -5 адад (351 адад), Исфара -61 адад (580 адад), Панҷакент -29 адад (341 адад), Истаравшан -16 адад (401 адад), Спитамен -8 адад (263 адад), Айнӣ -20 адад (89 адад), ҷиноятсодиркунӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам шудааст, ки самаранокии фаъолияти кории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати ин шаҳру ноҳияҳо ва сохторҳои ҳудудии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шаҳодат медиҳад.

### 21.2 (21.2., 21.3.) **Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав**

### 21.2. **Шумораи ҷиноятҳо, ки аз тарафи ҷавонон содир карда шудааст**

Содир намудани ҷиноятҳо аз тарафи ҷавонон дар соли 2020 дар

шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 1438 ҳолат ба қайд гирифта шуда, аз он дар шаҳрҳои Хуҷанд 329 ҳолат, Панҷакент 78 ҳолат, Истаравшан 74 ҳолат, Конибодом 98 ҳолат, Бӯстон 71 ҳолат, Гулистон 46 ҳолат, Истиқлол 10 ҳолат ва ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 174 ҳолат, Ашт 58 ҳолат, Мастчоҳ 36 ҳолат, Спитамен 63 ҳолат, Айнӣ 20 ҳолат, Шаҳристон 12 ҳолат, Зафаробод 21 ҳолат, Исфара 99 ҳолат ошкор ва ба қайд гирифта шудааст.

21.3. **Амалҳо ва натиҷаҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав (банди 87 паём)**;

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати тарғибу ташвиқ ва фаҳмондадиҳии қонунҳо, қарорҳои Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Амру Фармонҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтавои баромадҳои Президенти мамлакат ва татбиқи амалии онҳо, тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади тақвият бахшидани корбарӣ ва ноил шудан ба натиҷаҳои воқеӣ дар самти пешгирии ҳодисаҳои даст задани шаҳрвандон ба худкушӣ ва сӯиқасд дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд гурӯҳҳои корӣ аз ҳисоби кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр, ҷамоатҳои деҳот ва кумитаҳои маҳаллӣ ташкил карда шудаанд.

Мақсади асосии таъсиси гурӯҳҳои корӣ ин омӯзиши вазъи оилаҳо, махсусан оилаҳои дар бӯҳрон қарордошта ва расонидани ёрии амалӣ ба онҳо мебошад.

Ҳайати гурӯҳи корӣ дар ҳамкорӣ бо масъулини кумитаҳои маҳаллӣ, ҷамоатҳои деҳот, нозирони минтақавии шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар натиҷаи омӯзишу таҳлилҳои амиқ оилаҳои осебпазир, аз ҷумла оилаҳои ҷанҷолӣ, майзада, мушкилоти молиявӣ, оилаҳои камбизоат ё хеле вазъи иҷтимоии ногувор, беморони рӯҳӣ дошта ва беморони ноумед гаштаро муайян намуда, ба тариқи унвонӣ бо оила ва ё шахсан корбарӣ карда шуданд.

Бо вуҷуди корҳои фаҳмондадиҳӣ дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров 2 нафар ва Айнӣ 2 нафар шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав ба қайд гирифта шудааст.

Ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2016 таҳти №776 «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чораҳои мушаххас андешида, минбаъд низ корҳои ташвиқотиву тарғиботиро дар ин самт идома хоҳад дод.

Баҳри таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013 таҳти №1504 «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020», корҳои зарурӣ бурда шуда истодаанд.

Мунтазам ҷаласаву вохӯриҳо бо раисони ҷамоатҳои деҳот, раисони кумитаҳои маҳаллӣ ва фаъолони қаламравӣ шаҳру ноҳияҳои вилоят гузаронида шуда, баҳри бартараф намудани вайронкунии талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба иҷрои талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он, барои иҷрои ваколатҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза ба зидди ҷинояткорӣ, ҳамоҳангсозии фаъолиятро бо Раёсат ва шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят тадбирҳои иловагӣ андешанд.

### 22. **Маълумот оид ба иҷрои вазифаҳои Нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.**

### 22.1 **Рафти иҷрои супоришҳои сафарҳои корӣ, ки мухлати ичроишашон дар соли 2020 пешбинӣ гардидааст.**

Бояд зикр намуд, ки дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои вилоят маълумотҳо доир ба рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар, баён доштанд пешниҳод гардидааст, ки вобаста ба ин нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо таҳия ва тасдиқ карда шуда, масъулони ичро корбарӣ намуда истодаанд.

Таҳлилҳо муайян намуд, ки амалигардонии бандҳои нақшаи чорабиниҳои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд баён доштанд, ки мухлати иҷроишашон дар соли 2020 пешбинӣ шудааст, тибқи вазифагузориҳои дар нақшаи чорабиниҳо овардашуда, аз ҷониби масъулини соҳаҳои шаҳру ноҳияҳо дар мухлатҳои муайянгардида таъмини иҷрои он тадбирҳои зарурӣ ба роҳ монда шудааст.

Бо вуҷуди он, ки дар маълумоти ҷамъбасти нимсолаи аввали соли 2020 вобаста ба таъмини иҷрои он, ки мухлати иҷрои он бандҳои Нақшаи

чорабиниҳои солҳои 2017-2019, ки муҳлати иҷроишашон дар соли 2020 ба итмом мерасид, пешниҳод гардида буд, лекин аз ҷониби масъулин дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он оид ба рафти иҷроиш маълумоти муфассал пешниҳод нагардид.

Дар соли 2020 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилоят 4 сафари корӣ анҷом ёфта, дар асоси дастуру супоришҳои зимни ин сафарҳо баёнгардида нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ тасдиқ ва дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ иборат аз 143 банд таҳия ва ба масъулин барои иҷро дастрас гардидааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он барои таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон мувофиқи Нақшаи чорабинӣ пешбинӣ гардидааст тадбирҳои зарурӣ андешанд

==